**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА**
**МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А. ДОНИШ**

ДТУ 9(092)(575.3)
ТКБ 63.3(2тоҷик)
С-20

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САИДЗОДА ИСМОИЛБЕГИ АДҲАМҚУЛ**

# САҲМИ АБДУҚОДИР МУҲИДДИНОВ ДАР ТАЪСИСИ ҶУМҲУРИИ МУХТОРИ ШУРАВИИ СОТСИАЛИСТӢ ВА ҶУМҲУРИИ ШУРАВИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 -Таърихи ватанӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои таърих,
дотсент Ғафуров А.М.

Душанбе – 2026

Мундарича

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО**......................................................................3
**МУҚАДДИМА** ..................................................................................................4
**БОБИ I. ФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТИВУ СИЁСИИ АБДУҚОДИР МУҲИДДИНОВ ДАР ЗАМОНИ АМИРӢ**................................................16
1.1. Оғози фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов (1892-1917)..........................................................................................................16
1.2. Абдуқодир Муҳиддинов ва ҳаракати ҷадидия дар Бухоро (1907-1920)..........................................................................................................30
**БОБИ II. САҲМИ АБДУҚОДИР МУҲИДДИНОВ ДАР РУШДИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ ҶХШ БУХОРО ВА РАВАНДИ ТАЪСИСЁБИИ ҶМШС ТОҶИКИСТОН**........................................................................54
2.1. Фаъолияти ҷамъиятӣ ва сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов дар ҶХШБ (1920-1924).....................................................................................................54
2.2. Абдуқодир Муҳиддинов ва таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ...................76
**БОБИ III. ФАЪОЛИЯТИ АБДУҚОДИР МУҲИДДИНОВ ДАР ДАВРАИ МАВҶУДИЯТИ ҶМШС ВА ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ ТАЪСИСИ ҶШС ТОҶИКИСТОН (1924-1934)**.................................................................100
3.1. Нақши Абдуқодир Муҳиддинов дар рушду нумуи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҶМШС Тоҷикистон ............................................100
3.2. Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси ҶШС Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи он.....................................................................................117
3.3. Инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар таҳқиқоти Абдуқодир Муҳиддинов......................................................................................................137
**ХУЛОСА**........................................................................................................151
**РӮЙХАТИ САРЧАШМА ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**...........159

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

**АИҶТ** – Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**АМИТ** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**КИМ** – Кумитаи иҷроияи марказӣ

**КМ** – Кумитаи марказӣ

**КМ ҲКУ (б)** – Кумитаи марказии Ҳизби Коммунистии умумироссиягӣ (болшевикӣ)

**КОА**– Комиссияи олии аттестатсионӣ

**КФД** – Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ

**КХКД** – Комиссариати халқии корҳои дохила

**НДТ** – Нашриёти давлатии Тоҷикистон

**ССД** – Сарраёсати сиёсии давлатӣ

**ШКЧЗ** – ширкати коркарди ҷамъиятии замин (**ТОЗ** -Товарищество по общественной обработке земли)

**ҲК** – Ҳизби Коммунистӣ

**ҲКИШ** – Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ

**ҶМШС** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶХБ** – Ҷумҳурии Халқии Бухоро

**ҶХШБ** – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро

**ҶШС** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Халқи тоҷик пас аз сукути давлати Сомониён ва дигар давлатҳои тоҷикиасоси Хуросону Мовароуннаҳр баъд аз чанд аср дар ибтидои асри XX соҳиби давлати хеш гардид. Бори аввал дар харитаи ҷаҳон номи Тоҷикистон пайдо шуд. Дар солҳои бистуми асри гузашта, дар натиҷаи Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ ва ду инқилоби иҷтимоӣ дар Россия давлати иҷтимоии синфи коргару деҳқон - Иттиҳоди Шуравӣ ба миён омад ва дар доираи он баъд аз тақсимоти ҳудудӣ-миллӣ ҷумҳуриҳои шуравӣ таъсис ёфтанд. Дар натиҷа мардуми тоҷик низ соли 1924 соҳиби Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва дар соли 1929 Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон шуданд. Вале таъсиси онҳо ба осонӣ ба даст наомада буд. Фарзандони фарзонаи миллат дар мубориза ба муқобили пантуркизм барои таъсиси ҷумҳурӣ ҷоннисорӣ намуданд. Дар байни ин фарзандони номвари миллат Абдуқодир Муҳиддинов низ буд, ки саҳми ӯ дар ин раванди тақдирсоз то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

Ҳарчанд таърихи Тоҷикистони солҳои 20-уми асри гузашта аз ҷониби олимон васеъ омӯхта шудааст, аммо то ҳол баъзе масоили он то охир мавриди баррасии илмӣ қарор нагирифтааст. Агар хизматҳои устод Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдураҳим Ҳоҷибоев аз нигоҳи илмӣ баррасӣ шуда бошанд, саҳми сиёсатмадорони дигар аз қабили Абдуқодир Муҳиддинов, Чинор Имомов, Нисор Муҳаммад, Аҳмадбек Мавлонбеков ва чанде дигрон то имрӯз аз нигоҳи таърихӣ ва бо истифода аз маводи бойгонӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст.

То ҳол фаъолияти Абдуқодир Муҳиддинов дар ҳайати ҳаракати ҷавонбухориён ва саҳми вай дар ташкили мактабҳои нав ва таъсиси аввалин рӯзномаҳои тоҷикӣ ба гушаи фаромӯшӣ рафтааст.

Бо назардошти он, ки собиқ Бухорои Шарқӣ тобеи аморати Бухоро буд, баъд аз соли 1920 - пас аз сарнагун намудани аморати Бухоро ва таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро сарзамини паҳновари Бухорои

Шарқӣ аз нав ба ҳайати он дохил гардид. Баррасии фаъолияти Абдуқодир Муҳиддинов  дар замони ҶХШ Бухоро дар мансабҳои баланди давлатӣ аҳаммияти муҳиммӣ илмӣ, амалӣ ва сиёсӣ дорад.

Дар давраи душвори мавҷудияти Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ҳайси сарвазир кор кардан ва саҳм гузоштани Абдуқодир Муҳиддинов дар аввалин дигаргунсозиҳои сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ширкати ин сиёсатмадор дар мубориза алайҳи босмачигарӣ ба таҳқиқи илмӣ ниёз дорад. Дар ин давра Абдуқодир Муҳиддинов дар поягузории аввалин сохторҳои давлатии шакли нав хизмати шоёне намудааст, ки ин масъала низ шоистаи баррасӣ мебошад.

Абдуқодир Муҳиддинов, ки дар давоми кор дар вазифаҳои масъули ҶХШБ таҷрибаи хуби корӣ пайдо карда буд, дар нимаи дуюми солҳои 20-ум барои бунёди давлати нави тоҷикон хизматҳои шоиста намудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид мефармоянд: «Ҳатто дар гузаштаи начандон дур, ҳангоми таъсиси Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон доираҳои миллатгаро кӯшишҳои зиёде ба харҷ доданд, ки асолати фарҳангӣ ва ҳастии таърихии миллати тоҷикро инкор намоянд. Дар чунин даврони ҳассос ва тақдирсоз як гуруҳ зиёиёни ватанпараст бо роҳбарии устод С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ва Абдуқодир Муҳиддинов дар саҳнаи пайкори муқаддаси миллӣ муборизаҳои ҷасурона бурданд» [3, с.310]. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи васеи ҳаёт ва фаъолияти Абдуқодир Муҳиддинов, муайян намудани саҳми ин ходими намоёни давлатӣ дар бунёди Тоҷикистони шуравӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ ва тарбиявӣ мебошанд.

Ҳанӯз моҳи январи соли 1986 рӯзномаи “Правда” зарурияти омӯзиши фаъолияти Абдуқодир Муҳиддиновро таъкид карда, зикр намуда буд, ки номи ин сиёсатмадори маъруф беасос фаромӯш  шудааст.

Хулоса, баррасии саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ва ҶШС Тоҷикистон бузург буда, таҳқиқ ва омӯзиши фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии ӯ ниҳоят муҳим мебошад.

Таҳқиқ ва омӯзиши фаъолияти ҳизбиву сиёсии шахсиятҳое, чун Абдуқодир Муҳиддинов дар барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва таърихӣ, ташкили ҷомеаи нави тоҷикон аҳаммияти калони таърихӣ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ.** Таҳқиқотҳои илмӣ муайян намуданд, ки шахсиятҳои сиёсӣ ва ҷамъиятии тоҷик дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX, аз ҷумла Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Аббос Алиев ва дигарон то андозае аз тарафи таърихнигорони алоҳида мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Аммо фаъолияти сиёсӣ ва ҷамъиятии Абдуқодир Муҳиддинов то ҳанӯз ба таври илмӣ ва мукаммал омӯхта нашудааст.

Дар таърихнигории халқи тоҷик вобаста ба мавзуи мавриди назари мо мақолаҳо ва асарҳои зиёде нашр гардидаанд. Адабиёти илмиеро, ки ба ҳаёт ва фаъолияти сиёсии А. Муҳиддинов бахшида шудааст, метавон ба се гурӯҳ тақсим кард.

**Ба гуруҳи аввал** асарҳои бунёдӣ, аз ҷумла Ғафуров, Б. Тоҷикон. таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав [37]., Из истории индустриализации Таджикской ССР, 1926-1941гг [38]., Из истории коллективизации сельского хозяйства и колхозного строительства в Таджикской ССР 1926- 1937гг [39]., Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1924-1941 [40]., Из протокола № 25 заседания Президиума ЦК КП Таджикистана «О посмертной реабилитации Нусратуллы Махсума», 26 июня 1964 г. [41]., История таджикского народа T.V. [44]., История таджикского народа T.V1 [45]., История Узбекистана Т.2. [46]., Очеркҳои таърихи Партияи Коммунистии Тоҷикистон [57] шомиланд. Дар ин асарҳо ба таври мухтасар, ҳангоми инъикоси равандҳои сиёсии дар Тоҷикистон ва Узбекистон дар давраҳои мавҷудияти ҶХШ Бухоро, таъсиси ҶШС Узбекистон ва ҶМШС, ҶШС Тоҷикистон ба

амаломада, фаъолияти сиёсии А. Муҳиддинов мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Ба гурухи дуюм** адабиёти илмие, ки бевосита ба ҳаёт ва фаъолияти сиёсии А. Муҳиддинов бахшида шудааст, шомил мешавад. Мақолаҳои илмӣ-оммавии олимон: Айнӣ С. [27, 28, 29, 30]., Шакурӣ М. [83, 84, 137]., Масов Р. [50,51,52, 109]., Масов Р., Султонов Ш., [53, 108, 110, 111, 112,]., Табаров С. [62]., Эргашев Б. [139, 140]., Эркаев М. [87, 88]., Ҳотамов Н. [74-82, 134, 135, 136]., Абулҳаев Р.А. [23, 24, 25, 26]., Усмонов И.[65, 66, 67, 103]., Убайдуллоев Н.К [132]., Ғаффоров У. [96, 97]., Ғаффорӣ Н.У [95, 142]., Ғафуров А.М.[36, 94, 143, 144]., Ализода Б. П. [91,141], Шарифзода Қ., Пайванди Г. [138], У. Шерхон [133], Ҷ. Наботӣ [125, 126], Маҳмудов Д. [54,113,147] ва ғайра махсус ба ҳаёт ва фаъолияти Абдуқодир Муҳиддинов оғоз бахшиданд. Аҳаммияти ин нигоштаҳои илмӣ дар он аст, ки онҳо дар заминаи маводи бойгонии нав навишта шудаанд. Вале ҳамаи ин мақолаҳо мухтасар буда, дар бораи А. Муҳиддинов маълумоти кутоҳ медиҳанд.

Маълумоти аввалин дар бораи А. Муҳиддинов дар ёддоштҳои Садриддин Айнӣ ва Файзулло Хоҷаев дида мешавад. Муаллифон, шоҳидони воқеаҳои он солҳо, маълумот дар бораи оилаи ӯ, қадамҳои аввалини ӯ дар ташкили ҳаракати ҷавонбухориён ва фаъолияти А. Муҳиддинов дар ин ташкилот то соли 1918-ро овардаанд.

Пас аз сафедкунии таъқибшудагон дар соли 1958 аввалин маълумоти мусбӣ нисбати шахсияти Абдуқодир Муҳиддинов соли 1971 дар саҳифаи асари “Таърихи ҶХШ Бухоро ва Хоразм” дарҷ шуда буд.

Дар навиштаҳои Р. Фиш, Р. Ҳошим [69] ва М. Шакурӣ аниқ ҳамин гуна маълумот дар бораи А.Муҳиддинов ва маълумоти кӯтоҳ дар бораи фаъолияти ӯ дар мансаби Раиси Кумитаи инқилобии Умумибухороӣ дода шудааст.

Дар мақолаҳои Р. Масов ва Ш. Султонов дар асоси маводи бойгонӣ оид ба фаъолияти А. Муҳиддинов таҳқиқоти муҳим анҷом ёфтааст. Дар онҳо ба фаъолияти аввалаи инқилобии А. Муҳиддинов, корҳои

роҳбарикунандаи ӯ дар мақомҳои кудратии ҶХШБ ва солҳои охири умраш таваҷҷуҳи бештар дода шудааст. Инчунин дар давраи гузариши ҶМШС Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ ба фаъолияти А. Муҳиддинов баҳо дода мешавад. Мавқеи А. Муҳиддинов оид ба масъалаҳои миллӣ дар китоби Р.Масов «Таърихи табартақсим»[51] ба таври васеъ баррасӣ шудааст.

Мақолаҳои Н.Б. Ҳотамов ва Б. Эргашев дар шинохти шахсияти А. Муҳиддинов аҳаммияти хос доранд. Дар нигоштаҳои Н.Б. Ҳотамов маълумоти муфид доир ба ҳаёт ва фаъолияти А. Муҳиддинов ҷамъоварӣ шудааст. Ӯ фаъолияти сиёсии А. Муҳиддиновро аз замони амирӣ ва фаъолияти ҷадидия то замони ба таъқиботи сиёсӣ гирифтор шудани ин сиёсатмадор мавриди таҳқиқ қарпор додааст.

Нигоштаҳои Б. Эргашев яке аз корҳои аввалин мебошанд, ки дар онҳо фаъолияти ҳизбӣ ва давлатии А. Муҳиддинов таҳқиқотро аз соли 1910, вақте, ки ӯ нав ба муборизаи зидди тартиботи амирӣ дар Бухоро ҳамроҳ мешавад то январи соли 1929 - аз вазифаи раиси ҶМШС Тоҷикистон озод шуданаш баррасӣ шудааст. Мақолаҳо, маълумоти аниқ доранд ва муаллиф ба тарҷумаи ҳоли А.Муҳиддинов диққати ҷиддӣ медиҳад.

Дар асару мақолаҳои Убайдуллоев Н.К., У. Ғаффоров ва Н. Ғаффорӣ замони фаъолияти ҳаракати ҷадидия мавриди таҳлил қарор гирифта, дар ин нигоштаҳо А. Муҳиддинов низ ном бурда мешавад.

**Ба гуруҳи сеюм** асару мақолоте дохил мешаванд, ки дар бораи А. Муҳиддинов то андозае маълумот додаанд. [93] Шумораи онҳо хеле кам буда, ҳар яке ҳангоми баррасии дигар масъалаҳо ягон ҷузъиёти ҳаёти А. Муҳиддиновро баррасӣ кардаанд. Хеле кам будани маводи илмӣ нисбати А. Муҳиддинов аз он сабаб аст, ки дар давоми солҳои 30-50-уми асри XX ва то дараҷае пас аз он ҳам, то оғози бозсозии горбачевӣ эҷоди асарҳо нисбати онҳое, ки аз тарафи ҳукумати шуравӣ гирифтори таъқибот ва ҷазо шуда буданд, мамнуъ буд. Аз ин рӯ, дар бораи А. Муҳиддинов танҳо дар

таркиби мақолаҳое, ки ба масъалаҳои солҳои 20-ум ва 30-юм бахшида шуда буданд, вохӯрдан мумкин аст.

Илова бар ин, диссертатсия дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва матолиби нашрияҳои илмии аз тарафи олимон ва муҳаққиқон доир ба фаъолияти Абдуқодир Муҳиддинов таълиф гардида, навишта шудааст. Баъзе маводи нашрнашуда, ки аз забони пайвандону наздикони Абдуқодир Муҳиддинов ҷамъоварӣ шудаанд, барои тақвияти ин диссертатсия истифода гардиданд.

Баъзе суханрониҳо [114] , маърузаҳо [123] ,  рисола [55] ва мақолаҳои [115, 116, 117, 118, 119, 120, 121] худи А. Муҳиддинов, ки дар саҳифаҳои матбуоти даврии он солҳо нашр шудаанд, истифода шудаанд. Мутаассифона, қисми зиёди онҳо баъди ба ҳабс гирифта шуданаш дар соли 1934 нобуд шудаанд.

Омӯзиши корномаи Абдуқодир Муҳиддинов баҳри таъмини адолати таърихӣ ва бунёди ҷомеаи осоишта аз ҳар нигоҳ барои ҷомеаи навин дорои аҳаммияти калон мебошад. Албатта, ҳар як нафар аз ходимони сиёсию ҷамъиятие, ки давоми солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX барои ташкили давлатдории навини тоҷикон ва бунёди низоми нави ҷамъиятӣ талошҳое ба харҷ додаанд, дар алоҳидагӣ мақом ва мартабаи худро доранд. Аз ин рӯ, омӯзиши корномаи эшон, махсусан, барои насли ҷавон намунаи ибрат мебошад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили асарҳои ба ҳаёт ва фаъолияти А. Муҳиддинов бахшидашуда бармеояд, ки то имрӯз ягон асари мукаммале дар бораи ин шахсияти сиёсӣ навишта нашудааст. Бинобар ин, таҳқиқи ин масъала ниҳоят муҳим мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.**

Диссертатсия дар доираи нақшаи панҷсолаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ “Таърихи халқи тоҷик. Тоҷикистон дар давраи шуравӣ” (солҳои 2021-2025) омода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии таҳқиқот аз нигоҳи илмӣ муайян намудани мақоми Абдуқодир Муҳиддинов дар раванди таърихии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, навсозии солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX пас аз барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон мебошад. Барои расидан ба ин мақсад иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст.

**Вазифаи таҳқиқот.** Бо назардошти мақсади асосии мавзуъ, мо иҷрои вазифаҳои зеринро зарур донистем:

- баррасии ҳаёти давраи ҷавонӣ ва муҳити бавоярасии Абдуқодир Муҳиддинов;
- муайян кардани оғози фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов;
- таҳлили иштироки Абдуқодир Муҳиддинов дар ҳаракати ҷадидия дар Бухоро;
- таҳқиқи фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов дар Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро;
- баррасии фаъолияти сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон;
- муайян кардани саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсис ва рушди масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон;
-омӯзиши воқеаҳои таърихӣ дар таҳқиқоти Абдуқодир Муҳиддинов.

**Объекти таҳқиқот.** Зиндагӣ ва фаъолияти сиёсиву ҷамъиятии А. Муҳиддинов аз замони таваллуд то давраи иштироки ӯ дар ҷараёни ҷадидия, кор дар идораҳои давлатии ҶХШ Бухоро ва пас аз он дар идораҳои давлатии Тоҷикистон объекти асосии таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон.

**Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот** (доираи таърихии таҳқиқот). Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ анҷом дода шуда, се марҳаларо дар бар мегирад:

- марҳилаи аввал аз соли 2019 то 2022-ро дар бар гирифта, дар ин муддат интихоби мавзуъ ва роҳбари илмӣ, тасдиқи мавзуъ дар шурои олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АМИТ, тартиб додани нақшаи корӣ, ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани мавод оид ба мавзуи интихобшуда, ҷустуҷӯйи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, мавриди омӯзиш қарор додани дигар адабиёти илмӣ, навиштани муқаддима ва бобҳои якум ва дуюми рисола, нашри мақолаҳо дар мавзуи рисола, иштирок дар конференсияҳои илмӣ ба анҷом расонида шуд.

- марҳилаи дуюм аз соли 2022 то соли 2024-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳила боби сеюм ва хулосаи диссертатсия навишта шуда, чанд мақола дар маҷаллаҳо нашр ва суханронӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ сурат гирифт.

- марҳилаи сеюм солҳои 2025-2026-ро фаро мегирад. Дар ин давра диссертатсияи аз ҷониби роҳбари илмӣ хонда шуда, камбудиҳо ислоҳ карда шуда, диссртатсия ба муҳокимаи шуъбаи таърихи навтарин пешниҳод шуд. Пас аз қабули қарори ҷаласаи шуъба оид ба пешниҳод намудани рисолаи илмӣ ба шурои диссертатсионӣ, диссертатсия ҷиҳати ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шуд.

**Асосҳои назариявӣ - методологии таҳқиқот.** Дар рафти таҳқиқу баррасии паҳлуҳои гуногуни мавзуи рисола ба осору корҳои таҳқиқотии як зумра сиёсатмадорону олимон ва коршиносони дохилу хориҷ такя шудааст. Назарияҳои илмӣ дар таҳқиқот ба таври васеъ ва бо таҳлили як қатор сарчашмаҳои дигар комил шудааст. Зикр кардан ба маврид аст, ки таҳқиқот вобаста ба мавзуи Абдуқодир Муҳиддинов дар ташаккул ва рушди Тоҷикистон дар давоми солҳои 20-30-юми асри XX ба роҳ монда шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот методҳои муҳими таърихнигорӣ, аз ҷумла

солномавӣ-таърихӣ, муқоисавӣ-таҳлилӣ, таҳлилӣ-солномавӣ, таърихияти илмӣ ва ғайраҳо истифода шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов таҳлил гардида, саҳми ӯро дар бунёди давлатдории нави миллати тоҷик ба таври муфассал баён шудааст. Ҳамзамон, навгонии илмии таҳқиқот дар нуқоти зерин баён мегардад:

- давраи ҷавонӣ ва муҳити бавоярасии Абдуқодир Муҳиддинов баррасӣ гардид;

- оғози фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов муайян карда шуд;

- иштироки Абдуқодир Муҳиддинов дар ҳаракати ҷадидия дар Бухоро мавриди таҳлил қарор гирифт;

-фаъолияти ҷамъиятӣ ва сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов дар Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро таҳқиқ гардид;

- фаъолияти сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон баррасӣ шуд;

- саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсис ва рушди масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон муайян карда шуд;

- воқеаҳои таърихӣ дар таҳқиқоти Абдуқодир Муҳиддинов мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- дар таҳқиқот муайян карда шуд, ки афкори сиёсӣ ва фарҳангии Абдуқодир Муҳиддинов дар муҳити замони амирӣ, таъсири оила, таъсири ғояҳои ҷадидия тавассути матбуоти даврӣ ва ҳамкорӣ бо ҷавонбухориён ва таҳсил дар Туркия шакл гирифта, таҷрибаи бойи сиёсӣ ба даст овард, вале дар ин давра зери таъсири пантуркизм қарор дошт;

- таҳқиқот нишон дод, ки Абдуқодир Муҳиддинов аз соли 1924 ба баъд аз таъсири пантуркизм озод шуда, дар таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон саҳми арзанда гузошт;

- муайян карда шуд, ки Абдуқодир Муҳиддинов дар вазифаи Раиси Шурои Комиссарони Халқи ҶМШС Тоҷикистон то соли 1929 адои вазифа намуда, дар гузоштани таҳкурсӣ барои рушди минбаъдаи хоҷагии халқи Тоҷикистон саҳми сазовор гузошт;

- муайян гардид, ки Абдуқодир Муҳиддинов тавассути фаъолияти хеш ва навиштани асару мақолоти асосноки таърихӣ дар масъалаи ба Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ табдил ёфтани Тоҷикистон саҳми арзанда гузошт, вале бегуноҳ айбдор карда шуда, ноодилона ба қатл расонида шуд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Хулоса ва натиҷаҳои рисолаи мазкурро метавон дар аввал ҳамчун манбаи илмӣ ва таҳқиқӣ дар таҳқиқи мавзуъҳои дигари таърихии ба давраи фарогирандаи мавзуъ алоқаманд истифода намуд. Ба ғайр аз ин, дар такмили адабиёти таълимии таърихи халқи тоҷик, таҳияи барномаҳо, курси лексияҳо аз фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун маводи асосӣ ва ё иловагӣ мавриди истифода қарор додан аз аҳаммият холӣ нест. Дар баробари ин, дар рисола аз нуқтаи назари илмӣ муайян намудани ҷойгоҳи шахсияте ба мисли Абдуқодир Муҳиддинов дар ифшо намудани хизматҳои дигар ҳаммаслакони ӯ, ки дар он солҳои ҳассос барои ватану миллат ҷоннисориҳо намудаанд, дорои аҳаммияти калон мебошад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия бо истифодаи назарияҳои илмии тасдиқшуда дар заминаи татбиқи усулҳои муосири таҳқиқот ва бо риояи принсипҳои илмӣ таҳия шудааст. Коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили сарчашмашиносӣ ва интиқодӣ-илмӣ, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳогардида эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро ташкил медиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисосҳои 6D020300 – Таърих, 6D020301 - Таърихи ватании КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки ӯ сарчашмаҳои муътамади илмӣ, илмию оммавӣ ва адабиро ҷамъоварӣ ва истифода намудааст. Барои комил намудани мавзуи таҳқиқшаванда, инчунин ба шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон рафта, бо пайвандони ӯ мулоқоту суҳбатҳо ороста, бисёр тарафҳои норӯшани фаъолияти қаҳрамонро рӯшан намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои дисертатсия.**

Таҳқиқоти мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ таҳқиқи беш аз панҷсола буда, мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои он дар як қатор маърӯза ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун ва суҳбатҳо дар барномаҳои телевизионию радиоӣ ифода ёфтаанд. Мазмуни асосии рисола аз ҷумла, соли 2020 дар конференсияи илмӣ-назариявӣ: таҳти унвони «Таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро ва нақши он дар тақдири халқи тоҷик», дар мавзӯи «Фаъолияти А.Муҳиддинов дар солҳои мавҷудияти ҶХШБ (1920-1924); соли 2022 дар маърузаи «Абдуқодир Муҳиддинов ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҶМШС Тоҷикистон» дар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ, соли 2024 дар маърузаи илмӣ таҳти унвони «Муҳиддинов ва рисолаи ӯ «Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Уктобр чӣ дод?» пешкаш гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протоколи № 12 аз 23. 12. 2025) муҳокима шуда, барои дифоъ пешниҳод гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсионӣ то имрӯз 4 мақолаи муаллиф дар нашрияҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар маҷмуаҳои

конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва 2 мақола дар матбуоти даврӣ ба нашр расидааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 173 саҳифаи матни компютерӣ навишта шуда, аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёт (161 номгӯй) иборат аст.

# БОБИ I. ФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТИВУ СИЁСИИ АБДУҚОДИР МУҲИДДИНОВ ДАР ЗАМОНИ АМИРӢ

## 1.1. Оғози фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов (1892-1917)

Дар ибтидои асри XX Аморати Бухоро (1753–1920) протекторати империяи Россия буда, мухторияти дохилии худро дар зери ҳукмронии сулолаи манғит нигоҳ медошт. Ба давлат сохти теократӣ, сохти феодалии идоракунӣ, ки ба 27 бекигарӣ тақсим шуда буд, иқтисодиёти ба хоҷагии қишлоқ асосёфта хос буд. Дар моҳи сентябри соли 1920 аз тарафи болшевикон аморат барҳам дода шуда буд.

Хусусиятҳои асосии аморати Бухоро дар ибтидои асри XX дар он ифода меёфт, ки Аморат аз соли 1868 тобеи Русия гашта буд ва дар корҳои дохилии худ шакли мухториятро нигоҳ медошт. Ҳокимони (амирон)-и сулолаи манғитӣ ҳокимияти мутлакро дар ихтиёр доштанд. Роҳбарони бекигариҳоро амир шахсан таъин мекард. Олитарин мансабдори умури давлат пас аз амир қушбегӣ буд. Аморати Бухоро ҳудуди ҳозираи Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва як қисми Туркманистонро дар бар мегирифт. Дар он муносибатҳои феодалӣ идома доштанд ва иқтисод асосан аграрӣ буд. Дар ин давра дар аморати Бухоро сохтори идории феодалӣ ҳукмрон буда, ин давлат яке аз давлатҳои ақибмондаи олам ба шумор мерафт.

Рушди иқтисодии Аморати Бухоро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX, дар замони бакамолрасии сиёсатмадори оянда Абдуқодир Муҳиддинов тобеи муносибатҳои феодалии асримиёнагӣ буд. Бухоро саноати заиф ва хоҷагии аграрии қафомондае дошт. Сарчашмаи асосии даромади ҳукумати амириро ҷамъоварии андози хироҷ, закот ва аминона ташкил медоданд. Инчунин, дар аморат, ки ҳуқуқи инсон ҳеҷ гуна ба назар гирифта намешуд, амир андозҳои иловагӣ, аз қабили закоти савоим, закоти шавореъ ва ғайраро ҷорӣ карда буданд.

Дар шароити Бухоро ҳисобу китоби даромаду сарф бурда намешуд, бинобар ин вазъи иқтисодии аморатро баҳо додан хеле мушкил буд. Саноати Бухороро 32 дукони ҳунармандӣ ташкил мекарданду халос. Вазъияти ҳунармандон хусусияти истисморӣ дошт.

То охири асри X1X роҳҳои асосии нақлиёти аморат роҳҳои хокӣ ва пайроҳаҳои кӯҳӣ ва воситаи ҳаракат нақлиёти аспӣ буданд. Ягона пешравии аморат дар он зоҳир мегашт, ки дар солҳои 80-уми асри X1X ҳукумати Россия ба Бухоро хатти роҳи оҳан овард ва Бухороро бо марказҳои муҳимми иқтисодии худ пайваст намуд, ки ин омил боиси ҷунбиш дар иқтисодиёти аморат шуд. Роҳи оҳан соли 1916 то шаҳри Тирмиз расид, ки барои рушди иқтисодии қисми Бухорои Шарқӣ низ шароит фароҳам овард.

Барои рушди иқтисодии аморат дар ҳудуди он кушода шудани як қатор бонкҳои русӣ низ мусоидат намуданд. Дар ибтидои асри XX дар Бухоро шуъбаҳои Бонки давлатии Россия, бонки русӣ-осиёӣ, бонки Азову Дон, бонки савдои Сибир, бонки русии савдои хориҷӣ ва ғайра пайдо шуданд, ки ба рушди иқтисодиёт ва махсусан пахтакорӣ мусоидат намуданд.

Ҳамаи ин омилҳо гувоҳи он буданд, ки дар аморат муносибатҳои капиталистӣ бомаром паҳн шуда истода буд. Дар баробари ин, дар ҳаёти ҷамъиятии аморат муносибатҳои феодалӣ боқӣ монда буданд. Ҳар гуна дигарандешӣ ва ташвиқи ягон навоварӣ таъқиб мешуд. Бояд қайд кард, ки густариш ёфтани муносибатҳо бо Россия, хабар ёфтани мардум аз воқеоти ин кишвар – инқилобҳои пайиҳамӣ, паҳн шудани матбуоти пешқадам ба мафкураи мардуми Бухоро таъсири худро гузоштанд. Дар чунин муҳит давраи ба камол расидани Абдуқодир Муҳиддинов рост омад.

Абдуқодир Муҳиддинов (Муҳиддинзода) соли 1892 дар гузари Лаби ҳавзи шаҳри Бухорои Аморати Бухоро ба дунё омадааст. Дар оила чор бародар ва як хоҳар буданд: Мирзо Исом (бародари калониаш) Муҳиддинов, Мирзо Амин Муҳиддинов, Мирзо Хайрулло Муҳиддинов ва

хоҳараш Матлабхон Муҳиддинова буданд [152]. Дар робита ба соли таваллуди А. Муҳиддинов аз ҷониби пажуҳишгарон андешаҳои гуногун ба назар мерасанд. Устод Айнӣ дар поварақи китоби «Таърихи инқилоби Бухоро» чунин менависанд: «Муҳиддинов Абдуқодир (1882-1934) яке аз аъзои фаъоли ҳаракати ҷавонбухороиён ва Партияи коммунистии Бухоро» [29, с.75]. Ҳамин гуна соли таваллуди А.Муҳиддинов дар китоби духтари устод - Холида Айни зери унвони «Жизнь Садриддина Айни» ба назар мерасад, ки дар бораи зиндагиномаи А. Муҳиддинов кӯтоҳ навиштааст [71, с.106]. Вале дигар сарчашмаҳо соли таваллуди А.Муҳиддиновро 1892 сабт кардаанд. Эргашев Б. дар мақолаи худ таҳти унвони «Нахустин сарвазири тоҷик» чунин нигоштааст: «Абдуқодир Муҳиддинов соли 1892 дар Бухоро таваллуд ёфтааст. Падараш Мирзо Муҳиддин Мансуров - яке аз тоҷирони калон буд» [140]. «Муҳиддинов Абдуқодир (1891, Бухоро -1940), ходими партиявӣ, арбоби сиёсӣ, ходими маданияту санъат ва намояндаи илму адабиёт ва забони тоҷик. Дар оилаи тоҷирони давлатманди Аморати Бухоро ба дунё омадааст»[125], аммо дар як мақолаи худ Давлятова Е.В. дар бораи санаи таваллуди А.Муҳиддинов чунин гуфтааст, ки «Мирзо Абдулқодир Муҳиддинов соли 1892 дар шаҳри Бухоро дар оилаи миллионер Мирзо Муҳиддин Мансуров ба дунё омадааст» [98]. Мирзо Муҳиддин Мансуров падари Абдуқодир Муҳиддинзода яке аз шахсиятҳои доротарин ба ҳисоб рафта, дар Бухоро иҷрокунандаи вазифаи раиси Ҷамъияти тоҷиронро ба уҳда дошт. Яъне, А.Муҳиддинов ба монанди дигар шахсиятҳои шинохтаи тоҷики асри миёна дар айёми кӯдакӣ аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ танқисие надошт. Чуноне, ки дар манбаъҳо мушоҳида намудан мумкин аст, дар оилаи яке аз сарватмандони Бухоро ба дунё омадааст. Мирзо Муҳиддин Мансуров, бо вуҷуди аз оилаи сармоядор буданаш, пас аз заволи аморати Бухоро ҳокимияти нави шуравиро пазируфт. Ҳатто ӯ ҳамчун намояндаи ваколатдори Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро дар шаҳри Москва ба шартномаи байни РСФСР ва Бухоро аз 4 марти соли 1921 имзо гузоштааст.

Тамоми асбоби рӯзгорашон муҳайё буд. Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар китоби худ зери унвони «Фитнаи инқилоб дар Бухоро» чунин менависад: «Бухоро дар оғози садаи бист чанд миллионер дошт, ки якуми онҳо худи амир, яке Убайдуллохоҷа, дигаре Ҷурабеки Араб ва Муҳиддин Мансуров буд» [84, с.50-55] Оилаи Муҳиддиновҳо ҳоҷате надоштанд. Ҳама мақсад ба дархости дил амалӣ мегашт, зеро падарашон - Муҳиддин Мансуров яке аз доротарин сокинони Аморати Бухоро дар давраҳои охири салтанати амирӣ ба шумор мерафт. Рӯзноманигор Ҷ. Наботов менависад, ки «тасодуфи зиндагиро бинед. Аз овони наврасӣ Абдулқодир - фарзанди ин оила, ба ҳаёт назари тоза дӯхт. Чунки падару бародаронаш низ ҷонибдори рӯзгори навин буданд» [126].

Вобаста ба сарнавишти бародарон ва хоҳари А. Муҳиддинзода маълумоти саҳеҳ мавҷуд нест ва танҳо каме дар бораи иштироки фаъолонаи Мирзо Исом Муҳиддинов дар вақти ташкил намудани ҳаракати ҷавонбухориён дида мешавад, ки бо ҳамроҳии падараш ва бародараш иштирок намудааст. Дар манбаъҳое, ки то имрӯз ба дасти мо расиданд ва мавриди пажуҳиш қарор гирифтанд, мутаассифона, дар бораи модари А. Муҳиддинов маълумоте пайдо нашуд.

Бинобар сабаби дастрас нагардидани маълумоти саҳеҳ доир ба тадрис ва ба таълим фаро гирифтани А. Муҳиддинов, ин давраи ҳаёти ӯ барои мо норӯшан боқӣ монд. Аммо маълум аст, ки ӯ як муддат дар мактаби кухна хонда, аз он ҷо барвақттар шомили мадраса мешавад. Шояд бо сабаби бачаи хушзеҳну босавод буданаш, падараш ӯро барвақт ба мадраса мондааст. Тахминан аз ибтидои соли 1909 таҳсилро дар мадраса оғоз намуда, дар он ҷо то ба охир таҳсил накардааст. Низоми таълиму тарбияи Аморати Бухоро, тавре маълум аст, хело қафомонда буда, муҳасилини мактабу мадрасаҳо аз аксари пешравиҳою навгониҳои илму фарҳанг бебаҳра буданд. Баъзе донишҷӯёни фаъол ба ин қаноат накарда, мустақилона аз пайи омӯзиш мешуданд. Яке аз ин қабил донишҷӯён А. Муҳиддинов ба шумор мерафт. Чунин низоми таҳсил боис мешавад, ки ӯ

хонданро дар мадраса идома намедиҳад. Ҳангоми таҳсил диққати ӯро бештар матбуоти даврӣ, ки дар ҷомеаи онвақтаи Осиёи Миёна як падидаи нав ба ҳисоб мерафт, ба худ ҷалб менамуд. Ӯ ба матбуот ҳамчун як манбаи иттилоот ва бардошти донишҳою густариши ҷаҳонбинӣ марок зоҳир менамуд. Ҳамин буд, ки А. Муҳиддинов аз солҳои аввали донишҷӯйи мадрасаи Бухоро будан ҳамчун рӯзноманигори равшанзамир ва ислоҳотчӣ тариқи матбуот аз худ дарак медод. Вобаста ба таҳсиле, ки дар Туркия анҷом додааст як муаррихи Ӯзбекистон бо номи Ихтиёр Эсонов дар як мақолаи худ зери унвони «Вақт машинаси: Абдуқодир Муҳиддин ӯғли» чунин овардааст: «Абдуқодир Муҳиддинов дар Бухоро ва баъдан дар Истанбул дар илми тиб таҳсил кардааст» [156]. Ин муаммо то имрӯз торик аст, зеро дар ягон манбаъ оид ба таҳсили А. Муҳиддинов дар Туркия маълумоти дақиқу саҳеҳ вуҷуд надорад. Дар бораи таълиму тадриси ӯ аз ин беш маълумот дастрас нагардид.

Замони наврасии А. Муҳиддинов ба даврае рост меояд, ки ҷомеаро воқеаҳои хело зиёду гуногуни сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фаро гирифтанд. Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIX ба мустамликаи Русияи подшоҳӣ табдил ёфт. Ҳамин тавр, қисмати асосии Осиёи Миёна чун як ҷузъи империяи Русия гашта, ҳар воқеаю ҳодисае, ки дар Русия ба амал меомад, бевосита таъсири он дар Осиёи Миёна эҳсос мегардид.

Фаъолияти созандаи падари соҳибфарҳангаш ва ҳамчунин ҳаводоронаш ба ташаккули шахсияти Абдулқодир Муҳиддинов мусоидат намуд. Ӯ аз давраи навҷавонӣ ҳаёти тираву мушкили Бухорои амириро мавриди андешаҳои танқидӣ қарор дода, бо номи махфии "Бухоройӣ" дар газетаи "Вақт" (нашри Оренбург) чандин мақолаю андешаҳои танқидӣ нашр намудааст. Дар ҳамин давра кору пайкори сиёсиву идории Абдуқодир сар шуда, то шикасти Бухорои амирӣ бо зиёиён ва ислоҳотхоҳон дар босаводгардонии аҳолӣ, ташвиқоти илму дониш ва фарҳангу маънавиёт, омодакунии мардум ба инқилоби Бухоро саҳми шоиста анҷом додааст. Тавре олимон зикр менамоянд, мақолаҳои ӯ «дар

мавриди ташаккули афкори омма, тағйирот ва бедор шудани он бар зидди сохти Аморати Бухоро, созмондиҳии хурӯҷҳои тудаи тараққихоҳи зиёиён ва меҳнаткашони кишвар бар зидди ҳукумати амир таъсири зиёд доштанд» [109, с.55].

Яке аз воқеаҳои таъсирбахши Русия, хусусан, ба ду воҳиди мудирияти Осиёи Миёна – Генерал-Губернатории Туркистон ва Аморати Бухоро ҷудо гардидани ин сарзамин ва инқилоби якуми рус мебошад, ки дар солҳои 1905 - 1907 ба вуқуъ пайвастааст. Тавре маълум аст, «Якшанбеи хунин»-и 9-уми январи соли 1905, ваҳшиёна тирборон шудани намоишгарони беяроқ тамоми мамлакатро ба қаҳру ғазаб ва даҳшат оварду боиси нафрату адовати аҳли кишвари Туркистон гардид. Вобаста ба ин, доир ба таъсири инқилоби якуми рус, бахусус, ҳодисаҳои соли 1905 дар Туркистонро академик Б. Ғафуров ба таври зайл ба қалам додааст: «Бо ташаббуси болшевикон дар рӯзи «Иди Татяна», яъне 12 январи соли 1905, ки дар ин рӯз 150 - солагии Университети Москва ҷашн гирифта мешуд, дар чандин шаҳрҳои генерал-губернаторӣ: Тошканд, Самарқанд, Қизилрават митингу намоишҳо барпо шуда, иштирокчиёни онҳо дар ҷавоби ваҳшонияти навкарони бенӯхтаи подшоҳ, ки дар Петербург содир намудаанд, қаҳру ғазаб ва нафрату кинаи худро изҳор доштанд» [37, с.419].

Доманаи тиҷорати оилаи Мансуровҳо хело васеъ буда, молҳои асосии тиҷоритиашон пӯсти қароқӯлӣ ва пахта ба ҳисоб мерафт. Бо мақсади самаранок шудани кор парвариши ҳамин навъи чорво ва кишти пахтаро ба роҳ монда буд. Инчунин, М. Мансуров соҳиби якчанд корхонаҳои коркарди пӯсту пахта ҳам буд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ дар ибтидои асри XX ба ғайр аз хонадони амир се дудмони дигар, ки ҳамагӣ тоҷик буданд аз оилаҳои сарватмандтарин ё ба истилоҳ миллионерҳои Бухоро ба шумор мерафтанд. Инҳо хонадони Убайдуллохоҷа (падари Файзуллоҳ Хоҷаев), Ҷӯрабеки Араб ва Мирзо Муҳиддин Мансуров буданд.

Муҳиддин Мансуров, агарчанде ки сервату дороии зиёд дошт, бар хилофи баъзе сарватмандони дигар ба илму адабиёт шавқ ва таваҷҷуҳи хосае дошт. Аз ин рӯ, барои рушди маънавии фарзандони худ Абдуқодир ва Исом диққати махсус медод. Ҳамин буд, ки эшон дар оянда миёни равшанфикрони Бухоро мақоми муайянеро касб карданд.

Дар арафаи инқилоб ва пас аз он бо ташаббуси баъзе инқилобчиёни рус, ки ба Осиёи Миёна бадарғаю ронда шуда буданд, ҳар гуна созмону ҳаракатҳои инқилобӣ ташкил карда шуд. Онҳо ба воситаи ин созмону ҳаракатҳо маънаван бархе аз мардумони маҳаллиро аз паси худ мебурданд. Аз тариқи матбуот фаҳмиши сиёсии ҷомеаро баланд мебардоштанд. Устод С. Айнӣ оид ба таъсири инқилоби якуми рус дар Бухоро таваҷҷуҳ намуда, аз ҷумла қайд менамояд: «Револютсияи соли 1905-и Русия дар Бухоро таъсири калон бахшид, ҳаракати прогрессивӣ, ки пештар дар доираҳои танги ҷудогона буд, хеле вусъат ёфт. Газетаҳои русӣ ҳар гапро озодона менавиштагӣ шуданд, аз тарафи турк ва тоторҳои Русия, ки пештар ғайр аз «Тарҷумон» газетае надоштанд, газетаҳо ва журналҳои гуногун баромадан гирифт» [29].

Теъдоди ҳаракату ҷунбишҳои мардумӣ нисбат ба солҳои пеш аз инқилоб афзуд. Мавҷи ин ҳаракатҳоро метавон дар минтақаҳои дурдаст низ мушоҳида намуд.

Инкишофи муносибатҳои сармоядорӣ дар охири садаи XIX ва ибтидои қарни XX дар генерал-губернатории Туркистон ба аморат низ таъсири мусбӣ расониданд. Дар Аморати Бухоро низ муносибатҳои сармоядорӣ тадриҷан рӯ ба инкишоф ниҳоданд. Сохтмони роҳҳои оҳан, хатҳои телеграф, заводу фабрика, кушода шудани бонкҳо, кассаҳои хурди қарздиҳӣ, ширкату рафоқатҳо, инкишофи тиҷорат бо Русия ва ғайра боиси ташаккули буржуазияи маҳаллӣ гардиданд. Оилаҳое, ки дар боло зикрашон рафт, намояндагони ҳамин буржуазияи маҳаллӣ буданд. Дар натиҷаи ин навгониҳо густариши ақидаҳои гуногун, фаъолияти созмону равияҳои давлатҳои хориҷа дар Осиёи Миёна, бахусус Аморати Бухоро

афзудан гирифт. Яке аз ин гуна ҷараёнҳо ин ҷараёни пантуркистӣ мебошад, ки нишонаҳои он аз солҳои аввали асри XX дар муҳити Бухоро эҳсос мешуд. Аммо асли пайдоиши пантуркизм аз охирҳои асри XIX аз Туркия маншаъ гирифта, минбаъд дар минтақаҳои Қрим, Поволже, шаҳрҳои Уфа, Қазон, Қафқозу Осиёи Миёна ҷонибдорони зиёд пайдо намуд. Пантуркистон зери идеяи таъсиси хилофати «Тӯрони бузург» маъракаи васеи тарғибу ташвиқи миллатгароёнаи худро ба роҳ монданд. Тавре Б. Ғафуров менависад: «Ходими намоёни пантуркия Зиё Гукалп нияту мақсади асосии онҳоро ба як шакли муайян оварда гуфта буд, ки «Ватани туркон на Туркияву Туркистон, балки кишвари абадзиндаву бекарони Тӯрон аст»… Аз Туркия ба Осиёи Миёна ҷосусони пантуркист меомаданд, кору бори пайравони худро тафтиш мекарданд, роҳу равиши кору амалиёти минбаъдаро нишон медоданд, бо адабиёти лозима таъмин менамуданд» [37, с.426]. Дар Туркия аз созмонҳои пантуркистӣ «Иттиҳод ва тараққӣ» буд, ки таҳти роҳбарии пантуркист доктор Нозим ташкил ёфта, дар самти тарғиби ақидаҳои пантуркистӣ корҳои зиёдеро анҷом додааст. Бо дастгирии ин иттиҳод соли 1909 дар Истамбул «Ҷамъияти Бухоро оид ба интишори дониши муфид дар байни ом» таъсис ёфт, ки он зери ниқоби ислом ҷавонони Осиёи Миёнаро ба худ ҷалб менамуд. Соли 1910 бо ташаббуси ҷамъияти номбурда аз Осиёи Миёна қариб 100 нафар донишҷӯ қабул карда шуд. Гузашта аз ин, дар ҳамин давра таҳти роҳбарии Муҳаррами Файзӣ (Тӯғай) дар Туркия созмони дигаре бо номи «Тӯрон нашри маориф ва ёрдам ҷамъияти» (Ҷамъияти нашри маориф ва ёрмандии Тӯрон) ташкил ёфта буд, ки ҷалби толибилмони Осиёи Миёнаро ба донишгоҳҳои Истамбул вазифаи худ қарор дода буд. Ҷалби чунин донишҷӯён ба донишгоҳҳои Туркия дар солҳои минбаъда ҳам идома меёфт. Равобити туркҳо низ ба Осиёи Миёна дар соли 1910 нисбат ба соли 1909 аз рӯйи нишондоди мактуби Генерал-Губернатори Туркистон ба раиси Шурои вазирон ва вазири корҳои дохилии Русия подполковник Столипин аз 24 августи соли 1910 ду баробар афзудааст. Дар ин ҷо таъкид намудан ба

маврид аст, ки ин созмону ҷамъиятҳо, аз як тараф дар бедории фикрии зиёиёни Бухорою Туркистон саҳмгузор бошанд, аз тарафи дигар, андешаҳои пантуркистиро болои онҳо таҳмил менамуданд. Бо ҳамин роҳ таъсири пантуркизм ба Бухоро роҳ меёфт. Аммо ҷомеаи онвақтаи Бухоро, ҳатто бархе аз зиёиён ҳам ҳоло ба таври бояду шояд ҳадафҳои аслии ин ҷараёнро пайхас намекарданд. Аз ин сабаб, бархе бо мақсади соҳиби донишу касбу кор шудан барои таҳсил ба мактабҳои Туркия таваҷҷуҳ ва ҳатто барои рушди онҳо мусоидат менамуданд. Масалан аз ҷониби зиёиёни Бухоро дар санаи 1 декабри соли 1910 ҷамъияти пинҳоние бо номи «Тарбияи атфол» ташкил карда шуд, ки он дар баробари ташвиқоти илму дониш ва бедорфикрӣ дар байни ҷавонон, инчунин, ҷалби ҷавононро ба мактабҳои шаҳрҳои турку тоторнишини Русия ва Туркия аз вазифаҳои асосии худ мешуморид. А. Муҳиддинов дар қатори 28 нафар яке аз аъзои ин ҷамъият ба шумор мерафт.

Дар ҳамин давра М. Мансуров фарзанди дуюми худ Абдуқодирро барои таҳсил ба Туркия мефиристад. Ин ақидаро донишманди бухороӣ Б. Эргашев ҷонибдорӣ намуда, қайд менамояд, ки «бисёри маъхазҳо шаҳодат медиҳанд, ки М. Мансуров писарашро дар яке аз донишкадаҳои олии Истамбул хононда, соҳиби маълумоти олӣ гардонидааст» [140, с.78]. Бино ба навиштаи муаррихи тоҷик Усмонҷон Ғаффоров, маҳз баъди таҳсил дар Туркия ҷаҳонбии А. Муҳиддинов дигар мешавад [96, с.9] .

Тавре, ки маълум гардид, дар ҷалб шудани Абдуқодир Муҳиддинов ба мисли дигарон ба донишкадаи Истамбул нақши падараш мақоми асосӣ дорад. Ин ҷо суоле пайдо мешавад, ки кадом омилҳо боис шуданд, то М. Мансуров ба Туркия ва низоми таҳсили ин давлат таваҷҷуҳ зоҳир намуд? Қабл аз ҳама бояд таъкид дошт, ки дар баробари ҳаракати пантуркистӣ дар Осиёи Миёна аз ибтидои асри XX нишонаҳои ҳаракати ҷадидия ба вуҷуд омада буд. Ҳадафи аслии ин ҳаракат ислоҳот гузаронидан дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, бахусус мактабу маориф ва бо ин роҳ беҳбуд бахшидан ба сохти давлатӣ ва шароити зиндагии мардум буд. Дар баробари дигар

омилҳо, инчунин вуруди адабиёти гуногуну тозаматлаб аз давлатҳои Эрон, Ҳиндустон, Миср, Русия, Туркия… ба Туркистону Бухоро яке аз сарчашмаҳои асосии пайдоиш ва ташаккулёбии ҷадидия ба ҳисоб меравад.

Дар давраи падид омадани инқилоби якуми рус ва баъд аз он матбуоти мамлакатҳои зикршуда ҳавзаи истифодабарандагони худро, аз ҷумла дар ҳудуди Бухоро ва дигар манотиқи Осиёи Миёна ҷалб ва васеътар мекарданд.

Дар баробари матбуот асарҳои гуногунмазмун низ дастраси мардуми Бухоро мешуд. Яке аз ҳамин гуна асарҳо ин китоби «Саёҳатномаи Иброҳимбек»-и Зайнулобиддини Мароғаӣ мебошад, ки бо забони форсӣ иншо шуда буд. Ин китоб ҳам дар самти шакл гирифтани донишҳои сиёсии табақаи зиёиёни Бухоро нақши калон дошт. Ба навиштаи С. Айнӣ ин китоб доир ба аҳволи Эрон навишта шуда бошад ҳам, ҷойҳои танқидиаш айнан дар Бухоро низ буданд. Бинобар ин, мутолиаи ин китоб низ ба дигаргунии фикрии баъзе касон сабаб гардид. Махсусан, ба фаҳмишу ҷаҳонбинии М. Мансуров барин афрод таъсири амиқе гузошт. Ҳамон тавре, ки устод Садриддин Айнӣ менависад: «Панҷ - шаш нафар бо номи «тараққипарвар» ва «ислоҳотхоҳ» ба воя расиданд. Машҳуртарини ин гурӯҳ Бӯрибой, Мирхон Порсозода, Қорӣ Бурҳон, Мирзо Муҳиддин Мансуров буданд» [29]. Яъне, аз як тараф ҷаззобияту муҳтавои матбуоти давлатҳои ишорашуда, бахусус туркҳо, ки аз нигоҳи дину мазҳаб бо мардуми Бухоро умумият доштанд, яке аз сабабҳои таваҷҷуҳ зоҳир намудани М. Мансуров ба таҳсили фарзандаш дар Туркия гардид.

Муҳиддин Мансуров ва писаронаш Абдуқодир ва Исом ҳамчун нафарони тараққипарвар нисбат ба ҳаракати ҷадидия хайрхоҳ буданд. Эшон баҳри дар амал татбиқ намудани ормонҳои ҷадидон ҳам аз ҷиҳати молӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ талошу кӯмакҳои зиёд ба харҷ медоданд. Дар натиҷаи ҳамраъйии ин нафарон ва баъзе дигар сарватмандони маҳаллӣ бо ҷадидон, андешаи рушди тиҷорат бо усулҳои нав дар баробари таҳаввулоти мактабу маориф ба мароми ормонҳои асосии ҷадидон табдил

ёфт. Дар ин давра ба равияи ҷавонбухороиён, ки тарафдори андешаҳои ҷадидии намояндагони аҳли Бухоро буданд, дар баробари ҷадидон ҳамзамон равшанфикрони маҳаллӣ ва як зумра тоҷирони Бухоро, аз ҷумла сарватманди машҳур Муҳиддин Мансурови Бухорой ва фарзанди соҳибмаърифати ин милионери ин сарзамин Абдуқодир Муҳиддинов, ки ба қатори маърифатпарварони шаҳр мансуб мегардиданд, ворид шуданд, ки ҳамаи ин натиҷаи ҳадафу ниятҳои маърифатпарваронаи ҳаракати ҷадидони Бухороро тақвият бахшиданд. Муаррихи шинохтаи тоҷик Намоз Ҳотамов баъди таҳлили ҳуҷҷатҳои бойгонии Русия ба ин нукта равшанӣ андохтааст: «Дар соҳаи тиҷорат дар тамоми сарзамини аморат муҳайё намудани имконият барои инкишофи тиҷорат ва бартараф намудани ҳар гуна монеаҳои мавҷуда, дар Бухоро барпо намудани биржа, роҳҳо, кӯпрукҳо ва ғайраҳо, дар соҳаи моликият на танҳо таъмин намудани дахлнопазирии моликият, балки дар асоси қонун муҳофизат намудани он аз ҳар гуна ниятҳои бадқасдонаи амиру амалдорон, ба тартиб даровардани тақсимоти об ва ғайраҳо илова шуданд» [77]. Бо ин метавон гуфт, ки нақши хонадони М. Мансуров дар гуногунҷабҳа гардидан ва рушди афкори ҷадидия бағоят бузург аст.

Бо зиёд шудани теъдоди турку тоторҳои ислоҳотхоҳ дар Осиёи Миёна ва бо дастгирии баъзе аз зиёиёни равшанзамири маҳаллӣ дар шаҳрҳои Қӯқанд (соли 1898), Андиҷон (соли 1899), Тошканд (соли 1899), Самарқанд (солҳои 1901 ва 1903) мактабҳои усули нав кушода шуданд. Нишонаи асосии фарққунандаи мактабҳои усули нав аз мактабҳои куҳна ин низоми таълим буд. Машҳур шудани низоми таълими нав дар мактабҳои усули нав сабаби дигаре мебошад, ки боиси мароқ зоҳир намудани М. Мансуров ба кишвари Туркия шудааст.

Дигар омил ё худ сабаб он мебошад, ки тобистони соли 1908 ба Бухоро яке аз асосгузорони усули нави таълим дар Тотористону Туркистон, муҳаррири рӯзномаи «Тарҷумон», нависанда ва рӯзноманигор ва билохира яке аз пантуркистон Исмоилбек Ғаспарӣ ташриф овард. Ӯ дар сарои Ойим

бо М. Мансуров ва чанд нафари дигар аз ислоҳотхоҳон мулоқот доир намуд. Дар рафти суҳбат тарҳи ташкили мактаби наверо бо номи «Музаффария» (бо номи амир Музаффар) таҳия намуданд. Агарчи ин нақшаҳо бебарор анҷом ёфтанд, аммо суҳбати ӯ ба бархе аз ҳозирин, аз ҷумла М. Мансуров таъсирбахш буд. И. Ғаспарӣ ва дигар пантуркистон дар зери ақидаи «муттаҳидии мардуми мусулмон» аз боварҳо ва эътиқодҳои динии мардум истифода намуда, онҳоро бо ҳар роҳу усул ба худ ҷалб месохтанд. Чунин бардоштҳои маънавии М. Мансуров, албатта, ба муҳити оилавии ӯ, бавижа ба писаронаш Исом ва Абдуқодир бетаъсир намонд. Гумони ғолиб бар он аст, ки дар ҳамон мулоқоти худ И. Ғаспарӣ ба М. Мансуров маҷаллае бо номи «Ситораи мустақим», ки дар Туркия нашр мегардид, тақдим менамояд. Устод Садриддин Айнӣ ҳамчун шоҳиди ҳол вобаста ба ин маҷалла ҳодисаи аҷиберо нақл мекунад, ки ба гуфтаҳои боло тақвият мебахшад. Қабл аз овардани ин нақл аз забони С. Айнӣ бояд хотирнишон намуд, ки моҳи октябри соли 1908 пас аз кӯшишу талошҳои зиёди устод С. Айнӣ ва А. Мунзим дар шаҳри Бухоро, дар ҳавлии Мунзим, аввалин мактаби усули нави тоҷикӣ-форсӣ фаъолияти худро оғоз намуд. Дар пешрафти кори таълиму тарбияи ин мактаб ба С. Айнӣ ва Мунзим як нафар муаллими тотор бо исми Абдураҳмон Саидӣ кумакҳои зиёд мекунад. С. Айнӣ воқеаи шиносоӣ пайдо намудан бо маҷаллаи «Ситораи мустақим»-ро, ки бо ҳамон А. Саидӣ пайвастагӣ дорад, ба тариқи зайл нақл мекунад: «Ба воситаи Абдураҳмон Саидӣ ба мутолиаи маҷмуаи (журнали) туркии «Ситораи мустақим» муваффақ шудем, ки баъди инқилоб дар Туркия нашр мешуд. Ин як маҷмуаи динӣ, илмӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва адабӣ буда, бо иштироки бузургтарин фозилони маркази хилофати Истамбул нашр мегардид». [29, с.34]. Бояд зикр намуд, ки дар ин рӯзнома масоили сиёсӣ ва иҷтимоии инқилобӣ ба ҳадисҳо татбиқшуда нашр карда мешуд, ки ин ба андешаи ҷавонбухороиён аз ҷумла ба А. Муҳиддинов таъсири ҷиддӣ мерасонид.

Устод С. Айнӣ дар бораи ҳодисаҳои ба амал омада дар ёддоштҳои худ чунин қайд намудааст: «Тааҷҷуб дар ин ҷост, ки Абдураҳмон ин маҷмуаро аз писари дуюми Мирзо Муҳиддин - аз Мирзо Абдуқодир амонат гирифта оварда буд, ки ӯ ҷавони 15 -16 солаи мадрасанодидае буд» [29, с.34]. Дар баробари ин, дар робита ба ин маҷмуа устод Айнӣ аз ин хело дар ҳаяҷон омада, дар идома чунин баён медорад: «Аз Истамбул барин як ҷойи дур чунин як маҷмуаи бо нақли оят ва ҳадисҳо таълиф ёфтаро оваронда, мутолиа кардани як ҷавони мадрасанахонда барои мо барин талабаҳои мадраса боиси басо ҳайрат ва тааҷҷуб буд. Акнун мо ба ҳамватанони худ бо чашми дигар ва бо дили пурумед нигаҳ мекардагӣ шудем ва умеди худро бештар ба муллоёни мадрасахон не, балки ба ҷавонон, ки мағзашон бо сафсатта ва хурофот пур ва вайрон нашудааст ва аз хонадонҳои авом баромадаанд, бастем» [29, с.35].

Пас аз ин як муддат таҳсил дар Бухоро ва бевосита шинос шудан ба низоми маорифи ин ҷо ва баъдан идома додани таҳсил дар яке аз мадрасаҳои шаҳри Истамбул ба рушди ҷаҳонбинии сиёсию маънавии А. Муҳиддинов нақши босазое гузошт. Дар навбати худ ин воқеа сабаб гардид, ки С. Айнӣ барин як нафар донишманди замон ба чунин ҷавонон «бо чашми дигар ва бо дили пурумед» назар кунад.

А. Муҳиддинов дар ҳамин синну сол аллакай нисбат ба тарзи давлатдории аморат ва низоми маорифи он назарҳои интиқодӣ пайдо намуд. Ӯ бештар талош бар он мекард, ки мисли дигар зиёиёни Бухоро бо роҳи эҳёи фикри сиёсию маънавии ҷомеа, ба хусус ҷавонон ҳар чи зудтар дар соҳаҳои зарууртарини ҳаёти ҷамъиятӣ ислоҳот ворид карда шавад. Бо ин мақсад дар ҳама корҳою нақшаҳои ҷадидон доим пешоҳанг буд. Ӯ мисли падараш дар баробари кӯмаки маънавӣ ба хотири пешрафти корҳои амалии ҷадидон ёрии моддӣ низ мерасонид.

Дар дабистони ташкилнамудаи устод Айнӣ ва Мунзим китобҳои нав намерасид. Баҳори соли 1909 устод Садриддин Айнӣ ва яке аз шахсиятҳои фарҳангии миллат Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим «Ширкати Бухорои

Шариф»-ро таъсис доданд. Ин ширкат барои беҳтар намудани сифати таълими Қуръон ва дигар китобҳо, китоби С. Айнӣ «Тартиб-ул-қуръон»-ро пешкаш карда, тавассути омӯзгорони тотор барои нашр ба чопхонаи Оренбург ирсол карданд. Бо кӯшишу талошҳои устод Айнӣ, ҳамчунин, китоби дигари таълимӣ таҳти унвони «Таҳзиб-ус-сибиён» (Тарбияи атфол) омода ва пешкаши хонандагон карда шуд. Дар ташкили ҳамин ширкат, ки ба пешрафти маърифати ҷомеа нақши калон дошт, Абдуқодир Муҳиддинов бо маблағи 7 сӯми худ саҳм гузошт. Инчунин, ӯ яке аз аъзои фаъоли ширкати номбурда ба ҳисоб мерафт. Оғоз аз ибтидои соли 1909 А. Муҳиддинов ба ҳаракати мухолифи сохти давлатдории Аморати Бухоро баромада, ҳамзамон дар соли 1917 роҳбари созмони ҷавонбухориёни шаҳри Бухоро буд. Дар баробари ин, ӯ дар соли 1918 ба сафи узви Ҳизби Коммунистии болшевикӣ ворид гардида, насаби худро тағйир дода, минбаъд дар барҳам додани сохти феодалии амирии Бухоро дар моҳҳои август-сентябри соли 1920 фаъолона иштирок намуд.

Пас аз моҳи апрели соли 1917 Абдуқодир Муҳиддинов ба Тошканд сафар кард ва насаби худро ба Муҳиддинов (то ин замон Муҳиддинзода буд) табдил дод. Соли 1918 А.Муҳиддинов шомил ба Ҳизби Коммунистии Туркистон гардид. Вобаста ба муҳоҷират ва ивази насабаш Шакурӣ чунин менигорад «Бо вуҷуди ин аз аввали муҳоҷирати Тошканд ба муқобили сиёсати мустамликадории Русия мубориза сар кард. Чун ҳукумати Туркистони Шуравӣ дар Тошканд таъсис шуд, дар ҳайати он як нафар аз мардуми маҳаллӣ, масалан аз ӯзбекҳо набуд. Абуқодир Муҳиддинов сахт эътироз кард» [84, с.51].

Андешаи мухолифи забткории Россия дар Осиёи Миёна дар сиришти А.Муҳиддинов вуҷуд дошт ва ин зиддият баъд аз инқилоби Бухоро тақвият ёфт. Дар он марҳила ӯ норозигии худро нисбати ин воқеаҳо ошкор кард ва тақозо намуд, ки Артиши Шуравӣ аз хоки Бухоро берун карда шавад ва дар қаламрави Ҷумҳурии Халқии Бухоро Артиши миллӣ ташкил карда шавад.

Муҳиддинов хостори он буд, ки коммунистҳои рус ва тотор, ки аз Туркистон ронда шуда, ба Бухоро омада буданд, ба вазъияти дохилии Бухоро кордор нашаванд ва аз Бухоро бароварда шаванд, зеро онҳо кӯшиш мекарданд, ки Бухороро ба таъсири Русияи Шуравӣ ҳамаҷониба тобеъ кунанд. Баъд аз инқилоб шумораи тоторҳо дар низоми идораи Бухоро зиёд шуданд ва ин боис гардид, ки туркгароӣ дар ин сарзамин вусъат ёбад. Дар ин росто аз нуфуз пайдо кардани онҳо А. Муҳиддинов норозӣ буд ва мехост нуфузи онҳоро нисбат ба миллати тоҷик камтар кунад. «Чун 4 сентябри соли 1920 ӯро раиси Кумитаи инқилобӣ (сарвари давлат) таъин карданд, чуноне ки гуфтем, бисёр кӯшид, ки ғоратгарии аскарони сурхро пешгирӣ бикунад, вале коре аз дасташ наомад. Лашкари болшевикон ғолиб ва пирӯз буд, инчунин, ба касе итоат намекард. Сухтори шаҳр чанд гоҳ идома дошт, аммо сипоҳиёни ишғолгар ба ҷойи ин, ки барои хомӯш кардани сӯхтор ёрӣ диҳанд, ба ғорат машғул буданд» [84, с.52].

Ҳамин тариқ, масъалаи оғози фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии А. Муҳиддиновро ҷамъбаст намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба ҷаҳонбинии ӯ, пеш аз ҳама, муҳити хонаводагӣ, муошират бо шахсиятҳои пешқадами давр, бахусус ҷадидон, таҳсил дар Туркия, мутолиаи рӯзномаву маҷалла ва асарҳои он замон, тағйироте, ки дар ҷомеа ба вуҷуд меомад, инчунин ширкат дар ҳаракатҳои сиёсӣ ва ғайра таъсири худро гузоштанд.

## 1.2. Абдуқодир Муҳиддинов ва ҳаракати ҷадидия дар Бухоро (1907-1920)

Ҳаракати ҷадидия ё худ ҷавонбухороиён, бухороиёни ҷавон як ҷунбиши миллии демократӣ буданд, ки дар аввали асри XX дар Бухоро ташкил гардида, бар пояи ҷунбиши «ҷадидия» асос гузошт.

Дар ин миён симоҳои намоёни ҳаракатҳои охири сиёсӣ-иҷтимоии Бухоро, «мисли ҷадидон аллома Айнӣ, Абдуқодир Муҳиддинов, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Абдулвоҳид Мунзим буданд. Муҳимтарин масъалаи

оғози асри XX барои тоҷикон таъйини сарнавишти онҳо ба унвони мардуми бумии ин ҷуғрофиё буд» [149].

Дар оғози асри XX ва хусусан дар замони инқилоби якуми буржуазии Руссия дар солҳои 1905 - 1907 ва баъд аз он дар марзи Аморати Бухоро рӯзномаҳои кишварҳои мухталиф, аз ҷумла, «Ҳабл-ул-матин» (Калкуттаи Ҳиндустон), «Чеҳранамо», «Парвариш», (Миср), «Вақт» (аз Россия), «Тарҷумон» (Туркия), «Мулло Насриддин» (Россия, Боку), «Шуро» (Россия, Уфа) ва дигар рӯзномаҳо дар Бухоро паҳн гашта, худшиносии аҳолии аморатро тағйир доданд ва минбаъд озодандешӣ дар байни мардум зиёд шуд.

Тибқи хотираҳои С.В. Чиркина «ҷунбиши бухороиёни ҷавон аз одамоне иборат буд, ки дар мактабҳои русӣ таҳсил карда буданд ва зуд-зуд на танҳо ба Туркистон, балки ба Русияи марказӣ барои тиҷорат ва супоришҳо барои ширкатҳои гуногун сафар мекарданд» [158, с.274].

Дар байни намояндагони нисбатан фаъоли ҷадидия шахсони зерин: М. Беҳбудӣ (1875-1919), А. Шакурӣ (1875-1943), М. Қорӣ (1878-1931), С. Аҷзӣ (1864-1927), С. Айнӣ (1878-1954), А. Мунзим (1875-1934), А.Ҳамдӣ (1875-1937), А. Фитрат (1886-1938), М. С. Ҳаким (1877-1914), Ҳ. Меҳрӣ (соли 1918 ба қатл расид), Р. Рафиқ (1886-1930), М. Юсуфзода (1862-1931), А.Муҳиддинов (1892-1934), М. Бурҳонов (соли 1937 ба қатл расид), М. Саидҷонов (1893-1938), С. Аҳрорӣ (1893-1974) ҳамчунин, ҷонибдорони ин ҳаракат – Т. Асирӣ (1864-1916), Д.Икром (1847-1925), С. Васлӣ (1869-1925), А. Ф. Хуҷандӣ (1847-1934), С. Зиё (1867-1932), М. Мансуров (соли вафот 1937) ва дигаронро номбар кардан мумкин аст. Тавре қайд гардидааст: «Дар оғози садаи бист дар ташаккули мактабу маорифи усули нав ва матбуоти даврӣ дар омӯзиши илм, аз худ кардани фарҳанг ва инқилоби фикрии халқҳои Осиёи Миёна саҳми калон гузоштанд» [95, с.4-5]. Аввалин мактаби усули нав барои атфоли Бухоро, ки моҳи октябри соли 1908 аз ҷониби тараққипарварони тоҷик Абдулвоҳиди Мунзим, Садриддин Айнӣ,

Аҳмадҷони Ҳамдӣ ва Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ дар манзили Мунзим ташкил шуд, дар роҳи инқилоби фикрии аҳли Бухоро пояи устувор гузошт.

Насли ҷавони Бухоро, бахусус ҷавонбухориён, ки дар натиҷаи ошноӣ бо сохти давлатдории хориҷа, мутолиаи рӯзномаҳои гуногун, ба хулосае омада буданд, ки барои гузаронидани ислоҳот дар ҷомеа бояд нашрияи худро дошта бошанд, то мақсаду мароми хешро ба омма тавассути он расонанд. Ин андеша дар мақолаи А. Муҳиддинов «Аз аҳволи Бухоро», ки соли 1910 дар рӯзномаи «Вақт» ба табъ расида буд, таъкид гардидааст.

М. Шакурӣ менависад: «Фарзанди Муҳиддин Мансуров Абдуқодир Муҳиддинзода аз фаъолони ҷунбиши ҷадидия буд. Ӯ дар 17-18-солагӣ дар рӯзномаи тотории «Вақт» мақолаҳо навишта, вазъи иҷтимоиву иқтисодии Бухороро таҳлил мекард» [84, с.56]. Мақолаҳои А. Муҳиддинов бо имзои мустаори «Бухороӣ» буд.

Муаллиф аз нарасидани минбар барои ибрози ақида дар Бухоро ёдовар шуда, халқи Бухороро ба зиракиву ҳушёрӣ даъват менамояд. Дар ҷои дигар ба ин масъала мувоҷеҳ шуда, таъкид менамояд, ки дар шароити имрӯза мо матбуот ва асару мақолоти заруриро надорем, бинобар ин ё ба мо лозим аст, ки аз он чӣ ҳаст, истифода намоем. А. Муҳиддинов, ки бисер мехост мардуми Бухоро босаводу соҳибкасб бошанд, баро рушди давлат иттифоқ будан ва андешаи пешқадамро дастгирӣ намудан ташвиқ мекард. Ӯ пешниҳод мекард, ки «мо бояд рисолаҳои хурд - хурд навишта, паҳн кунем, ба нашриёти хурде оғоз намоем, ки раҳнамои рост бошанд» [116].

Абдуқодир Муҳиддинов дар замони рақобати сармояҳо ва қудратҳо дар Бухорои шариф ба дунё омад ва аслан мешавад гуфт, ки қурбони ҳамин рақобатҳо шуд. Чӣ тавре, ки дар боло ишора намудем, ӯ дар 17-18 солагӣ ба фаъолияти сиёсӣ оғоз кард ва аз ҷадидони фаъоли ин ҳаракат буд ва дар рӯзномаи тотории «Вақт» матлабҳои ҷиддие бо имзои Бухороӣ нашр менамуд. Ба қавли аллома С. Айнӣ, «ин мақолаҳо аз аввали нашри худ (с. 1910) афкори умумро ба шӯр ва ҷавононро ба ғалаён оварда, сабаби ба ғайрат ва ҳиммати бештаре ба кор даромадани онон гардид» [29, с.72].

Айнӣ ба навъе ба Абдуқодир Муҳиддинов ҳаққи устодӣ дорад ва ин баҳои ӯ самимӣ ва мабнӣ ба асосоти қавӣ мебошад. Ба назари Айнӣ чунин мақолот дар ташаккули афкори таҷаддудгарой хеле саҳми чашмгир доштанд. Баъди узвияти Ҳизби коммунистӣ амалан ба сиёсат худро пайваст. Тавре академик Муҳаммадҷон Шакурӣ менависад, «ӯ аз аввалин афроде буд, ки барои дар ҳайати ҳукумати Туркистони Шуравӣ, ки дар Тошканд ташкил шуд, набудани мардуми маҳаллӣ, то ҳатто аз ӯзбакҳо эътирози шадид кард» [84].

Тавре мебинем, А. Муҳиддинов ҳанӯз дар соли 1910 дар орзӯи ташкили рӯзномае ба забони тоҷикӣ буд. Таъсиси рӯзномаеро ба забони тоҷикӣ дар Бухоро, ки аксари аҳолии онро тоҷикон ташкил мекарданд, на танҳо А. Муҳиддинов, балки падараш Муҳиддин Мансуров, Садриддин Айнӣ ва кулли равшанфикрони Бухоро пайгирӣ мекарданд. Дар таъсис ва чопи якумин рӯзномаи тоҷикӣ - «Бухорои шариф», ки рӯзи 11 марти соли 1912 амалӣ шуд, оилаи Мансуровҳо нақши калон дошт. «Муассиси нахустини ҷаридаи тоҷикии ҷавонбухориён ва ташаббускорони аслии он роҳбарони ҳамонвақтаи ҷунбиши ҷавонбухорой - Муҳиддин Мансуров ва Мирзо Сироҷ буданд» [67, с.33-34].

Тавре муаррихи тоҷик Н. Ғаффоров қайд менамояд: «Нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф», ки дар заминаи орзу, ҳадаф ва кӯшиши ҷадидони тоҷик, ба мисли Муҳиддин Мансуров, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигарон аз 11 марти соли 1912 то 2 январи соли 1913 ҳамагӣ 153 шумора ба табъ расида буд, дар таъриху тамаддуни тоҷикон ҳодисаи басо муҳим буд» [95, с.10]. Тавре маълум аст, ин рӯзнома 11-уми марти соли 1912 нашр гардид. (Бо гузашти замон 11-уми март ба ҳайси Рӯзи матбуоти тоҷик дар кишвари азизамон Тоҷикистони навин дар давоми зиёда аз 30-сол таҷлил карда мешавад). Рӯзномаи «Бухорои шариф», ҳамчун минбари асосии баёни андешаи ҷадидони тоҷик ба ҳисоб мерафт, тақрибан сад сол пеш дар самти худ огоҳию ба ангеза кашидани андешаҳо ва ба таҳрик овардани авкори

мардум ва хештаншиносию ифтихори ватандории тоҷикон нақши муҳим бозидааст.

Бисёр маъхазҳо шаҳодат медиҳанд, ки М. Мансуров писарашро дар яке аз донишкадаҳои олии Истамбул хононда, соҳиби маълумоти олӣ гардондааст. Абдуқодир Муҳиддинов ҳамчун маорифпарвар бори нахуст худро дар силсилаи мақолаҳои машҳураш, ки соли 1910 дар рӯзномаи маълуми тотории «Вақт» бо тахаллуси «Бухороӣ» чоп шуданд, зоҳир намуд.

Тавре устод С. Айнӣ мефармоянд: «Аз моҳи феврали соли 1910 (баъд аз фоҷиаи суннию шиа) дар рӯзномаи «Вақт» дар зери унвони «Аз аҳволи Бухоро» бо имзои «Бухороӣ» як силсила мақолаҳо нашр шуд. Нависандаи ин мақолаҳо яке аз ҷавонтарин ҷавонбухориён (Абдулқодир Муҳиддинов) буд, ки чизҳои хеле таъсирнок ва муҳаққиқона навишта, диққати ҳамаи аҳолиро ба худ ҷалб карда буд» [29, с.72]. Бояд қайд кард, ки ин мақолаҳо аз аввали нашри худ афкори умумиро ба шӯр ва ҷавононро ба ғалаён оварда, сабаби бо ғайрат ва ҳиммати бештаре ба кор даромадани онон гардида буд.

Мувофиқи андешаи устод С. Айнй, ин мақолаҳо ба муттаҳидшавии ҷавонони бухороӣ мусоидат намуданд. Афкори ҷамъиятиро бедор карданд ва аҳаммияти таърихӣ доштанд. «Маҳсули қалами як бухороӣ будани ин мақола ба ҳама маълум бошад ҳам, кӣ будани нависандаро касе намедонист..., вале «Бухороӣ» ба сабаби эътимод надоштанаш ба маълум кардани ном ва суроғаи худ, ин сирро эътимод карда, ба ман маълум ва ба воситаи ман бо идораи «Вақт» мухобира намуд. Ана ин «Бухороӣ» имрӯз садри кумитаи иҷроияи марказии Бухоро дар он рӯзҳо як ҷавони 15-16 сола Абдуқодир Муҳиддинов буд» [29, с.75] .

Ҷиҳати ба роҳ мондани нашри рӯзномаи мазкур дар радифи Муҳиддин Мансуров олим ва шоири забардаст Мирзо Сироҷи Бухороӣ саҳми назаррас дошт. Мансабдорони амир ва намояндагони ҳукумати Россия дар симои агентии сиёсии императории Россия ба нашри чунин як рӯзнома

манфиатдор набуданд. Бинобар ин, Муҳиддин Мансуров ва Мирзо Сироҷ (маорифпарвар, ҷадид, сайёҳ ва нависанда) барои бартараф намудани монеаҳо ба мудири матбааи Когон Левини яҳудӣ, ки бо агентӣ муносибати хуб дошт, мурочиат мекунанд. Ғайр аз ин, М. Мансуров, ки бо масъалаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ бо агентӣ равуо дошт, дар бораи нашри рӯзнома тавонист кумак кунад. Ӯ ба агентӣ ваъда медиҳад, ки рӯзнома барои рушди муносибатҳои тиҷоратии байни Бухоро ва Россия мусоидат хоҳад кард. «Элчихона, - менависад С. Айнӣ, — ба шарти дар дасти худаш будани ҳаққи сензорӣ (сензура) аз ҳукумати Бухоро барои нашри газета ба номи Левӣ ва Ҳайдархоҷа (Ҳайдархоҷа Мирбадалов, тарҷумони элчихонаи рус. Дар ин ҷо Ҳайдархоҷа чун мудири газета пазируфта шуд.) имтиёз ва иҷозат гирифта дод» [29, с.106].

Ин ҷо бояд зикр намуд, ки то пайдо шудани рӯзномаи “Бухорои Шариф” дар байни толибилмони Бухоро рӯзномаи “Мулло Насриддин” пинҳонӣ паҳн карда мешуд. Газетаи “Бухорои Шариф” ҳамчун аввалин рӯзномаи тоҷикӣ дар матбааи шаҳри Когон бо забони тоҷикӣ (форсӣ) дар заминаи хатти арабиасоси тоҷикӣ дар як шакли муайян дар ҳаҷми 4 саҳифа нашр мегардид. Тибқи маълумоти боэътимоди сармуҳаррири он-генерали артиши императории Россия Ҳ. Мирбадалов ва яке аз муҳаррирони он адиби озаритабор Мирзо Ҷалол Юсуфзода буданд. Левин К. рӯзномаи мазкурро нашр ва маблағгузорӣ менамуд, инчунин қайд кардан ба маврид аст ӯ озаритабор буд.

Муаммоҳое, ки рӯзнома мавриди таҳлил қарор медод, масъалаҳои бунёд кардани мактабҳои шакли муосири таҳсилот, дигаргунӣ ва замонавӣ кардани раванди таҳсил дар мадорис, дар айни замон чопи маводди дарсӣ буда ва аз навовариҳои аморат ва таҳаввулоти ҷаҳон матолиби ҷолибу хонданибобро ба нашр мерасонад.

Дар рӯзномаи мазкур хабару навгониҳои шаҳр, иқтисодиёт, ҳаёти фарҳангию иҷтимоӣ, илм ва исломӣ низ чоп мешуданд. Инчунин дар саҳифаҳои рӯзнома масъалаҳои буҳрони иқтисодӣ, бенавоӣ, бесаводии

аксари кулли аҳолии аморат таҳлил меёфтанд. Ҳамзамон, дар рӯзнома ҳикояҳо, намунаи адабиёти халқҳои гуногун дар тарҷумаи тоҷикӣ, порчаҳо аз китобҳои нависандагони маҳаллӣ ва хориҷӣ низ нашр мешуданд.

Инчунин дар рӯзнома фаъолияти амир Олимхон ва ҳаводиси дохилии аморат низ инъикос карда мешуд. Навигариҳои Эрон, Ироқ, Афғонистон, Туркия ва Хитой низ дар рӯзнома ҷой дода мешуданд.

Пас аз манъи рӯзнома як муддат дар нашриёт рӯзномаи узбекии "Турон" нашр мешуд.

Дар тамоми вақти кори рӯзномаи "Бухорои шариф" Абдуқодир Муҳиддинов бо бародар ва падари хеш дар кори он кӯмак мерасонид ва мақолаҳои худро низ дар он бо тахаллус нашр менамуд. Тавре устод Айнӣ менависад: «ба нашри ин ду газета тамоми ҷавонони Бухоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ёрӣ додаанд. Касони исмашон шоёни зикр инҳоянд: Мирзо Муҳиддин Мансуров ва писарони вай Мирзо Исом ва Мирзо Абдуқодир...» [29, с.109].

Пас аз манъ шудани нашри газетаи "Бухорои шариф" маорифпарварон ва ҷадидони Бухоро, аз ҷумла М. Муҳиддинов, А. Муҳиддинов, Мирзо Сироҷ ва ҳампешагони онҳо аз ин талафот ноумед нагашта, корро дар мавриди таъсиси мактабҳои усули нав, ташкили дигар нашрия ва ҷамъият, навиштани асару мақолаҳо идома доданд.

Муҳаққиқ Н. Ғаффоров зикр менамояд, ки: «Аз таҳлили осори пурарзиш ва гаронмояи ҷадидон бармеояд, ки эшон миллатро ба маънои этникӣ намефаҳмиданд ва онро ба маънии исломӣ шарҳ медоданд, аз ин рӯ, онҳо чун мӯътақидони ислом як миллат – миллати исломро ба бедориву худшиносӣ даъват менамуданд» [95, с.12].

А. Муҳиддинов ба зумраи ашхосе мансуб аст, ки номаш дар таърихи халқи тоҷик ноҳақ фаромӯш шудааст. Ӯ чун яке аз коммунистони миллати маҳаллӣ, нахустраиси Комитети Револютсионии Республикаи Халқии Советии Бухоро, аввалин раиси Совети Комиссарони Халқии Тоҷикистони Советӣ бароиояндаи дурахшони сарзамини азизаш бисёр корҳоро ба ҷо

овардааст. Ба қавли В. В. Куйбешев, вай аз ҷумлаи ашхосе мебошад, ки «идеологияи инқилобро омӯхтаанд» ва «эътиқоди коммунистиро аз худ кардаанд», .... «дар Бухоро ба револютсия коммунистон роҳбарӣ мекарданд» [49, с.9]. Тавре академик Р. Масов ва Ш. Султонов менависанд, «В. Куйбишев ба лаёқати А. Муҳиддинов ба сифати сиёсатмадоре, ки бо оммаи деҳқонони Бухоро забони умумӣ пайдо карда метавонист, баҳои баланд додааст. А. Муҳиддинов дар шароити Бухоро муқобили аз дасти деҳқони камбағал гирифтани замин ва тарафдори ба деҳқони безамин додани замин буд» [109, с.57].

Барои нашри рӯзнома албатта маблағ лозим буд. Бо мақсади аз нигоҳи молӣ таъмин намудани он бо маслиҳат ва сарварии Муҳиддин Мансуров дар шаҳри Бухоро моҳи сентябри соли 1912 ширкате таъсис дода шуд, ки пурра масъалаҳои молиявии рӯзномаро ба уҳдаи худ гирифт. «Акнун таъсири ҷавонбухориён нисбатан бештар гардид ва шумораи мақолаҳои характери пешқадамдошта афзуд» [67, с.36]. Бо вуҷуди он, ки газетаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» тӯли муддати кам нашр шуданд, онҳо бо шумораҳои пешқадами худ тавонистанд дар афкори бисёре аз мардуми аморати Бухоро дигаргуниҳои мусбат ва пешқадам ворид созанд. Чунон, ки устод Айнӣ мегӯянд: «Аҳли Бухоро ин мақолаҳоеро, ки ба забони содаву равони онҳо таълиф мешуданд, бо камоли майл мехонданд» [29, с.72].

Тавассути Абдуқодир Муҳиддинов ва падараш Мирзо Муҳиддин Мансуров барин одамони маърифатпарвар аз 11 марти соли 1912 (4 рабиуссонии 1330 ҳ.) рӯзи якшанбе бори якум дар сарзамини аморат ба забони тоҷикӣ рӯзномаи «Бухорои шариф» бароварда шуд. Устод С. Айнӣ борҳо таъкид кардааст, ки рӯзномаро, махсусан, аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ Абдуқодир Муҳиддинов ва Мирзо Сироҷи Ҳаким дастгирӣ мекарданд. «Диққати онҳо ба он равона карда шуд, ки рӯзнома бештар мақоми тарбиявӣ дошта бошад ва аз ин ҷост дар саҳифаҳои он тарғиби адабиёти пурмаънии тоҷик дар мадди аввал истод.

Навиштани мақолот, ширкат дар маъракаҳои таъсиси рӯзномаи “Бухорои шариф”, мубориза бо хурофот ва фаъолияти дигари Абдуқодир Муҳиддинов аз он шаҳодат медоданд, ки ӯ пурра вориди сиёсат гаштааст ва худро бе сиёсат тасаввур карда наметавонад. Ба қавли Аҳмади Дониш «аз таназзули мафҳуми воқеии ислом, ки дар Мовароуннаҳр паҳн шудааст», норозӣ буд.

Аз солҳои 1913 – 1914 сар карда, бо дастгирии ҷадидон дар гӯшаҳои гуногуни қаламрави Аморати Бухоро боз мактабҳои усули нав ташкил шуданд. Ба ин васила сол ба сол сафи одамони бо хатту савод афзоиш меёфт. Масалан, танҳо дар соли 1914 дар дохили Бухоро дар мактабҳои усули ҷадиди Усмонхоҷа (У. Пӯлодхоҷаев) - 200 нафар, Ҳомидхоҷа -100 нафар, Мулло Вафо - 80 нафар, Мукими-Махдум Бурҳонов - 50 нафар ва дар мактабҳои маҳаллаҳои Моркуш -150 нафар ва Хиёбон - 40 нафар толибилм таҳсил мекард. Илова бар ин, «дар ҳамаи он мактабҳо курсҳои шабона кушода, дар ҳар кадомаш 40 - 50 нафар калонсоли бесавод ё чаласавод мехонданд» [29, с.114-115].

Вазъи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию мадании Аморати Бухоро дар ин давра дар ҳолати буҳронӣ қарор дошт. Махсусан, вазъияти мактабу маориф ва шароити зиндагии мардум ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ буд. Чунин манзараро устод Садриддин Айнӣ ба риштаи таҳлил кашида, сиёсати пешгирифтаи амир ва атрофиёнашро маҳкум мекунад. Бештар ба манфиати худ ҷамъ овардани боигариро аз ҳисоби мардуми фақир ва ба айшу ишрат дода шудани табақаи ҳукумронро ин адиби тавоно мазаммат мекунад. Дар идома шарту шароити зисти ҷомеаро пеши назар оварда, чунин менависад: «Роҳҳо вайрон, обҳо гандида, тамоми мамлакат харобазор... Халқ бемор, фақир ва мӯҳтоҷ...» [29, с.151]. Ходими намоёни сиёсию ҷамъиятии Тоҷикистон ва собиқ ҷадиди пешқадам Абдуқодир Муҳиддинов низ дар силсила- мақолаҳои танқидии хеш дар рӯзномаи «Вақт» ва рисолааш бо номи ба «Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Уктобр чӣ дод?.» ба ин мавзуъ дахл намуда, хело ҷасурона авзои сиёсии

амoратро маҳкум менамояд. Муаллиф барои ҳар чи бештар дарк кунондани мардум ба ин беадолатиҳо хаёлан чунин саволҳоро пеши назар меорад: «Ба хаёли хонандагон чунин як мулоҳиза омаданаш эҳтимол аст: бошандагони давлати хонии Бухоро магар фарзандони инсон нестанд, ки ба ин қадар зулм таҳаммул мекунанд? Онҳо магар ба арбоби ҳукумат рӯ оварда намегӯянд, ки «амволамон, авлодамонро аз дастамон мегиред, аз маблағҳое, ки дар зери 40 дараҷа ҳарорати офтоб меҳнат карда меёбем, миллионҳо ҷамъ мекунед, моро дар гуруснагӣ ва бандагӣ нигоҳ медоред. Инчунин, менависад: «Дар корҳои ҳифзассиҳҳа, маориф, дуруст кардани роҳҳо ва тариқи кори деҳқонӣ, амир ва ҳукуматдоронаш ҳеҷ як кӯшиш намекунанд, аз хазинаи амир дар ин корҳо як пул ҳам сарф намешавад, балки амир ва тарафдоронаш дар бобати маориф ва мактаб ҳаракате, ки аз байни мардум зоҳир шавад, манъ мекунанд, хомӯш мекунанд, халқро ба торикӣ ва нодонӣ нигоҳ медоранд» [55, с.35].

Аз моҳи майи соли 1914 фишорҳои навбатии ҳукумати Бухоро болои мактабҳо оғоз ёфта, дар моҳи июли ҳамон сол мактабҳо баста шуданд. Бо вуҷуди ин, баъзе нафарони маърифатпарвар дар хонаҳои худ пинҳонӣ мактаб кушода, фарзандони халқро таълими илм медоданд. Яке аз онҳо ин М. Мансуров ба шумор мерафт. М. Мансуров ва писараш Абдуқодир, ки шавқманди ташкили чунин мактабҳо буданд, ба таври пинҳонӣ дар хонаи худ мактаб кушода, Ғуломқодир ном омӯзгорро масъули таълиму тарбияи он ҷо гузоштанд.

Як гурӯҳ аз ҷадидон, ки дар байни онҳо А. Муҳиддинзода ҳам буд, аз соли 1913 «ҷамъияти махфӣ»-е (ибораи С. Айнӣ) ташкил намуда ва аз соли 1914 ду ширкати дигар «Куллубхонаи Маърифат» ва «Баракат»-ро таъсис намуданд. Фаъолияти ин ширкатҳо дар пиёда сохтани ормонҳои ҷадидон, тарғибу ташвиқи маорифу маданият ва ошкор кардани амалҳои номатлуби намояндагони ҳукмрони сохти давлатдории вақт саҳми калон гузошта буд. Кореро, ки ин хонадон қаблан тариқи матбуот пеш мебурданд, акнун бо ин васила тарғиб менамуданд.

Абдуқодир Муҳиддинов дар китоби худ таҳти унвони «Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Уктобр чӣ дод?» доир ба ҳаракати ҷадидия чунин менависад: «Таъсир ва иқтизои сармояи тиҷоратӣ ва саноатӣ, ҷадидҳоро ба вуҷуд овард, ҷадидиҳо намояндаи сармояи тиҷоратӣ ва саноат буданд. Аммо ин мафкура буд, мафкураи синфӣ дар ибтидои такоммули худ буд. Ҷадидиҳо ҳанӯз ба дараҷаи рӯшан ва сарупо сурат гирифта, як силсилаи талабот ва пургроми мукаммал надоштанд» [55, с.37]. Аммо бояд қайд намуд, ки бо таҷдиди роҳи сиёсӣ, ҷадидиҳо ва тарафдорони усули ҳукуматдории куҳнаи амир – амалдорҳои амир – муллоҳо, заминдорҳои калон ва он тиҷораҳое, ки вобастаи амир ва амалдоронаш буданд, зиёда мешуд, ин нафрат ва хусумати тарафайн аз соли пайдо шудани фикри нав 1905 то 1917, ки инқилоби февралии Русия ба вуҷуд омад, сол аз сол шиддат кард.

Ақидаи хешро А. Муҳиддинов дар бобати инқилоби февралии Россия чунин баён кардааст: «Инқилоби моҳи февроли Русия аз тахт афтодани импиротур, амир ва тарафдоронашро хеле ба тарсу даҳшат андохт, чунки яке аз такиягоҳҳои бузург ва асосии амир ва ҳукумати он усули истибдодии ҳукумати импиротурӣ буд» [55, с.48]. Чунки ҳукумати импиротурӣ метарсид, ки агар дар Бухоро ислоҳот ва тағйироте ба усули ҳукуматдории амир пайдо шавад, сармоядорони Бухоро саноати миллии худро тараққӣ дода, дар натиҷа истиқлоли Бухороро талаб хоҳанд кард.

Дар асоси таъсири инқилоби февралии Россия ба Бухоро ӯ чунин хулоса мекунад, ки «инқилоби феврол ва афтодани ҳукумати императорӣ, боиси халал ёфтан ва сустӣ пайдо кардани амир ва ҳукумати амир шуд. Аз тарафи дигар, ҷадидҳо аз ин инқилоб рӯҳу қувват гирифтанд ва умедвории эшон бо ислоҳот зиёда шуда, дар пайи тағйир додан ва дигаргун кардани усули куҳнаи ҳукуматдории амир афтоданд» [55, с.50]. Тавре аз таҳлили манбаъҳо бармеояд, дар ин марҳила аз байни мардуми шаҳри Бухоро ва дигар шаҳрҳои вилоят, мисли Қаршӣ ва Шаҳрисабз тарафдорони ҷадидон бештар буданд ва аз тарафи ҷадидҳои Бухоро ба номи ҳукумати

муваққатии Русия бо умеди мадад мурочиат карда буданд, ки вобаста ба ислоҳоти Аморати Бухоро мадад намоянд, ки ин пешниҳод ба инобат гирифта нашуд.

Дар асоси таъсири инқилоби февралӣ ва мувофиқи хоҳиши ҳукумати муваққатаи Русия дар таърихи 7 моҳи апрели соли 1917 амири Бухоро дар як маҷлисе, ки сипоҳҳо, амалдорҳо муллоҳои калон савдогарони машҳур ва намояндаҳои ҷадидиҳо ҳозир буданд, фармони ислоҳотро эълон намуд.

Дар мавриди ислоҳот бошад, А. Муҳиддинов чунин мегӯяд: «Манфиат ва хайрияти умуми фуқароёни худро малҳузи хотир кард, ибтидо бар ризои умумӣ ва хоҳиши миллат намуда иқдомот менамоем, ки идораҳои ҳукумати моро бо ислоҳоти васеъ ва бар вафқи тартиб иҷро гардида, рафторҳои худсарона ва афъолҳои собиқонаро бар ҳам раҳонем» [55, с.40]. Дар баробари ин, ӯ қайд намудааст: «Бинобар сабаби хушбахтӣ, масовоти ҳомии мо, ки давлати қавишавкати Русияанд, зоти мо рой дорем, ки аз маҳбусони ба ҳабсхонаамон хобидагӣ ба ризои фуқароёни ватани маълуфи маҳбусҳо аз қайд, мураххас мегардонем» [55, с.40].

Аз ин гуфтаҳои боло бармеояд, ки А. Муҳиддинов тарафдори ислоҳот дар Аморати Бухоро буд ва дар ин самт бештар ба дигаргуниҳои Россияи подшоҳӣ тарҷеҳ медод. Дар баробари ин доир ба иҷрои ин фармон гуфта метавонем, ки ин фармон, агар иҷро карда мешуд, ҳам барои дурустии корҳои мамалакат он қадар аҳаммияте надошт, ба муносиби эълони ин фармони пӯчи бемағз, аксари кулли ҷадидҳо фирефта ва умедвор гардида, дар кӯчаҳои шаҳри Бухоро намоиши хурсандӣ карданд. «Зинда бод Амир Олимхон!» Зинда бод амири Бухоро, зинда бод ҳуррият, адолат, мусовот-гуфта кӯча ба кӯча гардиш карданд ва хостанд, ки дар “Регистони” Бухоро ба дарвозаи Арк рафта, ба воситаи қушбегӣ ташаккур ва миннатдории худро бо амир расонанд ва аз ӯ эълони фармони изҳори хурсандӣ кунанд. Вобаста ба ин фармон А. Муҳиддинов чунин мегӯяд: «...лекин муллоҳо ва илмдорҳои амир бо ин кор монеъ шуданд. Бо роҳбарии муллоҳо мардуми бисёре ҷамъ шуда буданд, ба муқобили ҷадидҳо ба кӯча баромаданд, қасд

намуданд, ки ба ҷадидиҳо ҳуҷум кунанд. Азбаски ҷадидиҳои ҳақиқӣ хеле кам буданд ва бо атрофи онҳо бештари мардум тамошобин ҷамъ шуда буданд, ҳама гурехтанд, қисме аз ҷадидҳо дар масофаи 12 чақрим (12,84 км²) берун аз шаҳри Бухоро дар остонаи Когон дар ҷое, ки истиқоматгоҳи урупоиҳо, сафоратхонаи Русия ва ташкилоти шурои вакилҳои мардикор, деҳқон ва аскарҳо буд, паноҳ бурданд» [55, с.41]. Вобаста ба теъдоди ҷамъомадагон дар тазоҳуроте, ки дар ин давра дар шаҳри Бухоро доир гардид чунин андешаҳо вуҷуд доштанд: сафи иштирокдорон, ки дар ибтидо камтар аз ҳазор нафар буд, тадриҷан бо прайвастани мардуми шаҳр афзуда, тақрибан ба 5-7 ҳазор нафар расида буд. Дар ин ҳамоиш тоҷикон, яҳудиён, эрониён, ӯзбекон, тоторҳо ва дигар аҳолии шаҳр ширкат варзиданд.

А.Муҳиддинов роҷеъ қазияи ба сари устод Айнӣ омадаро дар рисолаи худ чунин инъикос намудааст: «Дар шаҳри Бухоро аз ҷадидиҳо чанд нафар ба дасти одамони амир афтод. Дар он миёна Садриддин Айнӣ низ буд. Бо амри амир ва қушбегӣ, Садриддин Айниро бо ду нафари дигар дар "Регистон" дар байни оммаи фуқаро бароварда, ҳар якро 75 чӯб заданд ва ба "Обхона" ном ҳабсхона андохтанд. Бо мадади шурои мардикор ва аскари рус ин маҳбусҳо аз ҳабс халос гардида, ба Когон оварда шуданд» [55, с.41].

Амир ба баҳонаи ин ки муллоҳо ислоҳотро намехоҳанд, иҷрои ислоҳот боиси шӯриши мамлакат аст ва ислоҳотро бо тадриҷ кардан дар кор гуфта, коре накард. Кор ва тартиби ҳукуматдорӣ ва идораи мамлакат ба ҳамон тартибе, ки пеш аз он буд, монд, балки бадтар ва сахттар шуд.

Аз моҳи апрел то замони Инқилоби октябр ҷадидиҳо, ҷавонбухороиҳо дар паноҳи шурои мардикор, деҳқон ва аскар буданд. Дар шаҳри Бухоро барои зиндагонии ҷадидҳо амният намонд. Ҳар касе, ки ба ҷадидӣ машҳур буд, ё махфӣ дар шаҳр зиндагонӣ мекард ва ё дар Когон зиндагӣ менамуд. Аз тарафи ташкилоти ҷавонбухороиҳо баъзан бар хилофи усули ҳукуматдории амир хитобномае нашр мешуд ва мехостанд, ки бо деҳқонон

ва сарбозон алоқаманд бошанд, лекин мумкин нашуд, чунки дар ташкилоти ҷавонбухороиҳо аз намояндаи деҳқонон ё ашхосе, ки бо оммаи деҳқонҳо алоқаманд бошад, набуд.

Баъд аз афтодани ҳукумати муваққатии Русия ва барпо шудани ҳукумати ранҷбарон – Ҳукумати Шуроӣ, қисми кулли подшоҳпарастон ва сармоядорони Русия, ки дар хоки Бухоро ё наздик ба Бухоро буданд, бо амир алоқаманд шуданд ва хостанд, ки ба воситаи амири Бухоро ба ҳукумати Шуроии Туркистон ва фирқае аз болшевикҳо муқобилат кунанд ва то тавонанд, молу мулки худро муҳофизат намоянд. «Амири Бухоро бо ин подшоҳпарастон ва сармоядорон, бо рағбати тамом, ҳамдаст, якҷиҳат шуд; ташкилкунандагони Ҳукумати мухтории Хӯқанд ба амир, як ҳайати махсус фиристониданд ва алоқаи махфиро байни тарафайн муқаррар сохтанд. Мухолифати амир бо Ҳукумати Шуроии Туркистон ва алоқаи он бо қувваҳои аксулинқилобӣ, рӯз ба рӯз зиёда мешуд» [55, с.43].

Барои барҳам додани ин маркази аксулинқилобӣ Ҳукумати Шуроии Туркистон лозим донист, ки иқдомот карда шавад, бо иштирок ва ҳамроҳии ҷавонбухороиён ба муқобили амир ҳаракат намояд.

Дар оғози моҳи марти соли 1918 аз номи ташкилоти ҷавонбухороиён ва Ҳукумати Шуроии Туркистон аз амир талаб карда шуд, ки онҳое, ки машҳур ба аксулинқилобӣ ҳастанд, аз даври ҳукумати амир дур карда шуданд. Амир ин таклифро қабул накард, ба ҷидол анҷомид, байни қуввати мусаллаҳи инқилобӣ ва амир ҷанг ба вуқуъ омад. Сардор ва роҳбари қувваҳои мусаллаҳи инқилобӣ Колесов – Раиси Шурои комиссарҳои Туркистон буд ва дар ин муҷодала ғалабаи инқилоб муяссар нагардид, Колесов бо мағлубият ба тарафи Самарқанд пас гашт, ташкилот ва ҳозире, ки барои ғалабаи инқилоб ва аз тахт андохтани амир лозим буд, ҳозир нашуда буд, ин иқдомоти Колесов бисёр хом ва кӯтоҳназарона буд. Аз ин сабаб натиҷаи иқдомот боиси қувват ёфтани мухолифони инқилоб шуд.

Абдуқодир Муҳиддинов ва дигар ҷавонбухориён, дар маҷмуъ, нисбати (моҷарои колесов) Федор Колесов, ки моҳи марти соли 1918 сурат гирифт, мавқеи духӯра доштанд. Онҳо умедвор буданд, ки дастгирии ҳарбии Туркистони Шуравӣ метавонад дар шикасти аморат ва гузаронидани ислоҳот мусоидат намояд. Аммо ин кӯшиши сарнагун кардани амир бенатиҷа анҷом ёфт. Амир бошад, ба таъқиби ҷавонбухориён шуруъ намуд, ки аксари онҳо маҷбур шуданд ба Туркистон гурезанд. Қисме аз ҷавонбухориён ба ҷониби коммунистон гузашта буданд. Мағлубият боиси он шуд, ки бухороиёни ҷавон фаъолияти худро ба Тошканд кӯчонанд ва худи ин маърака баъдан як моҷарое арзёбӣ гардид, ки азобу уқубатҳои азим овард, вале дар оғоз дар кӯшиши ҷалби Артиши Сурх бухороиҳои ҷавон нақш бозиданд.

Муҳиддинов. А. Дар асари “Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Уктобр чӣ дод? қайд мекунад, ки: «Вазифаи ҳар як коммунист аст, ки синфи ранҷбарро аз ҳақиқати кор ва сиёсати имрӯза ва роҳи хатое, ки роҳбарони имрӯзаи шурои мардикор ва аскар ихтиёр кардаанд, огоҳ кунад ва бо роҳи ташвиқот тариқи мустаҳкам намудани озодӣ ва баробариро тартиб ва роҳи аз замин кишт ва зироат истифода карда тавонистани оммаро бифаҳмонад.» [55, с.45]

Дар мавриди муносибат бо Русияи Шуравӣ А. Муҳиддинов мавқеи хоси худро дошт. Ӯ мехост, ки Бухоро муносибатҳои худро бо Руссияи Шуравӣ аз рӯи принсипи баробарҳуқуқӣ ба роҳ монда, мустақилияти хешро нигоҳ дорад. Россияи Шуравӣ низ эҳсос мекард, ки Бухоро, ки давлати мустақил буд ва дар Шарқ обрӯву эътибори баланд дошт, барои шомил шудан ба ҳайати давлати Шуравӣ чандон хоҳиш надорад. «Дар ҳайати ҷавонбухориён ашхосе, ки ба мафкураи инқилоби коммунистӣ содиқ набуданд, ё бохабар набуданд, низ иштирок доштанд, чӣ пеш аз инқилоб ва чӣ баъд аз Инқилоби Бухоро ин камбудиҳо имкон надод, ки фирқаи иштирокиюни Бухоро дар ҳақиқат, як фирқа мустаҳками синфи ранҷбарон бошад, ба амри ҳоли хизмат ва фаъолияти фирқаи

иштирокчиёни Бухоро, дар бобати Инқилоби Бухоро натиҷаи хуб бахшид» [55, с.44]. Кам будани қувваи ҳарбӣ, барои забткорӣ, ҳамчунин таъсири ҷанги граждании дар солҳои 1918-1920 ба амал омада, Россияи Шуравиро маҷбур сохт ба пешвоёни асосии Бухоро бо воситаи миёнравии тоҷирон мукотиба барқарор намояд. Ба қатори чунин ашхоси бонуфузи Бухоро хонадонҳои ашрофи маҳаллӣ, намояндагони табақаи буржуазии Бухоро инчунин толибилмон дохил мегардиданд.

Ҳукумати болшевикӣ бо ин роҳ гуё тарафдорони худро дар Бухоро зиёд мекард, вале ба онҳо эътимоди қавӣ надошт, ҳатто баъзан нисбати онҳо тамасхуромез муносибат карда, онҳоро бо паррондан таҳдид мекард. Ин сарварони Бухоро бошанд, дар ду соли аввали фаъолияти Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро соҳибихтиёриро эҳтиром мекарданд ва итоаткориро нисбати давлати Шуравӣ қабул надоштанд. Онҳо муқобили ворид кардани халқҳои ғайри бухороӣ ба ҳайати ҳукумати навташкили ҶХШБ буданд. Сарварони Бухоро барои ташаккули давлати нав заминаҳои иқтисодӣ доштанд. Аз ҷумла, за ҳисоби хариду фурӯши пӯсти қарокулӣ ва пахта даромади муайян ба даст меоварданд. Дар баробари ин, миқдоре аз тиллоҳои хазинаи амирро дар ихтиёр доштанд ва дар он ҷо роҳбарони соҳибтаҷриба, савдогарон, кормандони молиявӣ ва сиёсатмадорон буданд, ки ҳамаи ин дороиҳоро идора мекарданд. Ҳамчунин, дар ин марҳила кишоварзони маҳаллии тоҷику узбек дар заминҳои обӣ гандум, пахта ва дигар зироатҳоро кишт карда, даромади хуб ба даст меоварданд.

Ба ҳамаи ин монеаҳо нигоҳ накарда, ҷадидон ба ғайр аз таъсиси мактабҳои усули ҷадидӣ, инчунин, таъсиси рӯзномаҳои маҳаллиро дар баробари рӯзномаҳои хориҷӣ зарур меҳисобиданд. Махсусан, нашри рӯзномае ба забони тоҷикӣ, ки дар шароити онвақтаи Бухоро вуҷуд надошт, аз ҳар ҷиҳат аҳаммиятнок дониста мешуд.

Дар соли 1917 Мирзо Муҳиддин Мансур раиси Кумитаи ҷавонбухориён интихоб мегардад ва ҳамроҳи Файзулло Хоҷаев, Абдуқодир

Муҳиддинов, Садриддин Айнӣ ва дигар инқилобчиён баҳри сарнагунии сохти аморат мубориза оғоз менамояд. Пас аз воқеаи Колесов дар натиҷаи авҷ гирифтани иртиҷоъ дар аморат барои ҷавонбухориён, ки аз тартиботи ҳамонвақтаи амир норизо буданд, ба Бухоро баргаштан ғайриимкон шуда монд. Аз байни ин гуруҳ  Абдуқодир Муҳиддинов тарафдори барномаи ҲКР (б) буд. Маҳз дар ҳамин вақт А. Муҳиддинов яке аз сарварони инқилоби халқии Бухоро мегардад.

Абдуқодир Муҳиддинов дар сарсухани хеш ба китоби Абдурауф Фитрат «Давраи ҳукмронии амир Олимхон», ки соли 1930 бо ҳуруфоти ниёгон нашр шуда буд, ба фаъолияти ҷадидҳо баҳо дода, мегӯяд, ки то воқеаҳои Колесов ҷадидон ба амир боварӣ доштанд ва бо қалами А. Фитрат ба амир нома навишта, аз ӯ ислоҳотро хоҳиш мекунанд. Пас аз воқеаи Колесов бошад, афкори ҷадидон характери сиёсӣ мегирад. Ӯ менависад: «Баъд аз воқеаи Колесуф масъала ранги дигар гирифт. Ҷадидҳое, ки дар хоки Туркистон муҳоҷират намуданд, бо таъсири замон ва макон тарафдории усули ҷумҳурии буржуазиро қабул карданд» [70, с.6]. Абдуқодир Муҳиддинов дар ин сарсухан ақидаеро, ки худи амир ҷонибдори ислоҳот асту, гӯй атрофиёнаш  қозӣ Бурҳониддин ва Низомиддини урганҷӣ ӯро аз ин роҳ бозмедоранд, инкор намудааст. Дар асоси таҳлили санадҳо собит мегардад, ки баъд аз воқеаи Ф. Колесов ба муқобили ҳаракатҳои инқилобӣ худи амир ҳам бо фаъолияти тамом кор кардааст, ки дар ин кор баъзе мавридҳо аз қозӣ Бурҳониддин ҳам пешқадамтар будааст. Аз ҷумла, дар яке аз дастхатҳои худ ба қозӣ Бурҳониддин менависад, ки: «Шариатпаноҳ аз ваҷҳи чанд нафар одамони ҷадидро ба боло ҳабс кардан аз телефуни бегоҳ ба хазиначӣ маълум карда будед, бегунoҳ гуфта, боло бурдан қатӣ дафъӣ намекушанд, ҳақиқат мекунанд, мавриди балвочӣ чи қадарҳоро ба болои номгӯи алиф монда ҷазо доданд, боз гапи бисёр, ки навишта намешавад. Шуморо чӣ қадар поси хотир мекунем ва илло аз дӯстатон душманотон бисёр Қозикалон, мегӯянд ҷадидон ба Тошканд хатҳошон мерафта боз фасод кардaнӣ

будаанд. Хатҳои мазкур ба даст афтод. Ҳуҷҷат шуд» [70, с.6-7]. Тавре мебинем, амир ба ҷадидон бовар надошт.

Ҷавонбухориён монархистони конститутсионӣ буданд, вале амалан ҳамчун ягона қувваи оппозитсионнӣ алайҳи тартиботи мутлақият амал мекарданд ва мавҷудияти онҳо дар таърихи Бухоро зуҳуроти прогрессивӣ буд. Ба бахти А. Муҳиддинов, ӯ ба зудӣ боввариашро аз амири некхоҳ барканд. Ин ҳодиса ба шарофат ва таҳти таъсири шӯриши мусаллаҳонаи Октябр дар Петроград, нахустин декретҳои Ҳокимияти Советӣ, ёрии фаъолонаи синфи ғолиби коргари рус ба амал омад. «Моҳи январи соли 1918 Абдуқодир Муҳиддинов аз байни ҷавонбухориён амалан аввалин шуда ба сафи Партияи коммунистӣ дохил гардид. 16 ноябри соли 1918 А. Муҳиддинов. ки аз Тошканд ба Москва омада буд, дар кори маҷлиси оппозитсионерони ба ин ҷо омада дар Бухоро ширкат меварзад. Маҷлис дар бораи зарурати вожгун намудани сохти аморат якдилона қарор қабул мекунад» [140, с.78]. Тақрибан ҳамон вақт Муҳиддинов ба «сексияи бухороӣ-туркистонӣ»-и Бюрои маркази ташкилотҳои мусулмонии халқҳои Шарқ дар назди КМ ҲКР (б) сарварӣ менамояд. Вакилони конференсияи 11 кишварии Ҳизби коммунистии Туркистон (моҳи марти соли 1919) ба ӯ чунин бовари калон зоҳир карда, ӯро ба ҳайати ба ном Бюрои мусулмонӣ дохил намуданд, ки сипас, Бюрои мазкур Муҳиддиновро ба Москва вакил карда фиристод.

Абдуқодир Муҳиддинов дар кори Конференсияи VIII умумироссиягии ҲКР (б) (2-4 декабри соли 1919) ва Съезди VII умумироссиягии Шуроҳо (5-9 декабри соли 1919) ширкат варзид. Чанде пештар, моҳи ноябри соли 1919 ӯ дар кори Анҷумани II умумироссиягии ташкилотҳои коммунистии халқҳои Шарқ иштирок карда буд. Чунонки маълум аст, рӯзи аввали ин форум бо маърузаи таърихии Владимир Илич Ленин шуҳрат ёфт.

Аз ибтидои соли 1917 марҳилаи дигари фаъолияти Абдуқодир Муҳиддинзода ва умуман хонадони онҳо, бинобар сабаби тағйирёбии вазъияти сиёсии давлат оғоз меёбад. Ҷадидону ҷавонбухороиёни Бухоро

дер боз мехостанд дар давлат ислоҳот гузаронида, ба ин васила дар пойдорию барқароркунии адолат саҳмгузор бошанд.

Моҳи феврали соли 1917 дар Русия инқилоби буржуазию демократӣ (инқилоби февралӣ) ғалаба намуда, сохтори подшоҳиро сарнагун сохт. Ҷадидон аз заволи империяи рус ва барканории Николаи II руҳбаланд гардида, барои амалӣ намудани ислоҳот дар аморат ҷиддӣ машғул шуданд.

Мавқеи ҷадидон, ки то инқилоби февралии рус аксаран ислоҳоти мактабу маориф, мадрасаҳо ва ҷорӣ намудани шакли нави таълимро талаб мекарданд, пас аз ин инқилоб мавқеи онҳо характери сиёсӣ гирифт. Минбаъд онҳо ислоҳоти мактабу маорифро ба ҷои дуввум гузошта, талабҳои сиёсиро пешниҳод карданд. Барои амалӣ намудани мақсадҳои худ онҳо мехостанд аз Ҳукумати муваққатии Россия, ки пас аз сарнагун намудани подшоҳ таъсис дода шуда буд, истифода намоянд. Аз ин хотир, онҳо Ҳукумати муваққатиро табрик намуда, аз он барои ислоҳоти сохти амирӣ кумак пурсиданд. Вале, аксари ҳайати Ҳукумати Муваққатӣ ин гуна ислоҳотро намехостанд.

Дар натиҷаи ин Ҳукумати муваққатии Русия гузаронидани ислоҳотро ба уҳдаи амир Олимхон вогузор кард. Агарчанде баъзе аз мансабдорони дарбори амир, аз ҷумла қозӣ Бурҳониддин ва Низомиддини Урганҷӣ пурра зидди гузаронидани ислоҳот буданд, аммо амир дар ҳолати ногувор монда, барои бақои салтанати хеш ба ислоҳоти ночизе розӣ шуд. Қӯшбегӣ Насрулло, ки дар ибтидо, то андозае ба ин масъала назари мусбат дошт, барои ҳамоҳанг сохтани андешаҳо нисбат ба ислоҳот, аз ҷадидон ҳамчун намоянда М. Мансуров ва аз одамони ба худаш наздик Мирзо Мустафоқулро даъват намуда, машварат оростааст. Баъдтар чунин машваратҳоро бо намояндагони ҷавонбухороиён Усмонхуҷа Пӯлодхоҷаев ва Абдулвоҳид Мунзим ташкил намуда, фикрҳои эшонро ҳам шунидааст. Амир Олимхон бо мақсади то ҳадде ором сохтани ҳаракатҳои ислоҳотхоҳон ва худро дар назари онҳо ва матбуот ба сифати амири тараққихоҳ нишон додан моҳи марти соли 1917 дар самти ҷобаҷогузории

кадрҳо баъзе дигаргуниҳо ворид намуд. Дар натиҷаи он баъзе мансабдорони зидди ислоҳот аз вазифаҳои ишғолнамудаи худ сабукдӯш шуданд, ки ин амал боиси боз ҳам зиёд шудани муқобилони ислоҳот гардид.

Аммо, бо вуҷуди ин лоиҳаи ислоҳот дар дарбор тайёр карда шуд. Мувофиқи он тарзу усули низоми давлатдории аморат бо дар назардошти манфиатҳои халқ бояд дигаргун мегардид. Аммо ҳамаи ин ба ақидаи С. Айнӣ «ислоҳот набуда, фиребтани ҷавонон ва матбуот буд». Лоиҳа 7-уми апрели соли 1917 дар меҳмонхонаи «Раҳимхонӣ»-и Арки Бухоро дар ҳузури даъватшудагону меҳмонон қироат карда шуд. Қисме аз ҷавонбухориён аз ин хело руҳбаланду хушнуд шуданд. Барои изҳори миннатдорию хушнудӣ аз амир, дар фикри ҷавонбухориён дар дохили шаҳр гузаронидани намоише бо номи намоиши шукрона ба вуҷуд омад. Гурӯҳе аз онҳо барои гузаронидани ин чорабинӣ розӣ буданду гурӯҳи дигар бо дарки эҳсоси хатар ва зоҳирбозии тарафи муқобил зид баромаданд.

Мансуров М. ва писаронаш ба қатори дуюми ҷавонон шомил мешуданд. М. Мансуров ба хонаи худ бегоҳии 7 апрел ҷадидони куҳансол Мунзим ва Фазлиддин – махдумро даъват намуда, ботинан муқобил будани дарбориён ба ислоҳот ва оқибатҳои хатарноки намоишро бо далелҳо ба онҳо мефаҳмонад. Инчунин, М. Мансуров бо исрор талаби қатъи намоишро намуда, эшонро барои гирифтани пеши роҳи ҷавонон дар масъалаи гузаронидани намоиш уҳдадор мекунад. Бинобар навиштаи С. Айнӣ, дар ин вохӯрӣ Мансуров аз муқобил будани қушбегӣ Насрулло ва сарвари резидентсияи (қароргоҳ ё консулхонаи Русия дар Бухоро) Русия Миллер ба гузаронидани намоиш сухбат мекунад. М. Мансуров, ки он солҳо раиси «Ҷамъияти савдогарони Бухоро» буд, бо табақаи ҳукмрони ҳукумати маҳаллӣ ва намояндагони Русия бо тақозои вазифа робита дошт. Аз ин хотир, аз баъзе нақшаҳои онҳо огоҳ буд. Аммо, бо сабабе, ки хайрхоҳи маорифпарварону навхоҳон буд, намехост, ки эшон дар натиҷаи чунин найрангбозиҳо оғуштаи хун шаванд. Намоз Ҳотамов дар китоби худ

чунин қайд мекунанд: «Бегоҳии рӯзи шанбе, 15 апрел дар маҷлиси дар Когон барпошуда ҳаракатҳои аввала ва нави Миллер ва Шулга муҳокима карда шуд. Дар вақти музокира ба ҳозирон забоняккунии эшон бо ҳукумати амир ба муқобилиислоҳотхоҳон ошкор гардид» [79, с.82]

М. Мансуров худи ҳамон рӯз ба ин муносибат ба амир барқияи шодбошӣ фиристода, ин амалро «оғози даврони нав дар Бухоро» номид. Ба ғайр аз ӯ, инчуниин, А. Фитрат низ ба амири Бухоро ва Ҳукумати Муваққатии Русия номаи шодбошию миннатдорӣ фиристод. М. Мансуров бо ин мактуби худ қаноат намуда, зидди ҳама гуна намоишҳою роҳпаймоиҳо буд. Новобаста аз ин, муқобилиятҳои Мансуров ва дигар ҳамфикронаш, рӯзи 8 апрели соли 1917 намоиш оғоз ёфт. Худи ҳамон рӯз намоишчиён зери таъқиби иртиҷоъпарастони дарбор монда, мавриди лату кӯб қарор гирифтанд. Дар ин кор дасти амиру атрофиёнаш, тавре дар боло ишора намудем, хуб ҳис карда мешуд. Ҷазодиҳӣ ва таъқиботи ҷадидон оғоз ёфт. Қисме аз ҷадидоне, ки раҳоӣ ёфтанд, роҳи гурезро пеш гирифта, ба ҳар шаҳр пароканда шуданд. Шаби 8 апрел М. Мансуров бо аҳли оилааш ба ҳудуди Когон, ки таҳти идораи Русия буд, паноҳ бурданд.

Ҷадидони дар муҳоҷират буда, рӯзҳои 11- 12 апрели соли 1917 Кумитаи иҷроияи фирқаи ҷавонбухориёнро ташкил намуданд. Дар ҳайати он М. Мансуров ҳамчун раис ва фарзандонаш Абдуқодиру Исом дар баробари дигар ҷадидон ба монандӣ: Мунзим, Муҳиддин Рафъат, Усмон Хоҷа, Мусо Саидҷонов, Ориф Каримов ва дигарон ба ҳайси аъзо интихоб гардиданд. М. Мансуров ҳамроҳи фарзандонаш дар муҳоҷират низ қувваи асосии пешбурди кори моддию маънавии ҷадидон ба шумор мерафт.

Пас аз Инқилоби октябр дар Россия, аввали соли 1918 ҷавонбухориён ва ҷамъияти «Шурои исломия» ба таҳлука афтоданд. Дар ин давра, ба ақидаи муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Н. Ҳотамов «Инқилоби октябр ҳукуматдорони иртиҷоъпарасти амoратро зиёда хотирпарешон карда буд. Онҳо ҳис мекарданд, ки мардуми Бухоро ҳам аз Инқилоби октябр ибрат гирифта, ба мубориза бармехезанд» [79, с.89]. А. Муҳиддинов дар қатори

ҷавонбухороиён ва коммунистони Бухоро дар омодасозии инқилоби Бухоро саҳми назаррас дошт. Саҳми коммунистонро дар ин масъала зикр намуда, Н. Ҳотамов қайд мекунад, ки «коммунистони Бухоро барои тайёр намудани револютсия дар аморат корҳои бисёри ташвиқотӣ бурданд. Онҳо дар пеши назари халқи меҳнаткаш на танҳо симои иртиҷоии амир ва думравони вай, балки кирдорҳои диндорони мутаасибро ҳам ошкор намуданд» [79, с.125].

Ҳукумати амир низ дар ин давра ором наистода, аз пайи чораи ба даст афтонидани ҷавонбухориёни фирорӣ буд. Бинобар ин, Ҳукумати Бухоро 12 апрели ҳамон сол ба Коган намояндаи худро фиристода, эшонро ба оштӣ даъват намуд. Найрангбозиҳои дарбориёну атрофиёни онҳоро пай набурда, ҷавонбухориён ба ин пешниҳод розӣ шуданд. Онҳо дар ҳайати 12 нафар бо роҳбарии М. Мансуров, ки писаронаш Исом ва Абдуқодир ҳам аъзо буданд, 14 апрел барои гуфтушунид ба дарбори амир омаданд. Ҳангоме ки ҳайат ба бинои арк ворид шуданд, якбора ба ҳабс гирифта шуда, нисбаташон барои додани ҷазои қатл дар байни мақомдорон муҳокимаҳо оғоз ёфт. Танҳо бо дахолати аскарону коргарони инқилобии русу мусулмон онҳо раҳоӣ ёфтанд. Ҳангоми дар ҳабс будан ҳукумати аморат бо М. Мансуров ҳамчун роҳбари ҳайат якчанд шартҳо гузошт, ки аслан моҳияти зидди ислоҳотро доштанд. Аммо М. Мансуров дар натиҷаи таҳлилу муҳокимаҳо бо дигар аъзои гурӯҳ шартҳоро напазируфт. Аз ин хотир, ба эшон бо қатл намудан таҳдид менамуданд. Дар охир А.Муҳиддинов вобаста ба ҳаракати ҷавонбухориён дар рисолааш чунин ҷамъбаст менамояд: «Дар 16 моҳи августи соли 1920 дар шаҳри Чорҷӯй конференсияияи фирқаи иштирокиюни Бухоро бо иштироки намояндаҳои ташкилотҳои махфии худ, масъалаи инқилоби Бухороро музокира намуда, аҳвол ва авзоъро муносиби инқилоб донист ва муқаррар намуд, ки бар хилофи амир муборизаи мусаллаҳ сар карда шуд» [55, с.44]. Дар натиҷаи ҳамин қарор дар охири моҳи август дар Чорҷӯй ҳаракати инқилоб шуд ва рӯзи дигар дар Бухоро ба ҳаракати инқилобӣ иқдом карда шуд. Бинобар

илтимоси фирқаи иштирокчиёни Бухоро ва ранҷбарони инқилобии ҳукумати шурои Русия барои таъмин намудани ғалабаи инқилоб ба мо мадад кард. Дар натиҷа дар дувуми моҳи сентябри 1920 амири Бухоро гурехт ва дар Бухоро Ҳукумати Шурои Халқии Бухоро ташкил гардид.

Абдулқодир Муҳиддинов дар раванди омодагӣ ба инқилоби Бухоро нақши бузург дорад. Дар остонаи инқилоби Бухоро якчанд маҷаллаю рӯзномаҳо дар шаҳрҳои гуногун ба нашр мерасиданд, ки аслан моҳият ва мазмуни инқилобӣ доштанд. А. Муҳиддинов дар баробари С. Айнӣ, А. Мунзим, Ф.Хоҷаев, А. Фитрат, АҲамдӣ ва дигарон пайваста мақолаҳои баланд мазмун навишта, дар матбуот ба чоп мерасонд.

Ин ҷо бояд қайд кард, ки ҷавонбухороиёне, ки пас аз воқеаҳои Колесов ба шаҳри Тошканд ҳиҷрат карда буданд, баъд аз соли 1918 ва ташкили ҲК-и Бухоро забони танқидиашон нисбат ба беадолатиҳо ва умуман нолозим будани сохти амирӣ равшантару возеҳтар аз тариқи матбуот садо медод. Тавре яке аз ин муҳоҷирони маорифпарвари намоён А. Мунзим менависад: «То сари соли 1920 дар Тошканд муҳоҷир будем. Дар ҳамин муддати муҳоҷират рӯз ба рӯз мароми фирқаи коммунистӣ (б) ва ҳукумати шӯроиро фахмида, баъд аз он донистам, ки то ҳукумати амирӣ ва уламои вақфхӯру савдогарони ҳаннот барҳам нахуранд, ранҷбарони мамлакат рӯз намебинанд» [62, с.50-51].

Аз 28 июн то 13 августи соли 1920 дар шаҳри Тошканд бо ташаббуси А. Муҳиддинову ҳампаймононаш рӯзномаи «Қутулиш» (Озодӣ) нашр мешуд. Рӯзнома ҳафтае 2 маротиба бо ду забон - узбекӣ ва тоҷикӣ то 3 ҳазор нусха чоп шуда, ба мардум ройгон тақсим мешуд. Рӯзномаи «Қутилиш» аслан нашрияи КМ ҲК-и Бухоро ба ҳисоб рафта, дар ташвиқоти зидди амирӣ мақоми хосеро касб карда буд. Аз руи қайдҳои Ф. Хоҷаев «кори газетаи «Қутилиш» асосан ба ихтиёри Садриддин Айнӣ ва Абдулқодир Муҳиддинов супорида шуда буд». Ҳайати таҳририяи рӯзномаро А. Муҳиддинов, А. Ҳамдӣ, А. Мунзим, А. Фитрат ташкил мекарданд. Аз миёни онҳо Мирзо Абдулқодир Муҳиддинов ба сифати

муҳаррири рӯзнома фаъолият менамуд. Дар рӯзномаи «Қутилиш» пайваста мақолаҳои танқидии А. Муҳиддинов, А. Ҳамдӣ, А. Фитрат, М. Саидҷонов, А. Мунзим ва дигарон чоп мешуданд. Бо ташаббус ва кӯшишҳои А. Муҳиддинов дар идораи «Қутилиш» беҳтарин нируи эҷодӣ ҷамъ оварда шуд.

Хулоса, фаъолияти Абдуқодир Муҳиддинов дар ташкили «ҳаракати ҷавонбухориён» ва саҳми ӯ дар ин роҳ бисёр назаррас аст. Донишу малакаи ӯро дида, яке аз ҳафт узви Кумитаи марказии он интихоб кард.

Ба ҳар ҳол, зикр бояд кард, ки дар ин давра А. Муҳиддинов ҳамчун сиёсатмадор ташаккул меёбад ва барои муборизаҳои минбаъдаи сиёсӣ омода мешавад.

# БОБИ II. САҲМИ АБДУҚОДИР МУҲИДДИНОВ ДАР РУШДИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ ҶХШ БУХОРО ВА РАВАНДИ ТАЪСИСИ ҶМШС ТОҶИКИСТОН

## 2.1.Фаъолияти ҷамъиятӣ ва сиёсии А. Муҳиддинов дар ҶХШБ (1920-1924)

Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро баъди барҳам додани Аморати Бухоро моҳи сентябри соли 1920 таъсис ёфт ва як муддат гӯё мустақил буд. Ин давлат 13-уми сентябри соли 1920 бо ҶШФСР шартнома ба имзо расонид, ки мувофиқи он ҶШФСР мухторият ва соҳибихтиёрии комили Бухороро бечунучаро эътироф намуд. Рӯзи 19-уми сентябри соли 1924 сезди V умумибухороӣ Шуроҳои ҶХШБ барои ба Ҷумҳурии Шуроии Сотсиалистии Бухоро табдил ном кардани он қарори махсус ба тасвиб расонд.

Бо сабабҳои идеологӣ фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии шахсиятҳои маъруфи ватанӣ, ки дар солҳои 20 асри XX барои таъсиси ҶМШС ва баъдан ҶШС Тоҷикистон хизмати шоиста карда буданд, дар замони шуравӣ мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор нагирифта буданд.

Аз ин рӯ, фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии ин симоҳои миллат дар мисоли А. Муҳиддинов ба таври кофӣ инъикоси худро наёфта буд. Барои фарзандони сарсупурдаи миллат, мисли Нусратулло Махсум, Абдуқодир Муҳиддинов, устод Айниву Шириншо Шоҳтемур, Абдураҳим Ҳоҷибоеву Аббос Алиеву Лоҳутӣ ва Чинор Имомов солҳои 1917-1924 – солҳои ворид шудан ба сиёсат, дарк намудани он, ки дар собиқ империяи Русия чӣ гуна тағйиротҳо ба амал омада истодаанд, буд. Дар ин давраи ҳассос онҳо бояд муайян мекарданд, ки бо кадом роҳ бояд раванд. Инқилоби октябр, заволи ҳукумати амирӣ ва барпо намудани ҳокимияти нави шуравӣ дар солҳои 20-ум давраи наверо оғоз бахшида, аз сиёсатмадорони ҷавон ҷиддият ва зиракиро талаб мекард.

Пас аз ба даст овардани истиқлол ба олимони тоҷик имкон пайдо шуд, ки ба ин мавзуъҳо рӯ оваранд ва номи онҳоеро, ки баҳри таъсиси Ҷумҳурии

Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон хизматҳои сазовор намудаанд, аз нав зинда намоянд. Ин ҷо суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки «бояд силсилаи зиндагиномаи фарзандони бузурги миллати хешро ба вуҷуд орем» [2, с.32] моро водор месозад, ки ба ин масъала ҷиддан машғул гардем. То имрӯз мо дар бораи бисёр шахсоне, ки солҳои 20-ум асри XX ҷоннисорӣ намудаанд, таҳқиқоти ҷиддӣ анҷом надодаем.

«Тавре ки аз саҳифаҳои таърих маълум аст дар ин давра ҳангоми бунёди заминаҳои давлатдории тоҷикон дар доираи сохтори Шуравӣ бадхоҳони миллат бо ҳар роҳу восита дар самти татбиқи ормонҳои халқи тоҷик монеаҳо эҷод мекарданд. Хушбахтона, дар ҳар давру замон миллати мо фарзандонеро эҳдо намудааст, ки дар ҷодаи баҳаморӣ ва давлатсозӣ ҳушёрию зиракӣ ва хирадмандию таҳаммулсозии ба мавридро аз худ нишон дода, ба муваффақиятҳо ноил шудаанд» [148]. Дар давраи мавриди назар - солҳои 1920-1924, Абдуқодир Муҳиддинов, ки дар вазифаҳои гуногуни ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро фаъолият менамуд, аз бисёр нозукиҳои сиёсати нав бархӯрдор шуд ва таҷриба пайдо кард.

Тавре, ки дар боло ишора рафт, дар ибтидои ташкилёбии Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ ба ҳайси раиси он Аҳмадҷон Ҳамдӣ таъин шуда буд. Аз сабаби он, ки Ҳамдӣ аз аввалин нафароне буд, ки ба бомбаборони Бухоро тариқи авиатсия муқобилият нишон дод, ӯ аз вазифаи зикршуда озод карда шуда, ба таври муваққатӣ ин вазифа аз 3 сентябр ба уҳдаи Файзулло Хоҷаев, ки ҳамзамон, раиси Шурои Нозирони Халқии Бухоро буд, вогузор карда шуд. Аз 9 то 14 сентябр дар ин мансаб Олимҷон Оқчурин адои вазифа намудааст. Дар таърихи 14 сентябри соли 1920 ба вазифаи раиси Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ А. Муҳиддинов таъин гардида, фаъолияташро ҳамчун раиси Кумитаи инқилобии Умумибухороӣ оғоз намуд. «Аз 6 то 8 октябри соли 1920 дар қасри тобистонаи амир Ситораи Моҳи Хоса Анҷуман (Қурултой)-и I-и муассисони Умумибухороии намояндагони халқ баргузор гардид. А. Муҳиддинов

ҳамчун раиси КИУ ҶХШ Бухоро аз ҳолати феълии давлат ва корҳои ба зимма дошта ҳисобот дод». Ҳисобот ё худ маърузаи ӯ таҳти унвони «Дар бораи сохти давлати Бухорои инқилобӣ» дар ҳузури 150 нафар намояндагони халқ ва дигар мақомоти баландпояи давлатӣ садо дод. Тавре аз таҳлили матни марӯзаи А. Муҳиддинов бармеояд, одамоне, ки дар атрофи амир ҷамъ омада буданд, тамоман бесаводу бехирад будаанд. Ба онҳо барои ба мансаби вазирӣ соҳиб шуданашон таҳсилот шарт набудааст ва аз ин гуна амалдорони бесавод дар ҳамон замон чи умед бастан мумкин буд? Оё онҳо баҳри ободонии мамлакат, таъмири кӯчаю хиёбонҳо ва таъмини иҷтимоии мардум мекӯшиданд, ҳаргиз!. Ба андешаи олими варзида У. Ғаффоров «онҳо фақат аз халқи бечора ситонидани андозро медонистанду халос. Ба онҳо на танҳо андоз, балки духтарону ҷавонони зеборо пешкаш мекарданд. Мана, симои ин разилон, фисқу фуҷури амалдорони ҳукумати амирӣ, ки аз тарафи халқ сарнагун карда шуд. Аз ҳамин рӯз вазифаи муқаддаси мо маърифаткунонии халқ ва кӯшидан баҳри беҳбудии он мебошад. Мо фарзандони шоистаи худро дорем ва онҳоро ба ин кори хайр ҷалб менамоем» [97]. Ин маърӯза ба таври пурра дар рӯзномаи «Бухоро ахбори», аз 11 октябри соли 1920 ба чоп расида, дар байни ҷомеа ҳамовозии зиёд пайдо намуд.

Моҳи сентябри соли 1920 дар таърихи халқҳои Бухоро рӯзи ғалабаи инқилоб буд. 14 сентябри соли 1920 А. Муҳиддинов дар ҷаласаи муттаҳидаи Ҳизби коммунистии (болшевикии) Бухоро, Кумитаи инқилобӣ ва Шурои Нозирони Халқ раиси Кумитаи инқилобии Ҷумҳурияти Халқии Шурои Бухоро таъин гардид. 6 октябри соли 1920 дар анҷумани якуми умумибухоroии намояндагони халқ А. Муҳиддинов «Дар бораи сохти давлати Бухорои инқилобӣ» маъруза кард, ки он барномаи минбаъдаи фаъолияти ӯро акс намуда буд.

Дар ин ҳолат дарёфт намудани шахсиятҳои кордон хеле душвор буд, мутахасисон намерасиданд. Тавре худи А. Муҳиддинов қайд мекунад: «Одамоне, ки дар атрофи амир ҷамъ омада буданд, тамоман бесаводу

бехираданд. Барои ба мансаби вазирӣ расидани онҳо маълумот шарт набуд. Аз ин амалдорони бесавод чӣ умед доштан мумкин? Оё онҳо баҳри ободонии мамлакат мекӯшиданд? Амалдорон фақат аз халқи бечора андозгириро медонистанду халос. Кунун вазифаи муқаддаси мо бояд маърифатноккунии халқ ва хӯрдани ғами беҳбудии он мебошад. Мо фарзандони шоистаи худро бояд ба ин кори хайр ҷалб намоем» [119].

Яке аз шахсоне, ки А. Муҳиддинов ба кори хайри маърифатноккунӣ ҷалб кард, устод Садриддин Айнӣ буд. 20 ноябри соли 1920 А. Муҳиддинов аз устод Айнӣ хоҳиш мекунад, ки баъди чанд рӯз дар маҷлиси якҷояи КМ ҲК Бухоро, Кумитаи инқилобӣ ва Шурои нозирони Бухоро масъалаи моҳияту характери инқилоби Бухоро ва роҳҳои оянда и инкишофи он муҳокима карда мешавад ва дар он фаъолона иштирок намояд. 25 ноябри соли 1920 дар маҷлиси номбурда вакили ҳукумати ҶШФСР В. В. Куйбишев «Дар бораи характери инқилоби Бухоро» маъруза кард. Аз рӯи маъруза С. Айнӣ аввалин шуда сухан кард ва моҳияти инқилоби Бухороро фаҳмонда, ба масъалаи забон, мактаб ва доир ба нашрияҳои тоҷикӣ ҳарф зад. Инчунин, ӯ дар хусуси мавқеи зараровари пантуркистон нисбати чопи асарҳояш дар нашриёти халқҳои Шарқ дар Москва мадад пурсид. Бояд зикр намуд, ки А. Муҳиддинов ба ҳайси инсони дурандеш ва маърифатпарвар нақши Айниро ҳамчун поягузори илму адаб ва фарҳанги навини тоҷикон эътироф намуда, бо ин мақсад устод Садриддин Саидмуродзода Айниро ҳаматарафа, ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам моддию молиявӣ ҳамеша дастгирӣ мекард. Ба ҳама маълум, ки бо сабаби нодорӣ ва тангии рӯзгор хонадоршавии С. Айнӣ тӯл кашида буд. Бо назардошти ин, тавре қайд гардидааст «...охирҳои соли 1920 яке аз занҳои босаводу пешқадами Самарқанд Амбарбегим, духтари хурдии худ Салоҳатбегимро ба С. Айнӣ ба никоҳ медарорад. Аммо С. Айнӣ барои харидани либоси арӯсӣ ва гузаронидани маъракаи тӯй пули лозимӣ надошт. Дар ҳамон рӯзҳо Абдуқодир Муҳиддинов ин вазъияти Айниро фаҳмида, ба ӯ мадад кард» [96].

Тавре дар боло қайд шуд, моҳи сентябри соли 1920 баъд аз сарнагун кардани ҳокимияти мутлақи Аморати Бухоро Кумитаи инқилобии умумибухороӣ ташкил шуд ва роҳбари онро Абдуқодир Муҳиддинов ба уҳда дошт. «Абдуқодир Муҳиддинов аз сентябри соли 1920 раиси Кумитаи инқилобии Бухоро, аз моҳи сентябри соли 1921 раиси КИМ ҷумҳурии Бухоро, баъд раиси Шурои иқтисодии ҷумҳурӣ гардид. Ӯ низ то соли 1924 худро «ӯзбак» меҳисобид» [149]. Аммо Абдуқодир Муҳиддинов аз соли 1917 то соли 1924 пантуркист шуда буд, ки ин давраи ҳаёти ӯро академик М. Шакурӣ «ба доми пантуркизм афтод» [151] унвон мекунад. Таассуфовар ин аст, ки дар ин давраҳо дар тамоми ҳуҷҷатҳо миллаташро узбак навишт. Академик М. Шакурӣ тахмин мезанад, ки шояд ташвиқҳои Абдурауфи Фитрат ва Файзуллоҳ Хоҷа, ки ба ӯ хешӣ дошт ва авҷ гирифтани пантуркизм дар Тошканд боиси гаравиши ӯ ба пантуркизм шуда бошанд. Вале, тибқи фаъолияти чеҳраҳои намоёни сиёсиву фарҳангии он замон ба назар мерасад, ки аксари онҳо бо мақсади ба даст овардани мансаб ва ҳадафҳои сиёсӣ ба равияи туркгароӣ пайваст гардида буданд. Чун болшевикҳо ҳам ба чеҳраҳои туркгарову узбакгарой, ки ба аҳдофи сиёсиву иқтисодии давомдори онҳо мувофиқ буданд, бартарият медоданд. Ин ҷо суоле пайдо мешавад, ки чаро тоҷикҳо ё фаъолону муборизини тоҷик мехостанд ҳувияти миллии худро инкор кунанд ва чун узбак вориди баданаи низом шаванд, баҳси ҷудогонаест, вале дар мавриди ин баҳс ин ҷо танҳо як ҷумларо менависем. Зеро дар поёни суқути Аморати Бухоро ва оғози давлатҳои Шуроӣ ба ҷуз тоҷикҳо мардумони дигар чеҳраҳои муносибе барои кори давлатдорӣ надоштанд ва аз сӯйи дигар нуфузи шахсиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангии чеҳраҳои мардумони дигар маҳдуд ба ҳалқаҳои қавмӣ мешуд. Муҳиддинов А. ба унвони як таҳсилкардаи Истонбул ва яке аз пешвоҳои ҷавонбухориён баъди шикасти ислоҳотхоҳон дар Бухоро (соли 1917), ки инро метавон шикасти фикрии ҷавонбухориён низ номид ва ба Тошканд рафта, дар он ҷо ба пантуркизм гаравид. Нуфузи ин ҷараён ва фазои эҷодшуда ба андозае буд, ки то ҳатто устод Айнӣ баъди ташкили

Ҷумҳурии Бухоро чанд асари худро ба узбакӣ иншо кард. Ҳатто «Марши Тӯрон»-ро навишт. Аммо аллома Айнӣ аз сардамдорони ҳаракати миллигаройӣ (тоҷикгаройӣ) дар Бухоро буд ва Абдуқодир Муҳиддинов ҳам дар зери талқинҳои ӯ ба асолати миллии худ дубора майл кард. С. Айнӣ дар ёддоштҳояш дар мавриди заводе, ки дар Аморати Бухоро аз ҷониби соҳибкор - Муҳиддин Мансуров бунёд шуда буд, ва дар он ҷо бо А. Муҳиддинов бештар ҳамсуҳбат шудааст, зикр мекунад: «Фақир аз ин гуна тааррузоти бесабаб аз шаҳр дилгир шуда, фасли зимистони соли 1334 ҳиҷриро дар Қизилтеппа ба зовуди Мирзо Муҳиддин Мансуров ба пешаи пунбадонафурӯшӣ машғул шуда, гузарондам. Ҳафт моҳ дар он зовуд аз кашмакаши шаҳр фориғ буда, ба осудагӣ зиндагӣ мекардам» [30, с.151]. Агар ба ёддоштҳои С.Айнӣ назар кунем, гуфта метавонем, ки ҳафт моҳ азизтарину гиромитарин ҳаёти устод  Айнӣ дар давраи  дар заводи мазкур фаъолият карданашон як марҳилаи беҳтарини зиндагиашон будааст. Вобаста ба ин давра С.Айнӣ чунин зикр намуданд: «Ин ҳафт моҳ боби шодмонии китоби зиндагонии маро ишғол мекунад. Ҳар гоҳ аз кашмакаши бозор фориғ шуда, аз гуфтушуниди муштариёни саҳроии камҳисоб халосӣ меёфтам, бо мусоҳибати Мирзо Абулқодир писари Мирзо Муҳиддин авқотро хуш мегузаронидам» [30, с.151]. Ҳамзамон аз ин навиштаи устод С.Айнӣ бармеояд, ки яке аз сабабҳои аз ақидаи пантуркистӣ гаштани А. Муҳиддинов суҳбатҳои пайвастаи эшон будааст. Устод Айнӣ дар ин давра ҳамчунин Зеҳнӣ, Мунзим ва соири тоҷикони дигарро аз туркгаройӣ наҷот дода буд. Ба навиштаи Шакурӣ, то “ҳатто яке аз понтуркистони шадид Абдулло Раҳимбоюф яке аз сабабҳои аз понтуркизм раҳо шудани худро дар ташвиқҳои аллома Айнӣ эътироф карда буд ва Муҳиддинову Мунзим инчунин тавбаномаҳо чоп карда буданд”.

Бояд қайд кард, ки гаройиши А. Муҳиддинуф ба равияи пантуркизм дар адабиёти илмӣ ҳар навъ баррасӣ мешавад, аммо асли он номаълум аст. Вобаста ба ин масъала рӯзноманигори ҷавон И. Сулаймонӣ чунин менависад: «А. Муҳиддинов яке аз понтуркистони фаъол буд ва алайҳи

миллати худ ва манфиатҳои миллӣ мубориза кард». Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки А. Муҳиддинов, мутаассифона, хеле вақт ба ҳамин мафкураи вайрон мубтало буда, баъд аз таъсири фикри коммунистӣ ҳақро дарёфта, аз он фикри ботил баргаштанашро эътироф мекунад, ки ин аз рӯйи инсоф аст. Ҳамзамон илова бояд намуд, ки «Абдуқодир Муҳиддинуф муҳаррири рӯзномаи узбакии «Қутулиш» (баъзан матолиби тоҷикӣ ҳам дошт) дар солҳои 1920-21 низ буд» [149]. Чунин вобастагии ӯ ба рӯзномаи узбакии мазкур нишонаи ба андешаҳои туркгароӣ майл доштани А. Муҳиддиновро нишон медиҳад. Аммо дертар ӯ аз ин андешаи ботил озод гардида, пурра ба ҳифзи арзишҳои миллии тоҷикӣ рӯ овард ва яке аз бунёдгузорони Тоҷикистони Шуравӣ маҳсуб мегардад.

Дар назди ҳукумати ҶХШБ вазифаҳои душвор – пахш кардани муқобилияти тарафдорони сохти давлатии (тартиботи) кuҳна, барҳам додани дастгоҳи кuҳнаи идоракунӣ ва барпо намудани дастгоҳи идоракунии нав, дар маҳалҳо барпо намудани ҳокимияти Шуравӣ ва баланд бардоштани иқтисодиёти мамлакат меистод. Ҳамаи ин масъалаҳоро Кумитаи инқилобии умумибухороӣ бо роҳбарии А.Муҳиддинов ҳал мекард. Кумитаи инқилобии умумибухороӣ фаъолияти сиёсӣ ва иҷтимоии ӯро ба назар гирифта, соли 1920 бо «ордени Байрақи Сурх ва соли 1922 бо ордени Ситораи Сурх дараҷаи I ҶХШ Бухоро» [138] сарфароз гардонид.

Масъалаи асосие, ки ҳокимияти нав дар назди худ гузошт, барҳам додани заминдории феодалӣ буд. 30 сентябри соли 1920 Декрет дар бораи замин қабул шуд, ки мувофиқи он ҳамаи замин, чорво ва асбобу анҷоми хоҷагии қишлоқ моликияти ҷамъиятӣ эълон карда шуда, бояд дар байни деҳқонони камбағал тақсим карда мешуд. Аммо бо ин қарор на ҳама розӣ буданд. Муҳиддинов А. зидди ин қарор буд, зеро ӯ шароити маҳал ва дараҷаи иқтисодии рушди мамлакатро хуб дониста, мефаҳмид, ки гузаронидани ин гуна ислоҳот кори осон нест ва чунин мепиндошт, ки ҳуқуқи фурӯши замин бояд боқӣ монад, зеро ки заминҳои барои киштукор мувофиқ аллакай дар ихтиёри деҳқонон буданд ва ба хазинаи амир андоз

месупориданд, заминҳои дигар барои кишт номувофиқ буданд ва барои тақсим кардани онҳо байни деҳқонон аввал обёрӣ кардан лозим буд. «Дар шароити Бухоро танҳо бо роҳи аз дигар деҳқонон гирифтани замин ва ба безамин додани он мумкин буд» [69, с.46]

Дар Бухорои онвақта як қувваи бузургро руҳониён ташкил мекарданд, ки қатъиян зидди милликунонии замин буданд. А. Муҳиддинов ҳамаи инро ба назар гирифта, якчанд маротиба дар суханрониҳояш тарафдори нигоҳ доштани моликияти хусусӣ ба замин баромад кард. Хусусан, 22 феврали соли 1921 дар ҷаласаи Кумитаи марказии ҳизбӣ, иштироки намояндагони ҳамаи вилоятҳои ҶХШБ масъалаи заминро бардошт. «Бо таклифи А. Муҳиддинов, сарфи назар аз эътирози Саъдуллоев ва Турсун Хоҷаев қарор дода шуд, ки деҳқонон ва кулакҳо замини худро метавонанд ба ҳар кас фурӯшанд» [69, с.162]. Аммо ин таклифро рӯзи дигар коммунистони «чап» рад карданд. Дар Анҷумани якуми умумибухороии Шуроҳо А. Муҳиддинов низ дар бораи ихтилофи худ дар масъалаи барҳам додани моликияти хусусӣ ба замин сухан ронда, чунин гуфтааст: «Тибқи шариат, ҳеҷ моли мусалмонро бе ризоияти ӯ бегона кардан мумкин нест... Ман тарафдори онам, ки молу мулке, ки то имрӯз соҳиб доранд, дар ҳамон шакл бимонанд» [69, с.45]. Аммо фикри ӯро на танҳо ба эътибор нагирифтанд, балки барои чунин суханронӣ маҳкум ҳам карданд. Минбаъд ҳам бо як қатор сабабҳо дар ҶХШ Бухоро милликунонии замин ба маънои томаш ба амал бароварда нашуд.

Раиси ШНХ ҶХШБ Файзулло Хоҷаев низ дар маърӯзаи худ ҳаёти қабл аз инқилобии мардумони Осиёи Миёнаро мазамат намуда, дар марҳилаи кунунӣ ҷомеаро ба меҳнат ва зиндагии осоишта даъват намуд. Дар ҷаласа муовини намояндаи фавқулодаи Федератсияи Россия дар Бухоро Карим Ҳакимов суханронӣ намуда, аз ҷониби Русия расман шинохтани мустақилияти ҶХШ Бухороро эълон кард. Дар ҷараёни анҷуман оиди ташкилёбии ҶХШ Бухоро қарори таърихӣ қабул гардид. Инчунин, анҷуман пас аз шунидани ҳисоботи раиси комиссия А. Муҳиддинов ва раиси ШНХ-

и ҶХШ Бухоро Ф. Хоҷаев фаъолияти онҳоро қонунӣ ҳисобид. Бо ин метавон гуфт, ки А. Муҳиддинов ба таври расмӣ ва қонунӣ аввалин раиси Ҳукумати ҶХШ Бухоро мебошад.

Дар назди ҳукумати навтаъсиси Бухоро ҳалли масъалаҳои хело зиёд меистод, ки бе ҳалли саривақтии онҳо тараққиёти ҷумҳурӣ номумкин буд. Дар баробари ин барқарор намудани натиҷаҳои харобиовари амалиётҳои ҷангӣ, ки дар ҳудуди шаҳри Бухоро шуда гузашт, аз масъалаи муҳимтарин ба шумор мерафт.

Пас аз фирори амир ва аз ҷониби қувваҳои инқилобӣ ишғол шудани қисмати ғарбии аморат, аз ибтидои соли 1921 муқовимати тарафдорони сохти куҳан дар навоҳии Бухорои Шарқӣ алайҳи давлати нави шуравӣ суръати тоза гирифт. «Аксарияти дастаҳои зидди Шуравӣ пас аз фирорӣ шудани амир Олимхон ба хоки Афғонистон дар бекигариҳои Қаротегину Дарвоз мавқеъ гирифтанд». [58, с.216]

Бояд хотирнишон намуд, ки дар рафти амалиётҳои ҷангӣ Бухоро осеби хело калон дид. Мувофиқи нишондоди ҳуҷҷатҳои бойгонӣ қисмҳои артиши сурх аз болои шаҳри Бухорои куҳна (пойтахти Аморати Бухоро) бо 11 аэропланҳо 170 бомба партоб намудаанд, ки вазни умумиашон 123 пуд (1 пуд баробари 16 кг мебошад, пас 123 пуд бошад ба 1968 кг баробар мешавад) будааст. Мувофиқи қайдҳои шоҳиди воқеа Муҳаммад Алӣ ибни Муҳаммад Саиди Балҷувонӣ дар китобаш «Таърихи нофеъӣ» сӯхтори шаҳри Бухоро тақрибан 20 рӯз идома ёфтааст, ки дар натиҷа 34 маҳалла ва зиёда аз 1000 хона сӯхта хокистар шудааст. Ҷалол Икромӣ нависандаи тоҷик дар хотираҳояш менависад, ки «Рӯзонаҳо мо медидем, ки аз тарафи Бухоро дуди ғализ баромада, ба ҳаво паҳн мешавад. Мегуфтанд, ки шаҳр сӯхта истодааст» [105]. Боигарие, ки аз хазинаи амир боқӣ монда, ба шаҳри Тошканд фиристода шуд, аз ҷониби олимон чунин шарҳ дода шуда буд.

Масъалаи дигар тақдири хазинаи амир буд, ки то ҳол мавриди баҳсу мунозира аст. Муҳаққиқон Н. Назаршоев ва А.Ғафуров бо мақолаи хеш, ки дар асоси маводи бойгонии собиқ Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ

омода шудааст, собит сохтанд, ки асоси хазинаи амир нақот дода шуда, ба шаҳри Тошканд ирсол дода шудааст. Ин мавод дар ҳаҷми 48 варақ, номгӯи маводи хазинаи амири Бухоро омода шудааст, ин масъаларо хеле равшан карданд.

Аз ин мақола бармеояд, ки ҷавоҳироти хазинаи амир аз 1193 адад иборат буда, пас аз анҷоми кори комиссия ва пурра ба руйхат гирифтани тилловорӣ ва дигар ашёи қимматбаҳо ба шаҳри Тошканд ирсол карда шудааст. Ин мақола навиштаҳои беасоси зиёдеро дар бораи тақдири хазинаи амир ботил намуд.

Ин ҳодисаҳо аслан А. Муҳиддиновро низ ба мисли Ҳамдӣ (дар қатори Ҳамдӣ бисёре аз зиёиёни Бухоро аз чунин амалиёти харобиовари артиши сурхи Русия дар Бухоро норозию хиҷолатзада буданд) ба ташвиш оварда буд. Аммо эшон наметавонистанд, ки ошкоро муқобили онҳо чизе бигӯянд. Зеро, хуб медонистанд, ки аз чунин ҳарфҳо суде набуда, балки ба ҷони худ хатар эҷод кардан аст. Чаро хиҷолатзада шуд? Зеро ӯ ҳамчун як нафар мухолифи сохтори амирӣ аз ҳукумати нав чунин ҳолатро интизор набуд. «Абдуқодир Муҳиддинов, – бино ба навиштаи академик Муҳаммадҷон Шакурӣ, - «… бисёр кӯшид, ки ғоратгарии аскарони сурхро пешгирӣ бикунад, вале коре аз дасташ наомад. Лашкари болшевикони ғолиб пурзӯр буд ва ба касе итоат намекард»[84]. Бо вуҷуди ин Муҳиддинов ба мисли Ҳамдӣ худро аз ин муборизаҳои сиёсӣ дур накашид, баръакс бо роҳҳои муросокорона мехост ислоҳотҳои гуногун гузаронида, тараққиёти давлату рушди ҷомеаро ба роҳ монад. Муҳиддинов ба оянда бо назари нек менигарист ва умеду орзуҳои зиёд дошт. Ӯ аз он хушнуд буд, ки халқ аз як низоми ҷаҳолатпешаи амирӣ озод шуданд.

А. Муҳиддинов ҳангоми дар вазифаи роҳбари Кумитаи инқилобии умумибухорой буданаш барои ба даст овардани соҳибихтиёрии (истиқлоли) миллӣ-давлатии ҷумҳурии халқӣ кӯшиш мекард. Ӯ дар тайёр кардани лоиҳаи Конститутсияи ҶХШБ [14] фаъолона иштирок карда, бо ҳамроҳии падараш Мирзо Муҳиддин Мансуров дар тайёр ва бастани

шартномаи иттифоқӣ байни ҶШФСР ва ҶХШБ [15] ширкат намуд ва аз рӯйи масъалаҳои савдо бо ҶШФСР гуфтушунид бурда, кӯшиш намуд, ки бо давлатҳои хориҷии Ғарб ва Шарқ муносибатҳои нави тиҷоратӣ ба вуҷуд оварда, муносибатҳои тиҷоратии куҳнаро нигоҳ дорад. Аммо чунин мустақилият бисёриҳоро ба ташвиш овард. Нозири корҳои хориҷии ҶХШБ Ҳошим Шаиқ дар Москва А.Муҳиддиновро огоҳ карда, мегӯяд: «...Ҳукумати Бухоро ва хусусан шуморо дар ҳимоя намудани манфиатҳои афғонӣ гумонбар мекунанд. Замони дар Москва будани Мансуров ва наздик шудани ӯ бо Бройдо ва вохӯрии шумо бо ӯ ҳозир дар Москва дар доираи Комиссариати халқии корҳои хориҷӣ (КХКХ) таасуроти манфӣ ба амал овард. Комиссариати халқии корҳои хориҷӣ ба дӯстии Афғонистон боварӣ надорад» [15]. А. Муҳиддинов хоҳиши дар ҶХШБ нигоҳ доштани пулҳояшро надошт. Аз таҳлили матни телеграмма аз 28 апрели соли 1921 маълум мегардад, ки  дар вақти гуфтушуниди шахсӣ бо рафиқ Карахон 26-уми ҳамин моҳ ӯ хабар додааст, ки аз рӯйи маълумоте, ки вай дар дасти худ дорад, ҳукумати Англия ба микдори зиёд пулҳои қоғазии Бухороро мебарорад ва дар ҳудуди Бухоро ба воситаи тоҷирон паҳн мекунад. Ӯ изҳор намуд, ки барои ҳимояи манфиатҳои Ҷумҳурии Бухоро воҷиб аст ҳамаҷониба барои роҳ надодани чунин кор муқобилият лозим аст, низоми нави муосирро ҷорӣ намуда, тартиби муайяни ба муомилот баровардани пулҳои қоғазӣ, ки барои аз ворид ва паҳн шудани пулҳои қоғазии қалбакӣ кафолат дода тавонад, то таъсиси низоми нави барориши пул дар Бухоро комилан қатъ карда шавад. Дар ҳолати қатъ шудани барориши пулҳои қоғазӣ дар ҶХШБ, ҶШФСР ният дорад ҶХШБ-ро мунтазам бо пулҳои қоғазӣ таъмин намояд, лекин зарур аст пешакӣ дар бораи талаботи пули қоғазӣ барои Ҷумҳурии Бухоро барои ҳар моҳ эълон намояд. Тавре дар телеграммаи мазкур инъикос ёфтааст «...ман шубҳа дорам, ки чунин маблағгузаронӣ метавонад моро ба тобеияти номатлуб расонад, зеро ки дар ин ҳолат ҶШФСР метавонад нисбат ба ҶХШБ мақоми назоратиро ишғол намояд, чунки баровардани пулҳои қоғазӣ дар ҶШФСР аз рӯи

дархост ва тибқи сметаи харочоти пешниҳодгардида иҷро мешавад. ҶШФСР метавонад ба ин расмият такя кунад ва ин мавқеъро нисбати мо бо муқаррар кардани назорат татбиқ намояд» [15].

А. Муҳиддинов аз моҳи сентябри соли 1921 то моҳи апрели соли 1922 дар вазифаи нозири савдо ва саноат фаъолият карда, бо намояндагони ташкилотҳои гуногуни тиҷоратӣ доимо гуфтушунид гузаронида, шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо мерасонд. «Бо ташаббуси бевоситаи ӯ саҳми ширкати русӣ-бухороӣ оид ба захираи ашёи хоми чорво (номи ихтисоршудааш Бухсырье) ташкил ёфт» [42].

Тибқи протоколи № 10 ҷаласаи кормандони масъули Комиссариати халқии савдо ва саноати ҶХШ Бухоро аз 23 ноябри соли 1921 масъалаҳои натиҷаи сафари А. Муҳиддинов ба шаҳри Тошканд ва барқарор намудани нақшаи ягонаи содироту воридоти мол бо Федератсияи Россия муҳокима шуданд. Муҳиддинов А. дар маърузаи худ қайд мекунад, ки то ҳанӯз бо Федератсияи Россия шартномаи савдо имзо нашудааст. Ӯ мегӯяд, ки то имрӯз ба Федератсияи Россия ба маблағи 4 миллион рубли тиллоӣ мол фиристода, ҳамагӣ ба 25% он мол гирифтаему халос. Чунин ҳолат барои мо қобили қабул нест. Аз ин хотир, ман ҳангоми сафар ба Тошканд бо намояндаи Комиссариати халқии савдои хориҷии Россия вохурӣ анҷом дода, масъалаи содироту воридоти молро бо Россия маслиҳат намудам. Мо бояд нақшаи ягонаи савдои байниҳамдигариро бо Россия омода намоем [17, с.580].

Моҳи январи соли 1922 дар замоне, ки масъалаи барқарор намудани ҳокимияти шуравӣ ба буҳрони амиқ рӯ ба рӯ шуда буд, дар Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро бо мақсади мубориза бар зидди ҳаракати босмачиён, мустаҳкам намудани ақибгоҳ ва барқарор намудани назорати маъмурӣ дар навоҳии Бухорои Шарқӣ (1922—1923) мақоми ғайримаъмулии Комиссияи фавқулоддаи диктаторӣ ташкил карда шуд. «Ба ҳайати КФД Носир Ҳакимов (раис), Олимҷон Акчурин, Аҳмад Комилов, Рашид Боймуродов ва Ҳоҷӣ Зайнулло Зикриёев дохил шуданд. Ба Комиссия

супориш дода шуд, ки то 10 январ ба Душанбе расад. 8 январ Президиуми КИМ-и Бухоро тартиби кори комиссияро тасдиқ намуд» [91, с.85]. Аз сабаби он, ки вазъият дар минтақаи Бухорои Шарқӣ муташаннич гашта, дастаҳои босмачиён фаъол шуда буданд, ҳокимият дар маҳалҳо пурра ба дасти онҳо гузашта буд.

Бо сабаби тезу тунд шудани вазъияти Бухорои Шарқӣ ва фаъол гардидани ҳаракати босмачигарӣ, ҳокимият ба пуррагӣ ба Комиссияи фавқуллодаи диктаторӣ (КФД) дода шуда буд. КФД аз 8 январи соли 1922 то моҳи июни соли1924 амал карда, сипас КИМ-и Бухорои Шарқиро созмон дод, ки раисии онро Нусратулло Махсум ба уҳда гирифта буд.

Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ ваколати хеле калон дошта, ҳатто мустақилона бо давлати хориҷӣ гуфтушунид карда метавонист. Бархе аз муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки «Бухорои Шарқӣ дар давраи роҳбарии КФД воҳиди маъмурӣ набуда, мухторияти сиёсӣ дар доираи ҶХШБ ва сипас дар доираи ҶШС Бухоро буд, то он даме, ки тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёна ба амал наомад» [63, с.156].

Моҳи сентябри соли 1923 А. Муҳиддинов роҳбари Шурои иқтисодии ҶХШБ таъин гашт ва бо низоми андоз, истеҳсолот ва тиҷорат кор кард. Дар баробари ин, ӯ ба саноати косибӣ (касбҳои ҳунарҳои дастӣ) ва тиҷорати хурд диққати махсус медод. А. Муҳиддинов иқрор гардида буд, ки ҳангоми тиҷорати дохилӣ аз хадамоти савдогарони миёна бояд беэҳтиромӣ карда нашавад, чун, ки онҳо ҳам дар расонидани кумак ба мардум бо лавозимоти муҳим, хусусан дар ҷойҳои дурдасту душворгузар саҳми нишонрас доранд. Ӯ чунин мешуморид, ки ба «саноати косибӣ (ҳунармандӣ) бояд кӯмак расонд. Набояд фаромӯш кард, ки косибон ядрои асосии саноати мо хоҳанд буд» [132].

Бар хилофи дигарон А. Муҳиддинов низоми андозро сахт маҳкум карда, онро хеле баланд ва нархи харидро хело паст ҳисоб мекард. Дар маҷлиси машваратии коркунони масъул (31 марти соли 1924) А.Муҳиддинов ҳамчун роҳбари Шурои иқтисодии Бухоро суханронӣ

намуда, чунин гуфт: «Сиёсати имрӯзаи андози мо тахминӣ аст. Андозҳо аз меъёрҳои бозорӣ, баъзан ҳатто 2-3 маротиба зиёдтар буданд. Деҳқон дар вақти супоридани 1 пуд ғалла аз рӯи андоз маҷбур аст, ки дар бозор 2-3 пуд ғалла фурӯшад. Барои сабук кардани вазъияти деҳқонон ва баланд бардоштани нархи харид чораҳо андешида шаванд» [132].

Маҷаллаи «Хоҷагии халқи Осиёи Миёна», ки солҳои 20-ум (хусусан дар соли 1924) нашр мешуд, нашрияи асосии даврӣ буд, ки ислоҳоти иқтисодӣ, рушди кишоварзӣ, ирригатсионӣ, саноат ва сохтмони сотсиалистиро дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна инъикос мекард. Дар шумораи 2-и соли 1924 мақолаи Абдуқодир Муҳиддинов бо номи “По Восточной Бухаре” нашр шуда буд, ки дар он андешаи муаллиф нисбати вазъияти онвақтаи иқтисодиву иҷтимоии Бухорои Шарқӣ ва дигаргуниҳое, ки дар минтақа оғоз шуда буданд, баён шудаанд. Мақола хеле бомуҳтаво буда, муаллиф таҳлили воқеии вазъи минтақаро пешкаш намудааст.

Тибқи ин мақола 4 июли соли 1924 ҳукумати ҶХШ Бухоро экспедитсияеро зери роҳбарии ӯ ба Бухорои Шарқӣ мефиристад, ки дар ҳайати он намояндагони Бонки тиҷоратии Осиёи Миёна ва Бонки аграрии Осиёи Миёна низ буданд. Баробари омадан ба минтақа ин бонкҳо марказҳои хешро ифтитоҳ намуда, ба додани қарзи имтиёзнок ба деҳқонон ва косибон оғоз намуданд. Ба қарзи имтиёздор ҷалб намудани мардуми маҳаллӣ натиҷаи хуб оварда, ба қавли Абдуқодир Муҳиддинов аъзоёни иттифоқҳои касаба якумин бор аз ҷониби ҳокимияти нав кӯмаки молиявӣ гирифтанд.

Ӯ қайд мекунад, ки ҳангоми омадан то Душанбе мо мушоҳида намудем, ки кори мақомоти идории он ислоҳоти ҷиддӣ мехоҳад ва алоқаи он бо марказ (Бухоро) хеле суст мебошад.

Ба андешаи мо, дар соли 1924 дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии Бухорои Шарқӣ, дар натиҷаи азнавбарқарор ва инкишоф ёфтани савдои дохилӣ ва қисман берунӣ пешравиҳо ба назар мерасид, ки омилҳои асосии онро, ки дар соли гузашта вуҷуд надоштанд, метавон чунин ҳисоб кард: а) ба таври

муқоисавӣ кам шудани ҳаракати босмачиён ва ба ин муносибат тадриҷан барқарор шудани сулҳу оромӣ дар байни аҳолӣ, б) аз тарафи фармондеҳони ҳарбии Бухорои Шарқӣ харидани тамоми маҳсулоти кишоварзӣ бозорро аз пули нақд фаровон намуд, в) иваз кардани асъори камшудаистодаи советӣ бо асъори мустаҳкам, барҳам додани андози пинҳонӣ; г) барқарор намудани содироти маҳсулоти кишоварзӣ, ҳарчанд дар миқёси хеле маҳдуд буд.

Ин тадбирҳо зуд натиҷаҳои мусбат дода, қобилияти харидории аҳолии Бухорои Шарқиро мустаҳкам карданд. Тамоми ашёи рӯзгорро ҳунармандони деҳқон бо нархи хеле гарон мехариданд: «сарфи назар аз рушди босуръати бозор ва афзудани шумораи молҳо, аз як тараф бинобар набудани воридкунандагони сарватманд ва маблағҳои кофӣ дар байни онҳо, аз тарафи дигар, аз ҳад зиёд будани талабот аз пешниҳод, нархи молҳои воридотӣ аз ҳад зиёд баланд боқӣ мемонад» [123, с.64].

Вазъияти иқтисодии Бухорои Шарқиро шарҳ дода, А. Муҳиддинов менависад, ки «айни замон Бухорои Шарқӣ метавонад танҳо миқдори хеле маҳдуди чорвои забҳ ва чорпоёнро содир кунад. Мавсими содироти Бухорои Шарқӣ дар тирамоҳ (сентябр-октябр) вақте оғоз мешавад, ки содироти маҳсулоти кишоварзӣ оғоз мешавад ва содироти чорво афзоиш меёбад»[123, с.65].

Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки миқдори ками пӯсте, ки дар солҳои охир бо усулҳои косибӣ коркард шуда буд, қариб танҳо барои истеъмоли маҳаллӣ истифода мешуд ва як қисми хеле ками он гоҳ-гоҳ бидуни коркард ба хориҷа содир мешуд. Маҳсулоти хомро дар ҳоли ҳозир касе коркард намекунад ва танҳо дар тамоми минтақаҳои Бухорои Шарқӣ партофта мешавад.

А. Муҳиддинов масъалаи рушди минбаъдаи минтақаро баррасӣ намуда, менигорад, ки «Маҳсулоти дигари содиротӣ – ғалладона, аз қабили гандум, биринҷ, бузғуд, кунҷид, зағер ва писта асосан дар деҳоти Широбод, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб ҷамъоварӣ карда мешавад ва аз он ҷо дар соҳили

дарёи Аму ба хориҷ содир мешавад. Ҳоло дар районҳои Ғарм, Кӯлоб ва Қурғонтеппа барои ҷамъоварӣ кардан ва аз ин районҳо баровардани ҳосил тадбирҳои зарурӣ дида мешаванд» [123, с.66].

Доир ба масъалаи потенсиали савдои Бухорои Шарқӣ ақидаи хешро баён намуда, Абдуқодир Муҳиддинов менависад, ки «Бухорои Шарқӣ ду роҳи асосии содирот дорад: 1) қад-қади дарьёи Аму бо қаиқ ва 2) қад-қади роҳи Қаршӣ — Душанбе бо ароба ва нақлиёти аспи боркаш». Аз сабаби душвории убури роҳҳои боқимондаи Бухорои Шарқӣ, ки маҳалро бо Фарғона ва Самарқанд мепайвандад, пеш аз ҳама барои молҳои саноатии воридотии ҳаҷман хурд ва сабук, инчунин барои содироти чорво, ки барои кашонидани осуда ниёз надоранд, истифода мешаванд.

Яке аз масъалаҳое, ки аллакай соли 1924 муҳим ва рӯзмарра буд, ин масъалаи баргардонидани гурезаҳо аз Афғонистон буд, ки дар ин маврид барои ҳалли он А. Муҳиддинов чунин меҳисобад, ки «бо дарназардошти ин нуктаҳо, ки барои эҳёи кишоварзии Бухорои Шарқӣ аҳаммияти калон доранд, ба муҳоҷирати меҳнаткашон аз Афғонистон ва баргардонидани деҳқонон ба ҷойҳои пешинаашон мусоидат намуда, ба онҳо барои барқарор кардани хоҷагии партофта рафтаашон кредит дода, дар деҳаҳои сераҳолӣ гарнизонҳои хурд ташкил кардан лозим аст» [123, с.67].

Дар маҷлиси якҷояи намояндагони органҳои ҳокимияти ҳарбӣ ва гражданӣ чунин қарор қабул карда шуда буд: 1) ба барқарор намудани деҳаҳои Куктош ва Арал шуруъ карда, барои ин ба воситаи банки хоҷагии қишлоқ қарзи зарурӣ дода шавад; 2) дар Ёвон филиали Госторг кушода шавад; 3) аз андози хоҷагии қишлоқ (комиссияи органҳои ҳарбӣ) озод карда шавад, озодкунӣ аз 10 фоизи даромадҳои андоз аз ушр дар як минтақаи муайян зиёд нест.

Баъди ба Душанбе баргаштан, аз рӯи ахбороти Нусратулло Махсум қарори зикршуда дар маҷлиси Комитети Иҷроияи Марказӣ пурра тасдиқ карда шуд.

А. Муҳиддинов қайд мекунад, ки имсол аз рӯи ақидаи умумии шахсони салоҳиятдор дар ҳамаи чор вилояти Бухорои Шарқӣ ҳосил зиёд шуда, назар ба соли гузашта 15-20 фоиз зиёд ҳосил пешбинӣ шудааст. Аз набудани маълумоти дақиқ ин фарқиятро бо рақамҳо ифода кардан ғайриимкон аст. Яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи пурратар барқарор намудани хоҷагии қишлоқ набудани олотҳои хоҷагии қишлоқ, монанди каланд, бел, дос, омоч мебошад. Экспедитсия маълум кард, ки қисми зиёди асбобҳои хоҷагии қишлоқ камаш 6-7 сол истифода бурда шуда, аз чор се ҳиссаи онҳо фарсуда шудаанд.

А. Муҳиддинов ба бахши фарҳанг ва маориф таваҷҷуҳ намуда, зикр менамояд, ки «масъалаҳои муҳимми Бухорои Шарқӣ, ки ҳалли таъҷилиро талаб мекунанд, маориф ва нигаҳдории тандурустӣ мебошанд. «Ҳоло танҳо мактаб-интернатҳо мавҷуданд: якто аш дар Каратоғ, ки барои 50 нафар пешбинӣ шудааст, дар ҳақиқат, то 20 нафар ва штати 4 нафар; яке дар Душамбе бо штати ҳақиқии 18 нафар ва штати 4 нафар»[123, с.69].

Дар он замон дар Қаратоғ курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси муаллимон кушода мешавад. Бо назардошти муддати кӯтоҳи онҳо, аз онҳо чизе интизор шудан мумкин набуд. Назорати маориф бояд дар ҳамон сол камаш 20 фоизи ҳайати омӯзгорон ва захираҳои худро ба Бухорои Шарқӣ интиқол медод.

Матбааи хурд (америкоӣ), ки мо онро ба Душанбе оварда, ба Нашриёти марказӣ додем, мегӯяд А. Муҳиддинов, фақат варақаҳои хурд мебарорад ва Нашриёти давлатӣ бояд ба мустаҳкам намудани саноати полиграфӣ ва нашриёти Бухорои Шарқӣ диққати ҷиддӣ диҳад.

Дар соҳаи тандурустӣ, ВОСТПК бо фармондеҳии ҳарбӣ дар бораи қисман хидматрасонии аҳолӣ тавассути пунктҳои тиббии ҳарбӣ ва беморхонаҳо мувaққатан ба мувофиқа расид. Фаъолияти шуъбаи нигаҳдории тандурустӣ амалан вуҷуд надошт. Барои инкишоф додани нигаҳдории тандурустӣ, ки дар шароити шумораи зиёди кабудизор,

касалиҳои сироятӣ ва дигар бемориҳо хеле зарур аст, чораҳои қатъӣ дидан лозим буд.

Пас аз табаддулоти соли 1920 дар Бухоро ӯ андешаҳои худро оид ба мавзуи зери назари мо, дар мақолае бо номи «Баъд аз хун ва оташ» дар шумораи аввали рӯзномаи «Бухоро ахбори» ба нашр мерасонад, ки дар он аз ҷумла чунин омадааст: «Баъд аз ҷудоиҳо ва парешониҳои умумии Ватан ва дар натиҷаи оташу хун, ки як намунаи вопасини истибдоди амир ва ҳукумати ӯст, имкони гуфтор ва баровардани овози ҳақро аҳолии Бухоро ба даст оварданд»[117]. Ба ин монанд, андешаҳои худро дар силсилаи мақолаҳои дигар дар ҳамин рӯзнома чоп намудааст. Аз ҷумла ӯ ба ҳайси тарафдори ҳаракати ҷадидия ва равияи маорифпарварӣ ба камбудиҳои соҳаи маорифи он давра диққат дода, дар як мақолаи худ андешаҳояшро ба тарзи зерин баён намудааст: «Талабаи улум 18 то 20 сол дар мадрасаҳои амир мегузарониданд, на аз дин ва на аз дунё хабардор намешуданд. Балки иқтидори такаллуми забони арабиро низ пайдо намекарданд»[117]. Ҳамзамон, А. Муҳиддинов дар рӯзномаи мазкур ҷанбаҳои мухталифи низоми идоракунии Аморати Бухороро бо фактҳои мушаххас мавриди танқид қарор дордааст. Ба андешаи ӯ новобаста ба тахрибкориҳои артиши болшевикӣ руҳияи мардум дар Бухоро шикаста нашуд ва мардум ба дурнамои шукуфоии ватани худ бо итминони комил менигаристанд.

Бояд хотирнишон намуд, ки давоми солҳои 1918 - 1921 нигоштаҳои А. Муҳиддинов ба ғайр аз рӯзномаи «Қутилиш» инчунин дар маҷаллаи ҲК Бухоро «Тонг» (Субҳ), аввалин маҷаллаӣ тоҷикӣ «Шуълаи инқилоб», маҷаллаи шуъбаи занони ҲК Туркистон «Занони Туркистон», рӯзномаи ҲК Туркистон «Иштирокиюн», рӯзномаи «Ҳуррият», рӯзномаи ҳизби ҷавонбухороиёни инқилобчӣ «Учқун» (Шарора), рӯзномаи «Бухоро ахбори» низ нашр мегардид.

Ҳамин тавр, нишонаҳои ба вуқуъ омадани як табаддулоти мусаллаҳона дар Бухоро то рафт бештар эҳсос мешуд. Аз чунин вазъият

амир низ ба таҳлука афтида, 7 июли соли 1920 дар бораи «ҷанги муқаддас» бар зидди давлати Шӯравии Русия фатво имзо намуд. Дар ин ҷо чизи дигарро низ бояд ба инобат гирифт, ки давлати Шӯравии Русия ҳам дар навбати худ нисбат ба Аморати Бухоро сиёсати одилонаву хайрхоҳонаро ба роҳ намонда буд. Ба ҳар роҳу восита фишору таъзиқи худро болои аморат равона менамуд. Инро мо дар мактуби навиштаи ҷонишини комиссари корҳои хориҷии ҶФШСР Л.М. Карахан ва роҳбари Комиссияи Туркистонӣ (Турккомиссия) В.В. Куйбишев ба В.И. Ленин хуб дарк менамоем. Дигар ҳокимияти амирро на дар ҶМШС Туркистон ва на дар ҶШФСР касе эътироф намекард. Бархе тадобире доир ба роҳҳои барҳам задани ҳукумати амир андешида мешуд.

Моҳи июли соли 1920 таҳти роҳбарии Турккомиссия Бюрои ҳарбии инқилобӣ ташкил шуд. Рузи 30 июли соли 1920 дар маҷлиси бюрои мазкур масъалаи ташкили мақомоти иҷроия дар шакли Кумитаи Муваққатии Инқилобии Умумибухоройӣ ва Шӯрои Нозирони Халқӣ (ШНХ) дида баромада шуд. Инчунин дар маҷлис Аҳмадҷон Абӯсаидов (Ҳамдӣ) ба вазифаи раиси Кумитаи Марказии Инқилобии Бухоро, Файзуллоҳ Хоҷаев ба вазифаи раиси ШНХ тавсия гардиданд.

Саҳми А. Муҳиддинов дар таъсис ва рушди ҳизби коммунистии Бухоро низ назаррас аст. Вай роҳбари яке аз фраксияҳои ҳизб буд. Аз ҷумла, вақте 15 декабри соли 1921 съезди V1 Ҳизби коммунистии Бухоро барпо гашт, тарафдорони А. Муҳиддинов 5-7 нафар буданд [49, с. 58]. Дар ин давра гуруҳи «ростҳо»-и А. Муҳиддинов тавсия мекард, ки Бухоро ба мисли Туркия бо роҳи буржуазӣ тараққӣ кунад ва ба кумаки давлатҳои империалистӣ умед дошт [49, с.59]. Ин мавқеи фраксияаашро А. Муҳиддинов дар баромади хеш низ изҳор намуд. Аслан муборизаи ҳизбӣ дар Бухоро тезетунд буд. Ҳатто Г. Орҷоникидзе ин ҳолатро таъкид карда мегуяд, ки «дар баробари мустаҳкам шудани ҳукумати Файзулло мо бояд тамоми тадбирҳоро андешем, то, ки онро на фақат аз унсурҳои зидди инқилоб, балки аз робитаҳои хешовандӣ низ пок гардонем. То имрӯз

Файзулло кормандонро  аз руи хешовандӣ ва қаробат интихобу таин мекард. Зарур аст, ки роҳи дигар интихоб шавад: таъинот бо назардошти сифатҳои кордонӣ ва бовиҷдонии ашхос» [109, с.58]. Қатъи назар аз он, ки корманди мазкур ба кадом гуруҳ тааллуқ дорад - ба гурӯҳи чап ё гурӯҳи А. Муҳиддинов.

Дар масъалаи «Вазъияти сиёсати дохилии республикаи Бухоро», ки дар сессияи фавқулоддаи КИМ Бухоро нимаи дуюми моҳи феврали соли 1922 барпо гардид,  суханронӣ намуда, А. Муҳиддинов қайд мекунад, ки он намояндагони ҳукумати Бухоро, ки бо босмачиён созиш карданд, револютсионер мебошанд. Ӯ мегуяд, ки «дар байни босмачиён револютсионерони мо низ ҳастанд ва онҳо танҳо бо баъзе масъалаҳои револютсионӣ бо мо ҳамфикр нестанд, ба ин Усмон Хоҷаев, Алӣ Ризо Анварпошшои машҳур ва Дониёр мисол шуда метавонанд. Онҳоро бо Иброҳимбек ва Эшони Султон, ки мехоҳанд ҳокимияти амирро аз нав барқарор кунанд, ҳеҷ вақт баробар кардан мумкин нест» [109, с.70]. Ба ақидаи А. Макашов А. Муҳиддинов бо ин роҳ онҳоеро, ки дар муҳосираи Душанбе даст доштанд, ҳимоя мекард.

Соли 1923 масъалаи нав кардани ҳайати роҳбарикунандаи  ҶХШ Бухоро ба миён омад. Барои иҷрои ин супориш ба Бухоро Я.Э. Рудзутак ташриф овард. Вай бо кормандони масъули ҳукумати Бухоро вохӯрда, пленуми махсус доир намуд, ки дар натиҷаи он ҳайати нави Шурои Нозирони Халқи Бухоро муайян шуда, Абдуқодир Муҳиддинов раиси Шурои меҳнат таин гардид [49, с.158].

Ҳамон тавре ки болотар ишора шуд, А. Муҳиддинов бинобар сабаби пурра сарфаҳм нарафтан ба мавзуи шинохти миллат ва масъалаҳои миллӣ дар зери таъсири ақидаҳои пантуркистонаи «Мусбюро» монда, ба ин ҷараён гаравид. Аз ин лиҳоз, омӯзиши ҳамин давраи ҳаёти Муҳиддинов хеле нозук буда, дар манбаҳои мавҷудаи таърихӣ ба таври бояду шояд таҳлил нашудааст. Аз тарафи дигар як сабаби дигари гаравидани А. Муҳиддинов ба ин ҷараён дар иртиботу таваҷҷуҳи хонадони онҳо, ҳанӯз аз

ибтидои асри XX ба фарҳангу маорифи Туркия мебошад. Аз хурдсолӣ дар зеҳну сиришти А. Муҳиддинов ин падида ҳамчун омили мусбат зуҳур карда буд. Муҳиддинов мисли дигарон дар зери ғояҳои пантуркистӣ монда, ба турк будани ҳамаи халкҳои Осиёи Миёна боварӣ пайдо намуд. Тавре худи Муҳиддинов қайд менамояд: «Пантуркистҳо мегуфтанд, ки; узбакҳо, қирғизҳо, қазоқҳо, туркман ва ғайра миллатҳое, ки ба ирқи муғул тааллуқ доранд ва ҳар якро имрӯз як миллати мустақили ҷудогона мешуморанд, дар ҳақиқат ҷузъҳои як миллатанд. Тоҷикзабонони Бухоро ҳам дар асл турканд, дар зери таъсири адабиёт ва маданияти Эрон забон ва миллати худро гум кардаанд. Бояд инҳоро боз турк кунем ва аз тамоми инҳо як миллати бузурги турк ба вуҷуд оварем ва як давлати муаззами турк барпо созем» [120]. Таҳти нуфузи ин андешаҳои ботили пантуркистҳо қарор доштани А.Муҳиддинов ба дараҷае расида буд, ки баъзан бар хилофи мавҷудияти забони тоҷикӣ дар қаламрави Бухоро сухан мекард. Аммо инро дарк намекард, ки пантуркистон дар зери ин ниқоб дар асл сиёсати ленинии давлати Шуравиро дар масъалаи миллат вайрон карда истодаанд.

Муборизаҳои сангини ӯ ба муқобили пантуркизму шохаҳои он дар солҳои минбаъда аз дарки ҳамин масъалаҳо аз ҷониби ӯ гувоҳӣ медиҳад. Ӯ ба ин масъалаҳо замоне сарфаҳм рафт, ки аллакай пантуркистон то ҷое зарари худро расонида буданд. Ҳамон тавре ки худи А. Муҳиддинов менависад: «Мо, ҷадидони Бухоро, ки давраи тарбия ва инкишофи фикрии ибтидоии худро дар доираи инкишофи фикрии панисломизм ва пантуркизм дар Осиёи Миёна гирифтем ва дер замоне дар таҳти таъсири кулии мафкураи пантуркизм ва панисломизм будем» [120].

Бори дигар эътимод менамоем, ки ҳамаи кӯшишу талошҳои ниёгонамон баҳри озодиву соҳибихтиёр чун мероси гузаштагон ба наслҳои интиқол ёфта, боиси умри ҷовид пайдо намудани суннатҳои пурқиммати таърихиву фарҳангӣ ва забону адаби ғановатманди мо гардиданд. Мову шумо аз фарози қарни XXI бояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш насозем, ки озодӣ ва истиқлол муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат буда, саҳифаҳои

пурифтихори озодихоҳиву ватанпарварии мардуми мо бо хуни ҳазорон далерону родмардони сарсупурда навишта шудаанд. Аз ин лиҳоз, истиқлоли мо дар умқи таърихи куҳанбунёдамон решаҳои амиқи иҷтимоиву фарҳангиро дорост. Аз ин рӯ, тавре баъзе муҳаққиқон ишора менамоянд, истиқлоли тоҷикон, фақат натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ нест.

Фаъолияти сиёсии А. Муҳиддиновро дар солҳои 1920-1924 баррасӣ намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин шахсияти барҷаста маҳз дар ҳамин давра ба ходими намоёни сиёсӣ табдил ёфт. Зикр кардан ба маврид аст, ки дар ин давра Абдуқодир Муҳиддинов бо «Ордени Байраќи Сурх (1920 ) ва (1922), Ордени Ситораи Сурхи дараҷаи 1-и Ҷумҳурии Халқии Бухоро»[150] мукофонида шуд.

Яке аз саҳифаҳои норӯшани ҳаёти Абдуқодир Муҳиддинов масъалаи бо В.И. Ленин вохӯрдани ӯ мебошад. Баъзе муҳаққиқон бар онанд, ки Абдуқодир Муҳиддинов бо доҳии меҳнакашони олам ҳамсуҳбат шудааст, бархеи дигар ин иддаоро рад мекунанд. Ин масъала то имрӯз баҳснок боқӣ мондааст.

Ҳамин тавр фаъолият дар вазифаҳои раиси Кумитаи марказии инқилобии Бухоро ва раиси КИМ-и ҶХШ Бухоро (1920-1921), Назири (вазири) заминдорӣ, баъдан савдо ва саноати ҶХШ Бухоро (1921—1923), раиси Шурои иқтисодии ҶХШ Бухоро, аз 15 маи соли 1923 то 19 сентябри соли 1924 иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шурои нозирони (вазирони) халқи ҶХШ Бухоро (1923—1924) Абдуқодир Муҳиддиновро аз нигоҳи сиёсӣ обутоб дода, ӯро ба сатҳи баланди яке аз ходимони шинохтаи сиёсии Осиёи Миёна баровард. Ин давраи тадриҷан аз сиёсати пантуркизм дур шудани Абдуқодир Муҳиддинов мебошад, ки ин ҷо, тавре ишора рафт, саҳми сардафтари адабиёти нави тоҷик устод Садриддин Айнӣ хеле калон аст. Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи гузаронидани тақсимоти миллию ҳудудӣ дар Осиёи Миёна аз 27-уми октябри соли 1924 Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Бухоро барҳам дода шуд.

## 2.2. Абдуқодир Мухиддинов ва таъсиси ҶМШС Тоҷикистон (1924-1929)

Қабл аз гузаронидани тақсимоти миллӣ-марзӣ дар Осиёи Марказӣ А. Муҳиддинов дар мансаби раиси Совети иқтисодии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Бухоро, ҳамзамон аз 15 майи соли 1923 дар мақоми иҷрокунандаи вазифаи раиси Шурои Халқии Назирони ҶХШ Бухоро адои вазифа мекард.

Маълум аст, ки А. Муҳиддинов, ки аз соли 1919 ба ҳизби коммунист пайваста буд, минбаъд аз рӯи сиёсати ин ҳизб амал мекард. Дар ҳамин давра дур шудани ӯ аз сиёсати манкуртии пантуркизм эҳсос мешавад. Дар арафаи таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ӯ аллакай аз хатоиҳои хеш пушаймон шуда, минбаъд барои дифои манфиатҳои тоҷикон амал мекунад.

Ҷумҳурии мухтори навтаъсиси Тоҷикистон аз вилоятҳои Қаротегин (Ғарм ва Дарвозу Ванҷ), Кӯлоб, Қурғонтеппа, Ҳисор, ноҳияи Панҷакент (ва Фалғар - ноҳияи Айнӣ), - ноҳияи Ӯротеппа (ва ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ) ва қисман ноҳияи Сариосиё (аз ҳисоби Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро) ва 12 ноҳия иборат буд.

Дар моҳи апрели соли 1924 бо қарори Бюрои осиёимиёнагии Кумитаи Марказии Ҳизби коммунистии (болшевикии) Русия А.Муҳиддинов ба ҳайати Комиссияи оид ба тақсимоти миллӣ-ҳудудии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна дохил карда шуда буд. [15]. Мутаассифона, айни замон ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ёфт нашудаанд, ки фаъолияти А.Муҳиддиновро дар ҳайати ин комиссия равшан намоем. Сабаб дар он аст, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳо оид ба тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ соли 1924 махфӣ шуда, солҳои зиёд бо онҳо шинос шудан номумкин буд. Мутаассифона, дар бойгонии давлатии таърихи навтарин Тоҷикистон парвандаи шахсии А. Муҳиддинов низ имрӯз нест.

Баъд аз ташкил шудани ҶМШС Тоҷикистон 26 ноябри соли 1924 Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ташкил карда шуд. Роҳбари он – Раиси Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва муовини ӯ– Абдуқодир Муҳиддинов таъин шуданд. А.Муҳиддинов ҳанӯз

дар моҳи ноябр ба ҳалли масъалаҳои ташкили мақомотҳои нави ҳокимияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ шуруъ намуд. Бо масъалаҳои қонунгузорӣ басо ҷиддӣ машғул шуда, хусусиятҳои маҳаллии тараққиётро мукаммал донista, кӯшиш намуд, ки қонунҳои иттифоқиро бо дарназардошти шароити хоҷагии маҳал аз нав дида баромада, тағйир диҳад. Баробари ба ҳайати ИҶШС дохил шудан дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон қонунҳо ва кодексҳои дар ҳудуди Иттифоқ амалкунанда ба таври ҳатмӣ паҳн мешаванд. Аммо шароити маҳаллии ҳаёти хоҷагӣ ва маишии аҳолӣ барои тағйир, коркард ва мутобиқгардонии қисми қонунҳо ба вазъияти маҳал корҳои зиёд талаб мекунанд. Дар асоси яке аз ҳуҷҷатҳои имзокардаи А.Муҳиддинов ҳайати Раёсати Кумитаи инқилобии ҶМШС аз тарафи худ масъалаҳое, ки барои коркард ва декретбарорӣ дар навбати аввал истодаанд, ба миён гузошт[15]. Ин масъалаҳо инҳо буданд: масъалаҳои замин, истифодабарии об ва соҳибкунӣ (кодекси замини муваққатӣ), масъалаҳои ҳалли баҳсҳо оид ба замин, масъалаҳои ҳуқуқҳои оилавӣ ва ғ. Ҳайати раёсати Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ҳамаи комиссариатҳои халқиро даъват намуда, дар доираи ухдадориҳои худ дастур дод, ки ба коркарди ин масъала фавран шуруъ кунанд.

26 ноябри соли 1924 Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон Кумитаи Инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистонро ҳамчун ҳукумати муваққатии ҷумҳурӣ, то тайёр кардан ва гузаронидани анҷумани муассисони Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон таъсис дод [5]. Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон 7 декабри соли 1924 бори аввал дар шаҳри Тошканд маҷлиси худро баргузор намуда, дар он масъалаҳои интиқоли ҳукумат ба шаҳри Душанбе, масъалаи ба кор гирифтани ашхоси саводнок ба дастгоҳи иҷроияи ҳукумат, буҷети ҷумҳурӣ ва дигар масъалаҳои муҳимтарин, аз ҷумла масъалаи муайян намудани маълумоти мушаххас оид ба шумораи аҳолии ба ҳайати ҷумҳурӣ дохилшаванда, ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки ба Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶМШС

Тоҷикистон) ҳамроҳ карда мешуд, дар бораи расонидани ёрӣ ба хоҷагиҳое, ки аз ҷанги босмачигарӣ зарар дидаанд ва ғайраҳоро муҳокима кард.

Маълум аст, ки ҳайати ҳукумати нав қисман тавассути роҳи ҳавоӣ рӯзи 16 январи соли 1925 ва ҳайати боқимонда тавассути роҳи заминӣ бо истифода аз аспу ароба рӯзи 5 феврали соли 1925 ба Душанбе мерасад. Дар ин замон вазифаи ҳукумат эълони таъсиси ҷумҳурии мухтор, ташкили фаъолияти низомнокии дастгоҳи ҳукумат ва мубориза бо босмачигарӣ буд. Аз сабаби набудани бинои мувофиқ вазорату идораҳо дар хонаҳои қамишпӯши фарсуда ҷойгир карда шуда буданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар соли 1925 ва нимаи аввали соли 1926 кӯшишҳои ҳукумат дар бораи таъсиси шуроҳо дар маҳалҳо аз сабаби ҷой доштани муқовимат бештар бенатиҷа анҷом меёфтанд. Ҳукумати нав танҳо дар нимаи дуюми соли 1926 тавонист, ки дар саросари ҷумҳурӣ шуроҳоро созмон диҳад.

Дар натиҷаи талошҳои Нусратулло Махсум моҳи июли соли 1926 дар тобеъияти Кумитаи Инқилобии Тоҷикистон бо мақсади самарабахш доир намудани анҷуманҳои нахустини шуроҳо ва аз нав гузаронидани интихобот ба Шуроҳо ниҳоди махсусе бо номи Комиссияи ташкилӣ оид ба тайёрӣ дидан ва аз нав интихоб  намудани шуроҳо ва гузаронидани анҷумани шуроҳо ташкил карда шуда буд. Тавре, ки муҳаққиқ Д. Маҳмудов дар рисолаи худ менависад: «Пас аз чорабиниҳои зиёде 14 августи ҳамон сол даъвати анҷумани якум, таъсиси шӯроҳо ва маъракаи интихобот ба шуроҳои намояндагони коргарону деҳқонон аз поён то болоро эълон кард» [54, с.75].

Ҳамин тариқ, бори нахуст расман Ҳукумати Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт. «Ҳайати асосӣ бо сардории Нусратулло Махсум, Абдулло Ёрмуҳаммадов, Оқчурин, Муҳиддинов А. ва Раҷабов нимаи дуюми моҳи декабри соли 1924 аспсавор ба Тоҷикистон меоянд» [130, с.112]. Раёсати Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон аз шахсони зерин иборат буд: Н. Махсум (раис), Б. Додобоев, Ҳоҷӣ Раҳматулло (муовинони раис), А. Ёрмаҳммадов, Ш. Шотемур ва

А.М. Дяков -аъзоён. Тибқи протоколи № 2 (суратҷаласаи № 2) маҷлиси Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1924 дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ А. Муҳиддинов ҳамчун иҷрокунандаи вазифаи Раиси кумитаи банақшагирии давлатӣ ва Нозири халқии савдои дохилӣ [16] зикр шудааст [93]. Вале, дигар ҳуҷҷатҳо тасдиқ мекунанд, ки Абдуқодир Муҳиддинов аз моҳи декабри соли 1924 муовини Раиси Кумитаи Инқилобӣ интихоб шуда буд.

Таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистонро яке аз сарварони он А. Муҳиддинов чунин тасвир мекунад: «Ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурияти Тоҷикистон «Кумитаи инқилобӣ», агарчӣ дар моҳи декабри соли 1924 муайян гардид, лекин бинобар сабаби дурӣ ва сахтии роҳ дар моҳи марти соли 1925 қисми куллии узвҳои «Кумитаи инқилобӣ» ба маркази ҷумҳурият дар шаҳри Душанбе ҷамъ омаданд ва аз 15-уми моҳи март расман идораи мамлакатро «Кумитаи инқилобӣ» ба дасти худ гирифт» [55,с.67]. Дар ҳақиқат, тавре аз дигар сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, вазъият ва аҳволи онрӯзаи Тоҷикистон хеле парешон буд, чунончи қисми кулли мамлакат аз марказҳои иқтисодӣ ва мадании шуроӣ бурида, бо ҳеҷ ҷое як роҳи алоқаи мунтазам надошт ва дар мамлакат зиндагонии усули «феодализм» - замони ҳокимияти заминдорҳои калон хеле решаи мустаҳкам дошт.

Тавре аз сарчашмаҳо маълум аст, рӯзи 15 марти соли 1925 ба муносибати ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе намоиши серодаме баргузор гардид. Ба ин муносибат табрикоти роҳбари давлати Шуравӣ И. Сталин ба мардуми тоҷик фиристода шуд. Аз рӯи аксҳое, ки аз бойгониҳо дастрас шудааст, маълум аст, ки дар ҳузури мардум аз минбар Раиси КИМ ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум эъломияи таъсиси ҶМШС Тоҷикистонро мехонад ва ба ин муносибат мардумро табрик мекунад. Ҳамзамон, муаррих ва рӯзноманигор Қурбон Аламшоев менависад: «он рӯз аз минбари худсохти болохонадор ва бо матоъ печонидашуда, ки дар маркази майдон гузошта шуда буд, нахуст раиси

Кумитаи Инқилобии Тоҷикитон Нусратулло Махсум ҳамаро табрик кард» [90, с.35] .

Шарҳи як мактуби А. Муҳиддинов. 1 июли соли 1925 дар ҷаласаи Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон Комиссариати халқии молияи ҶМШС Тоҷикистон «Ба Шумо ҳафт нусхаи муносибати Комиссариати молияи ҶШС Ўзбекистонро аз 24 июни соли 1925 № 623 (дар 20 варақ) фиристода, пешниҳод менамоям оид ба моҳияти ин муносибат ҷавоб таҳия намуда, барои шиносоӣ ба ман фиристонед»[16]. (Муовини раиси Кумитаи инқилобӣ - Муҳиддинов. Раёсати идораи корҳо - Самсов). Дар 20 саҳифаи матни чопи мошинӣ, бо имзои Комиссариати молияи ҶМШС Тоҷикистон рафиқ Дяков масъалаҳои таъмини штатӣ бо мутахасисон баробари омада расида, дар бораи кам будани маош, бухрони хонаи истиқоматӣ, иқлими сахти континенталӣ ва босмачигарӣ, фаъолияти сусти почта ва набудани имконият барои таълим додани кормандон аз ҳисоби намояндагони миллатҳои таҳҷоӣ номбар шуда буданд.

Пас аз ором шудани вазъияти сиёсӣ дар ҷумҳурӣ соли 1926 гузариши ҳокимият аз кумитаҳои инқилобӣ ба шуроҳо амалӣ карда шуд. Саҳми А. Муҳиддинов дар ин маъракаи муҳим дар бунёди сохтори давлатии шакли нав тавассути шуроҳо хеле калон аст.

Албатта, яке аз муҳимтарин воқеаҳои сиёсии солҳои 20-уми асри XX баргузории Анҷумани якуми муассисони шуроҳои вакилони коргарон, деҳқонон ва аскарони сурхи Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон буд. Ин ҷаласаи таърихӣ рӯзҳои 1-12 декабри соли 1926 дар шаҳри Душанбе дар “Хонаи Деҳқон” доир гашт. Дар кори Анҷуман (съезд) 336 вакил, намояндагони 17 миллат, аз он 323 нафар бо ҳуқуқи овоздиҳӣ ва 13 нафар бо ҳуқуқи мушовара, 324 мард ва 12 зан ширкат намуданд.

Дар рӯзи якуми кори анҷуман “Эъломияи таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон” қабул карда шуд. Анҷуман кори дусолаи Кумитаҳои Инқилобии ҷумҳуриро баррасӣ намуда, онро қаноатбахш ҳисобид. Дар анҷуман як қатор ҳуҷҷатҳои дигар қабул шуданд,

ки дар таҳияи онҳо Нусратулло Махсум ва Абдуқодир Муҳиддинов нақши асосӣ доштанд ва ин ҳуҷҷатҳо муҳимтарин масъалаҳои давлатдориро дар бар мегирифтанд[54, с.74-75].

Дар ҳамин иҷлосияи таърихӣ ҷаласаи аввалини иҷлосияи Кумитаи иҷроияи марказии (КИМ) Тоҷикистон баргузор шуда, дар он Раёсати КИМ ва ҳайати ҳукумати иҷроия интихоб карда шуданд. Дар ҷаласа, инчунин Раиси КИМ Н. Махсум ва Раиси ШКХ Абдуқодир Муҳиддинов интихоб шуданд.

Дар ин ҷаласа муовини раиси КИМ ҶМШС Тоҷикистон Б. В. Толпиго суханронӣ карда, аз ҷумла зикр мекунад, ки «Мо рафиқон, Раиси комитети иҷроияи марказии умумитоҷикистонро бояд интихоб кунем. Ба вазифаи раиси КИМ ... шахсеро бояд интихоб кунем, ки Тоҷикистонро донад, шахсе, ки миёни мардум ба эътибор ва обрӯи ҳақиқӣ сазовор бошад. Саҳв намешавад, агар гӯям, ки ин гуна шахс танҳо рафиқ Нусратулло Махсум аст» [106] . Пас аз ин, номзадии А. Муҳиддинов барои ишғоли вазифаи раиси Шурои Комиссарони халқи ҷумҳурӣ муҳокима шуда буд.

Муҳиддинов А. таъсири пурзури дин, устувории ислом дар ҳифз намудани принсипҳои дахлнопазирии моликияти хусусӣ ва хусусиятҳои муносибатҳои оилавӣ-маишии он замонро ба назар гирифта, дарк кард, ки танҳо нусхабардории қонунҳо боиси иштибоҳи ҷиддӣ мегарданд. Аммо на ҳамеша ба андешаи ӯ гӯш медоданд. Мутаассифона, дар он вақт аллакай (системаи) тартиби қатъиян риоя кардани фармонбардорӣ ва иҷрои ҳамаи дастурҳо, ки аз мақомотҳои давлатии марказӣ меомаданд, ташкил карда шуда буд. Оид ба ҳамаи масъалаҳо бояд қарору қарордодҳои марказро риоя мекард. Лекин А.Муҳиддинов ҳеҷ вақт «фармонбардор» набуд. Дар давраи коллективонии комил дар ҷумҳурӣ, вақте ки дар зери пардаи барҳам додани бойҳо молу мулки бисёр хоҷагиҳои деҳқонони миёна ва камбағалонро мусодира карданд ва бо ин сабаб рафти оммавии деҳқонон ба Афғонистон оғоз ёфт, «А.Муҳиддинов чунин сиёсати коллективониро

сахт танқид карда, онро барои хоҷагидории Тоҷикистон нодуруст ва харобиовар медонист» [53, с.46].

Баъдтар А. Муҳиддинов оид ба тақсимоти миллии соли 1924 миқдори зиёди маводҳои комиссияи экспертиро оид ба ҳайати миллии вилоятҳои гунонуни Осиёи Миёна дар арафаи тақсимоти миллӣ омӯхт, бо маълумоти барӯйхатгирии аҳолии солҳои 1920-1926 шинос шуд ва ба хулосае омад, ки дар тақсимоти миллии соли 1924 ба иштибоҳҳои дағалона роҳ дода шудааст. «Дар бисёр баромад ва мақолаҳо ӯ бо факту далелҳои зиёд исбот мекунад, ки халқи тоҷик барои барпо намудани давлати соҳибистиқлол ҳуқуқи комил дорад»[53, с.162]

Дар ҷаласаҳои Комиссия оид ба тақсимоти байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ӯ борҳо оид ба масъалаҳои гуногуни баҳснок иштирок ва суханронӣ кардааст, ки ин далелҳо бо қарорҳои Комиссия ба баъзе масъалаҳо сабт шудаанд. Масалан, «ӯ хоҳиш мекунад, ки қарори Комиссия оид ба масъалаҳои ба Ӯзбекистон ҳамроҳ кардани заминҳои Сурхандарё ва шаҳри Термиз аз нав дида баромада шаванд»[53, с.90].

Ба андешаи А. Муҳиддинов ноҳияи Сурхандарё бояд ба Тоҷикистон ҳамроҳ карда шавад, зеро ки дар он ҷо аҳолии тоҷикнишин бартарӣ дорад, ва шаҳри Термиз – бо далелҳои иқтисодӣ (ҳамчун «нуқтаи муҳимми транзитӣ барои Тоҷикистон...» [53, с.169]). ба Тоҷикистон ҳамроҳ карда шавад, чунки аз рӯйи чунин далелҳои иқтисодӣ шаҳри Самарқанд ва Бухоро ба Ӯзбекистон ҳамроҳ шуда буданд. А.Муҳиддинов нуқтаи назари худро дар ҳалли баҳсҳои ҳудудии байни ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна дошт. Ӯ чунин ақида дошт, ки «бояд Федератсияи республикаҳои Осиёи Миёна ташкил карда шавад ва Тоҷикистон ба он федератсия чун воҳиди мустақил дохил гардад. Территорияҳое, ки аҳолии тоҷикнишин дорад, ба Тоҷикистон баргардонда шаванд (Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, қисми Фарғона), ки онҳо баъди тақсимоти миллӣ соли 1924 ба ҳайати Ҷумҳурии Узбекистон дохил шудаанд» [53, с.170].

Давраи мавҷудияти ҷумҳурии мухтор вазъияти сиёсии Тоҷикистон хеле вазнин буд, онро А. Муҳиддинов чунин ба қалам додааст: «Қувваҳои аксулинқилобии амир ва тарафдоронаш аз торикӣ ва нодонии оммаи фуқаро ва аз эътимоди душманони мардум ба уламои дин ва аз нопокии идораҳои Ҳукумати Шуроӣ, аз зотҳои нолоиқ ба хубӣ истифода мебурданд ва ҳамеша бо иғвову тухматҳои сохта дар ҳаққи Ҳукумати Шуроӣ халқро аз Ҳукумати шуроӣ дур мекарданд» [55, с.68].

Рӯзномаи «Правда Востока» дар яке аз шумораҳои хеш аз соли 1928 хабар дода буд, ки 1-уми апрели соли 1928 ҳайати Ҳукумати Тоҷикистон аз пойтахт ба воситаи роҳи Кӯрғонтеппа, Сангтӯда, Оқсу, Қизилмазор аспсавор ба шаҳри Кӯлоб, ба пленуми Комитети иҷроияи марказии республика омад. Раиси Кумитаи иҷроияи марказии ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва Раиси Шурои Комиссарони халқ А. Муҳиддинов ба пешвози самимӣ ва табрику таҳнияти зиёди аҳолӣ ва вакилон бо камоли эҳтиром ҷавоб доданд.

Кори ҳукумати навтаъсисро шарҳ дода, А. Муҳиддинов қайд мекунад, ки яке аз вазифаҳои бузург зери масъулияти навбатии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, идораҳои Ҳукумати шуроиро аз одамҳои мухолифи усули Ҳокимияти шуроӣ покиза кардан ва оммаи мардуми деҳқони камбағал ва миёнаҳолро ба корҳои шуро ҷалб намудан шинохта шуд.

Ҳукумати шуроӣ дар вақте идораҳои ҳукумати худро шуроӣ медонад, ки роҳбарии идораҳо, ҳукми ҳокимият аз идораҳои поён, аз қишлоқҳо гирифта, то марказҳо ба дасти синфи ранҷбар бошад ва тамоми умури мамлакат ба дасти синфи мардикор, деҳқони камбағал ва миёнаҳол бошад. Дар корҳои идораи мамлакат синфҳои мухолиф ҳеҷ таъсире надошта бошанд. Чунончӣ, дар боло арз карда гузаштем, дар вақте ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гардид, идораҳои шуроӣ аз ахлотҳои мурдор пур буд, босмачигарӣ дергоҳ имкон надод, ки дар маҳалҳо оммаи деҳқонони ранҷбар ба корҳои идории мамлакат ҷалб карда шаванд ва шуроҳои ҳақиқӣ ба вуҷуд оварда шаванд.

Баъд аз нesту нобуд кардани босмачиҳо аз тирамоҳи соли 1926 мумкин шуд, ки дар кори истеҳком додани усули Ҳокимияти Шуроӣ дар байни оммаи халқ иқдомоти ҷиддӣ роҳандозӣ карда шавад.

Ибтидои имороти шуроиро аз сари интихоботи Анҷумани якуми шуроҳои Тоҷикистон ҳисоб карда, дар моҳи октябр ва ноябри соли 1926 интихобот сар карда шуд. Дар аснои интихоботи синфи мухолиф – бойҳо, муллоҳо ва амалдорҳо кӯшиш карданд, ки дар сари шуроҳои ҷамоатҳо, иҷроияҳои тумонҳо, одамҳои тарафдор ва наздики худашон хоста шаванд, дар интихоботи махфӣ ва ошкоро бисёр тадбирҳо ва дасисаҳо карданд, лекин дар бисёр ҷойҳо комёб нашуданд. Ба муқобили бойҳо, амалдор ва муллоҳо аз тарафи ранҷбарон, деҳқонони камбағал ва миёнаҳол дар маҳалҳо хеле муборизаҳо сурат гирифт. Синфи ранҷбар дар интихобот дар бисёр ҷойҳои ҷиддият нишон дода, муташаккилона ҳаракат карданд. Аз бисёр маҷлисҳо бойҳо, амалдорон ва муллоҳоро бароварда пеш карданд ва тарафдорони онҳоро маълум карданд. Дар натиҷаи интихобот 70 фоизи аъзои идораҳои шуроии маҳаллӣ тоза ва қисми куллии синфи мухолиф аз кор бароварда шуд. Баъд аз интихоботи мазкур, ҷиҳати синфӣ ва иҷтимоӣ узвҳои идораҳои поёнии шуроӣ аз ин қарор шуд:

**Дар шурои ҷамоатҳо**

| ***Камзаминҳо*** | ***Миёнаҳолҳо*** | ***Безамин, мардикор, деҳқони батракҳо*** | ***Чоряккорҳо*** |
|---|---|---|---|
| *39,5 фоиз* | *36 фоиз* | *11 фоиз* | *1 фоиз* |
| ***Мардикорҳо*** | ***Хидматгорҳо*** | ***Аҳли ҳунарҳо*** | ***Номаълумҳо*** |
| *1 фоиз* | *аз 0,5 фоиз зиёдтар* | *0,5 фоиз камтар* | *9,5фоиз* |

Аввали моҳи декабри соли 1926 бо иштироки вакилони ранҷбари ҳафт вилоят Анҷумани якуми Тоҷикистон кушода гардид. Дар анҷуман 323 нафар вакил иштирок намуданд. Аз онҳо 12 нафар зан аз тамоми миллатҳое, ки дар Тоҷикистон истиқомат мекарданд, вакил буданд.

Чунончи аз тоҷикҳо-55 фоиз, аз ӯзбекҳо-14 фоиз, бақия аз форсҳо, қирғизҳо, туркманҳо ва русҳо» [55, с.75-76].

Фаъолияти шахсии худ ва ҳукуматро дар замони мухторият баён намуда, А. Муҳиддинов хулоса мекунад, ки моҳи июли соли 1927 пас аз баргузории Анҷумани аввалини муассисон ба хотири тоза намудани мақомоти маҳаллии шуроҳо ва ҷалби ҳарчи бештари аҳолии камбизоат ба корҳои давлатӣ чорабиниҳои зиёд баргузор карда шуданд. Аз ҷумла, ӯ зикр мекунад, ки дар ин маврид 110 гирдиҳамоӣ гузаронида шуда буд, ки дар онҳо 26 ҳазор нафар деҳқонон ширкат намуданд. Дар деҳот 144 ҷаласа бо иштироки 81 ҳазор нафар доир шуда, 266 ҷаласаи калони шуроҳои ҷамоат бо иштироки 18 ҳазор нафар фаъолони маҳалҳо баргузор гардиданд.

Чунин ҷаласаҳо дар туманҳо (ноҳияҳо) низ гузаронида шуда буданд. Аз ҷумла, 40 ҷаласа дар кумиҷроияи туману кентҳо сурат гирифта, дар онҳо зиёда аз 4 ҳазор нафар деҳқонони миёнаҳол ва камбизоат ширкат намуданд. Дар умум, 860 ҷаласа доир гашта, дар ин ҷаласаҳо 129 ҳазор нафар иштирок карда, 5010 кас ба музокира баромада, фикру андешаи худро баён намуданд.

Абдуқодир Муҳиддинов ҳамчун яке аз роҳбарони онвақтаи Тоҷикистон корҳои дар масоили иқтисодӣ ба анҷом расондаро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки тадбирҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Шуроӣ дар бобати беҳбудии аҳволи иқтисодии оммаи деҳқони Тоҷикистон муқаррар ва иҷро гардид, роҷеъ ба истеҳсол, барои ба даст овардани мақсадҳое буд, ки дар ин ҷо зикр мекунем:

1. Деҳқон аз ҳолате, ки худ кишта, худ кор карда, худ мехӯрад ва худ мепӯшад, барояд, қисми маҳсулоти деҳқонӣ зиёда шавад ва ба дасти деҳқон пули нақд дарояд.

2.Тариқи касбу кор ва асбоби кишту кори деҳқон хуб шавад, он киштҳоеро зиёда карда шавад, ки боиси ба зӯдӣ афзудани даромади деҳқон мешавад.

3.Корҳои хоҷагии мамлакат бо чунон роҳе тараққӣ кунад, ки дар натиҷа аҳволи иқтисодии мамлакат ва зиндагонии деҳқони камбағал ва миёнаҳол, яъне аксарияти кулли омма хуб шавад ва нуфузу таъсири иқтисодии синфи мухолиф кам ва нест гардад.

4.Корҳои иқтисодии мамлакат бо чунон роҳе тараққӣ кунад, ки аз ҳар ҷиҳат алоқаи иқтисодии мамлакат бо хоҷагии иҷтимоии Иттифоқи ҷумҳуриятҳои Шурой рӯз аз рӯз наздиктар ва мустаҳкамтар шавад, решаи сармояи хусусии хушкшудаи зиндагонии иқтисодии мамлакат рӯ ба тарафи усули зиндагонии иҷтимоӣ пеш равад.

Барои тафсилоти дуру дароз дар ин рисола ҷой нест, бинобарин, дар ҳар боб натиҷаи корҳои мухтасар ифода мекунем ва рақамҳои асосиро дарҷ менамоем.

Кишти обӣ – дар замони ташкили Ҷумҳурияти Тоҷикистон, миқдори замине, ки кишти обӣ кардан мумкин буд, 130 ҳазор десиятин ҳисоб мешуд. Дар муддати дувуним сол ба 180 ҳазор десиятин расид. Тоҷикистон дар бобати зиёда кардани замини обикорӣ қобилияти бузург дорад ва ба осонӣ метавонад, ки миқдори замини обкории навро то ба 640 ҳазор десиятин расонад.

Муҳоҷирати дохилӣ – қисми куллии мардуми Тоҷикистон дар кӯҳсорҳои камзамин зиндагонӣ мекунанд, яке аз вазифаҳои бузурги иқтисодии мо кӯчонидани деҳқонони камзамин аз кӯҳистон ба ҷойҳои нав обиёришуда аст. Дар ин кор, иқдом шуд дар соли гузашта, ду ҳазор хонаводаро ба ҷойҳои пахтакорӣ кӯчонида ҷой доданд. Дар соли ҳозира бояд чаҳор ҳазор хонавода, кӯчонида шаванд.

Пахтакорӣ – аз замони ташкил шудани Ҷумҳурияти Тоҷикистон сар карда, дар ин кор аҳаммияти куллӣ дода шуд.

Дар соли 1925 миқдори кишти пахтаи Тоҷикистон 1800 десиятин шуд. Соли 1926, 8000 десиятин ва соли 1927, 18000 десиятин.

Дар соли оянда, соли 1928 аз рӯйи пилон (раҷа)-и ҳукуматӣ бояд 35000 десиятин пахта кишт карда шавад. Аз тарафи хулопком дар Тоҷикистон ҳафт адад, зовуди пахта, бино карда шуд.

Муҳиддинов А. вобаста ба мушкилоти қарздиҳӣ ба деҳқонони камзамин муроҷиат карда, қайд намудааст, ки «барои ба деҳқонҳои муҳтоҷ қарз додан, бонки деҳқони тоҷик бо маблағи як миллион сӯм сармоя ташкил ёфт, кор ва фаъолияти он аз қарори поён аст:

| | *Соли 1925* | *Соли 1926* | *Соли 1927* |
|---|---|---|---|
| *Миқдори ширкатҳо....* | *53* | *88* | *94* |
| *Миқдори аъзои ширкатҳо....* | *7,934* | *11,562* | *25,000* |
| *Миқдори пули ба деҳқонон қарздодашуда* | *439,000* | *778,000* | *1,831.000* |

Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон бо мақсади таъмин намудани деҳқонон бо лавозимоти корӣ ба паймони «Гуссилисклод» (Госсельсклад) ҳамроҳ гардид. Ҳамзамон гуссилисклод мувazzаф гардид, ки деҳқонони маҳаллиро бо олотҳои меҳнат таъмин гардонад. Дар натиҷа ба ғайр аз олоти муқаррарии меҳнат аз асбобҳои нав ба мисли трактор ва дигар асбобҳо деҳқононро таъмин намуд. Вале таъмини деҳқонон бо мошинҳои нав хеле ба мушкилӣ иҷро мегардид. Дар соли 1926 ба маблағи 237 ҳазор сӯм асбоб оварда шуд. Дар соли 1927 мувофиқи қарор бояд ба маблағи 650 ҳазор сӯм асбоб оварда мешавуд[55, с.82].

Абдуқодир Муҳиддинов аҳаммияти калони роҳҳоро дар рушди иқтисодии Тоҷикистон таъкид намуда, менависад, ки дар ин масъала аз замони ташкил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммият дода шуда, хеле вақт давом ёфт. Масъалаи роҳ барои Тоҷикистон, яке аз масъалаҳои асосии тараққии иқтисодӣ ва маданӣ мебошад. Дар муддати дувуним сол роҳ аз

Душанбе то ба Тирмиз; дар масофаи 230 километр барои рафту омади мошинҳо дуруст карда шуда, рафту омади мошинаҳо таъмин гардид.

А. Муҳиддинов зикр мекунад, ки роҳи оби дарёи Омӯ аз Тирмиз то Сарои Камари Ҷиликӯл ба масофаи 210 километр ислоҳ карда шуда, рафтуомади киштиҳо зиёда гардид ва миқдори киштиҳо низ зиёда карда шуд. Роҳи мошингарди байни Душанбе – Қурғонтеппа – Ҷиликӯл – Сарой-Камар - Кӯлоб ба масофаи 335 километр дуруст карда шуд.

Роҳи ҳавоии байни Душанбе – Тирмиз – Самарқанд - Тошканд кушода, ҳамзамон роҳи ҳавоии байни Душанбе-Кӯлоб ба қадри даркорӣ ҷорӣ гардид, ҳамзамон, дар ин давра сохтани роҳи охани Душанбе - Тирмиз, муқарар гардида, корҳои сохтмонӣ дар масофаи 70 километр ба анҷом расид.

А. Муҳиддинов чунин иттилоъ медиҳад, ки Комиссариати Халқии Маорифи Тоҷикистон дар шаҳри Тошканд мактаби муаллимтайёркунӣ дорад, ки дар он 200 нафар таҳсил мекунанд. Ғайр аз ин, дар факултаи коргарии (Рабфак) шаҳрҳои Тошканд ва Москва 300 нафари дигар таҳсил мекунанд.

Ба кори нашриёти давлатии Тоҷикистон баҳо дода, А. Муҳиддинов зикр менамояд, пас аз он, ки дар шаҳри Самарқанд нашриёти давлатии Тоҷикистон таъсис дода шуд, бо кӯмаки муассисаҳои илмиву маърифатии тоҷикони  Самарқанду Бухоро ва Хуҷанд кори он хеле пеш рафт.

Дар муддати 9 моҳи соли 1927 китобҳое, ки аз чоп баромадааст - 51 ададро ташкил медиҳад, ки аз инҳо китобҳои мактабӣ - 23 адад, китобҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ - 21 адад, адабиёти нафиса - 6 адад мебошанд. Дар ин муддат аз ҳисоби кӯмакҳои аз иттифоқи ҷумҳуриҳои шуравӣ воридшуда ба Тоҷикистон ба маблағи 25 миллион сӯм мерасад.

Абдуқодир Муҳиддинов ба ҷараёни пантуркизм  ва панӯзбекизм дар ин давра нигоҳу андешаи махсуси худро дошт. Соли 1928 ӯ таҳти унвони «Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбак?» (дар саҳифаҳои қаблӣ аз он якчанд маротиба иқтибосҳо оварда будем) мақолае иншо

намуд, ки ҳамон сол дар нашрияҳои «Роҳбари дониш» (с. 1928. № 8-9/ 11-12), «За партию» (с. 1928. № 9 (13), «Тоҷикистони сурх» (с. 1928. № 11) ба дасти чоп расида буд. Дар ин мақолаи худ Абдуқодир Муҳиддинов ба масъалаи мавриди назари мо бевосита таваҷҷуҳ намуда, тамоми амалҳои ташвиқотии пантуркистонро зери тозиёнаи танқид мегирад. Муҳиддинов ҳолати ӯзбеккунонии тоҷиконро сахт мазаммат намуда, он манзараро дар мақолаи хеш бо истифода аз маъхазҳои таърихӣ батафсил баён намудааст. Ӯ ба ин бовар аст, ки бо вуҷуди мушкилиҳои пешомада тоҷикон дар ботини андеша тоҷик мемонанд ва дар ин маврид чунин менависад: «Мардуми Бухоро дар хона, дар муомилаи байни якдигар ҳамеша ба забони тоҷикӣ такаллум мекарданд ва ба ҳамон ҳол мондаанд. Бе истисно, занони Бухоро забони ӯзбакиро ҳеҷ намедонанд» [120]. Ба ақидаи ӯ Бухоро ва атрофи он таърихан сарзамини тоҷикон аст. Ӯ аз таърихи халқи тоҷик мисолҳо оварда, бо далелҳои қотеъ исбот мекунад, ки шумораи тоҷикон дар Осиёи Миёна, махсусан дар Бухоро аз ҳама бештар аст. Дар замони пеш аз инқилоб аз мардуми Бухоро амалдорҳои амир, ки дар мавзеъҳои узбакнишин хидмат мекарданд ё аз туҷҷорҳои дӯконнишин, ки бо мардуми узбак муомилаи хариду фурӯш доштанд, қисме забони узбакиро омӯхтаанд. Аз нажоди узбак ё туркигӯй дар шаҳри Бухоро панҷ ё шаш хонавор мавҷуданд, ки онҳо дар маҳаллаи Дурмани шаҳри Бухоро зиндагонӣ мекунанд ва ба қабоили дурман мансубанд [118]. Ба андешаи ӯ дигар тамоми мардуми шаҳри Бухоро ва навад фоизи мардуми атрофи қарибии шаҳр тоҷик буданд ва тоҷик монданд.

Аз туманҳои Бухоро танҳо тумани Қароқул аст, ки аксарияти томи мардумаш узбек аст. Дар туманҳои Вағонза, Ғиҷдувон, Вобканд, дар баъзе ҷойҳо нисф ва дар дигар ҷойҳо аз нисф ҳам бештари мардум тоҷиканд. Забони модарӣ ва забони муомилаашон тоҷикӣ аст. Аммо баъд аз Инқилоби Бухоро масъалаи забон дар Бухоро ранги дигар гирифт».

Чунин далелҳои овардаи Абдуқодир Муҳиддиновро Абдулвоҳид Мунзим дар мақолаи худ «Забони бухороиён – тоҷикӣ ё ӯзбакӣ?», ки 14

декабри соли 1928 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» чоп шуда буд, ҷонибдорӣ намуда, аз ҷумла чунин менигорад: «Бухороиён марду зан, хурду калон ҳама тоҷикзабонанд.

Ин сухан як даъвои хушку холӣ нест. Чизест, ки ҳаст ва ҳама медонанд. Муҳиддинов А. дар мақолаи дигари худ ки дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» ҳамон сол навиштааст, ба далелҳои таърихӣ исбот мекунад, ки бухороиён тоҷикзабонанд, то ба ҷое, ки тоҷик будани худи бухороиёнро нишон медиҳад. Далелҳое, ки овардааст, гумон мекунем, ки ҳеҷ кас мункир шуда наметавонад. Дар қисмати дуюми мақолаи хеш Абдуқодир Муҳиддинов аз расмӣ гардидани забони туркӣ дар ҶХШ Бухоро бо оҳанги таассуф ёд намуда, дар идома чунин менависад: «Чӣ шуд, ки баъд аз Инқилоби Бухоро масъалаи забон дар Бухоро ба якборагӣ дигаргун шуд, забони ӯзбакиро ҳукумат забони расмӣ, забони дарс ва таълими ӯзбак ва тоҷик шинохт? Сабаб чист, ки Ҳукумати Шуроии Бухоро бо ҳама васила ва роҳҳо кӯшиш намуд, ки забони тоҷикиро аз миён бубарад ва забони туркиро забони тамоми мардуми ӯзбак ва ғайри ӯзбак гардонад?. Чунки мафкураи сиёсие, ки дар замони ташкили Ҷумҳурияти Бухоро ва баъд аз он дер вақт дар фаъолияти коркунандагон ва роҳбарони Ҳукумати Шуроии Бухоро таъсири куллӣ дошт, мафкураи панисломизм ва пантуркизм буд».

Замоне, ки ин мақола ба нашр расид, А. Муҳиддинов натавонист ба саволҳои пешниҳоднамудаи худ ба пуррагӣ ҷавоб гардонад. Чунки, ҳоло ҳам гунаҳгорони асосии ин раванд дар сари қудрат буданд. Аз ин лиҳоз, муаллиф ба ин масъалаҳо хело нозукона ва пардапӯшона муносибат менамуд. Бо ном ҳеҷ кадоме аз пантуркистону узбекгароҳои ашаддиро зикр накардааст.

А. Муҳиддинов аз замоне, ки ба ҳайси раиси Кумитаи инқилобии умумибухороии ҶХШ Бухоро таъин шуд, то ҷое аз ақидаҳои пантуркистӣ даст кашида, бо мақсади риояи принсипи баробарии миллату халқҳои Шуравӣ кӯшишҳо ба харҷ медод. Чун худ, ки тоҷик буд ва беадолатиҳои зиёди зимомдорони вақтро нисбати тоҷикон мушоҳида менамуд, бештар

майли тоҷикгароӣ пайдо мекунад. Аммо ногуфта намонад, ки ҳанӯз аз соли 1919 дар ҳуҷҷатҳо бинобар сабаби пурра дарк накардани мафҳум ва моҳияти миллат худро узбек менавишт. Ин ҳолатро мо ҳатто то арафаи тақсимоти миллию ҳудудӣ мушоҳида мекунем. Тоҷикгароии ӯро аз тирамоҳи соли 1920 инҷониб дида метавон хулоса намуд, ки мавсуф ба ин тарафи масъала чандон таваҷҷуҳ накардааст. Аз тарафи дигар шояд дар сурати дигар кардани миллат ӯро аз доираи сохторҳои давлатӣ дур мекарданд. А. Муҳиддинов мехост дар ҳар вазифае, ки ба уҳдаи ӯ гузошта мешавад, бо масъулият кор карда, бо истифода аз чунин мавқеъ барои миллати худ хидмате ба анҷом расонад. Чунин амалкарди А. Муҳиддиновро дар он замон, ки хело нозуку тақдирсоз буд як чораҷӯйии махсуси ба замона хос номидан мумкин аст.

Муҳиддинов А. пас аз моҳи сентябри соли 1921 оид ба фарҳангу маданият ва таърихи тоҷикон дар матбуоти давр, бо забони тоҷикӣ мақолаҳо ба нашр мерасонд. Ӯ бештар ба тарафҳои баҳсбарангези масъалаҳои ишорашуда дахл намуда, тоҷиконро яке аз халқҳои қадима ва соҳибони аслии Мовароуннаҳр мешумурд. Табиист, ки чунин рафтор ба хӯю хислати пантуркистон писанд набуд ва он боиси баҳсу мунозираи эшон мегардид. Сари ин мавзуъҳо ӯ бештар дар матбуот бо Файзулло Хоҷаев баҳс мекард. Доманаи баҳси эшон то дар саҳифаҳои рӯзномаи «Бухоро ахборӣ» идома ёфта, таваҷҷуҳи хонандагонро ба худ ҷалб менамуд. Мувофиқи навиштаи адиби тоҷик Ҷалол Икромӣ дар рӯзномаи «Бухоро ахборӣ», ки ба ду забон чоп мешуд, «Ф. Хоҷаев ба забони туркӣ (ӯзбекӣ) нависад, А. Муҳиддинов ба забони тоҷикӣ мақола чоп мекард». Ба қавли академик Муҳаммадҷон Шакурӣ «А. Муҳиддинов аз зиёиёни сиёсии тоҷик якумин касе буд, ки дар бораи таърихи халқи тоҷик китоб навиштааст. Китоби ӯ дар бораи таърихи Бухоро дар рӯзномаи ӯзбакии «Бухоро ахбори» [84] ба забони тоҷикӣ дунболадор чоп шуда буд». Ба ин монанд дар саҳифаҳои «Бухоро ахбори» А. Муҳиддинов дар роҳи эҳё ва

шинохти маърифат ва худшиносии миллати хеш ба қавле қаламтозиҳо кардааст.

Мавриди қайд аст, ки А. Муҳиддинов яке аз публисистони сермаҳсул буд. Вай дар 8 шумораи аввали ин рӯзнома 10 мақолаи тоҷикӣ чоп карда, гузашта ва ҳозираи Бухороро бо мисолҳои зиёде муқоиса ва ояндаи накӯи халқ кардааст. Мақолаҳои «Роҳи мо» ва «Чӣ бигзоштанд?» аз қабили ононанд.

Тавре ки маълум аст, соли 1929 барои халқи тоҷик дар самти сохтани пояҳои давлати миллӣ бо ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон боз як заминаи қавии дигаре ба вуҷуд омад. То ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон намояндагони пантуркизм-панӯзбекизм мекӯшиданд, ки давлатдории тоҷиконро дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон маҳдудтар намуда, баъдан бо ҳамин онро дар умқи худ ҳазм ва несту нобуд намоянд. Аз ин хотир, дар роҳи расидан ба ин ҳадаф аз ҳеҷ усулу амале даст намекашиданд. Махсусан, дар барӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 1926 хатокориҳои зиёд намуда теъдоди тоҷиконро дар шаҳрҳои марказӣ, бахусус Самарқанд, Бухоро, Хӯҷанд … кам нишон медоданд. Ӯзбеккунонии тоҷикон бо роҳи сохта авҷ гирифт.

Муҳиддинов А. ба ин падидаи номатлуб ҳам дар соли 1926 ҳангоми баромадҳои хеш ва ҳам соли 1928 дар мақолааш «Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбак?» хело тезу тунд ибрози ақида намуда буд. Аз забони таблиғгарони панӯзбекизм дар мақолаи зикр шуда, чунин меорад: «Мардуми шаҳру атрофи Бухоро дар ҳақиқат ӯзбаканд ва бо ӯзбакӣ сухан мегӯянд» [118] Ба ин андеша бо эҳсосоти баланд чунин посух менависад: «Ин дурӯғи маҳз аст ва инро танҳо касоне мегӯянд, ки болои ҳақиқатро мепӯшонанд». Чи тавре, ки дар саҳифаҳои қаблӣ мушоҳида намудем, дар ин мақола А. Муҳиддинов ба рӯйхатгирии аҳолиро дар соли 1926 ғаразнок ҳисобида, менависад, ки айни ҳол тоҷик гуфтани мардуми Бухоро «гуноҳ» ҳисобида мешавад. Дар китоби омори аҳолии соли 1926 аҳолии Бухоро ва

атрофи онро, ба истисноии як гурӯҳи хурди форсҳо (эрониён) ҳамагӣ узбек нишон додаанд.

Дар Бухоро як қавми хурди форсҳоро тоҷик медонистанду халос. А. Муҳиддинов чун як фарди аз таърих огоҳ ба ин ақида буд, ки форсҳо ва тоҷикон аслан аз як нажоду як қавманд. Инҳоро аз ҳам ҷудо намудан номумкин аст. «Дар Бухоро ҷомеаеро аз тоҷикон таҳрири нуфусчиён мо форс – тоҷик» гуфта қайд кардаанд.

Инҳо кистанд?

Оё ин забон бо забони мардуми дигари Бухоро фарқнок аст? Ё урф ва одати эшон дигар аст? Не! Ё нажод ва гузаштагонашон дигар аст? Не! Инҳо низ монанди дигар мардуми шаҳри Бухоро ва атрофи он ба порси сухан мегӯянд, дар тамоми урф ва одат мисли дигаронанд».

Фарқи онҳо, ба назари ӯ танҳо мазҳабашон: шиа ва суннӣ будан мебошад. Дар ҷараёни барӯйхатгирии аҳолӣ пантуркистон аз мазҳабҳо низ истифода намуданд. Ҳангоми барӯйхатгирии аҳолӣ мутасаддиёни ин кор тоҷиконро ба гумроҳӣ кашида мегуфтанд, ки ҳар нафаре, ки суннимазҳаб аст, пас вай ӯзбек аст ва ҳар нафаре, ки худро тоҷик меҳисобад, пас ӯ пайрави мазҳаби шиа мебошад. Он замон ба мисли рӯзгорони мо равияи шиа дар миёни аксари суннимазҳабон чун равияи муртаду иштибоҳӣ дониста мешуд ва пайравони онро бархе уламои суннимазҳаб кофир мехонданд. Ин ақида асрҳо боз дар зеҳну тафаккури мардум ҷо шуда, насл ба насл то он замон ва то даврони мо омада расидааст. Аз чунин масъалагузорӣ бисёри тоҷикон худро дар ҳуҷҷатҳо ӯзбек номнавис карданд. Ин амалҳои сохтакорона ва қаблан тарҳрезишудаи душманони миллати мо буд. А. Муҳиддинов атрофи ин мавзуъ назари хешро идома дода, ба тариқи зайл фикрҳояшро баён медорад: «Тафовуте, ки доранд, ин аст, ки: инҳо мусулмонҳоеанд, ки ба мазҳаби имом Ҷаъфари Содиқ қоиланду соликони ин мазҳабро шиа мехонанд. Дигар мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро мусулмонеанд, ки мазҳаби Имом Абуҳанифаро қабул кардаанд. Инҳоро суннӣ мешуморанд. Истотикҳои мо сунниро ӯзбак ва

шиаро форс – тоҷик нишон додаанд. Дар муайян кардани миллат мазҳаб чӣ дахл дорад? Инро аз идораи истотистики Ӯзбакистон бипурсед!»[118].

Дар баробари А. Муҳиддинов дигар фарзандони хайрхоҳи миллат, ки исмашонро дар боло зикр намудем, ин барӯйхатгирии аҳолиро маҳкум намуданд. Яке аз онҳо А. Ҳоҷибоев мебошад, ки дар маҷлиси 26 июли соли 1929 пас аз баромади раиси комиссия оид ба масъалаи тоҷикон Макеев риштаи суханро ба даст гирифта, аз ҷумла барӯйхатгирии соли 1926-ро сохтакории ҳукумати ҶШС Ӯзбекистон номид. Ҳамчунин, ӯ дар баромади худ мегӯяд: «Ман исбот мекунам ва мегӯям, ки рӯйхатгирии соли 1926 дар Ӯзбекистон сафсатта аст. Бюрои Осиёимиёнагии КМ ва дигар ташкилотҳои партиявӣ ҳам чунин фикр доранд»[82].

Ин падида барои баъзе идораҳои ҳизбию давлатӣ маълум буд. «... Бюрои Осиёимиёнагии КМ ва дигар ташкилотҳои партиявӣ ҳам чунин фикр доранд» - гуфтани А. Ҳоҷибоев гувоҳи гуфтаҳои болост. Гузашта аз ин бинобар маълумоти ҳуҷҷатҳои бойгонӣ А. Муҳиддинов ин масъаларо дар яке аз мактубҳои пинҳонии худ ба Бюрои Осиёимиёнагии КМ ВКП (б) ва ба ташкилотҳои ҳизбии Осиёи Миёна возеҳтар нишон додааст. Дар мактуб аз ҷумла омадааст: «Зуҳури миллатгароӣ ва шовинизм аз ҷониби кормандони давлатӣ ва ҳифзи нокифояи манфиатҳои миллатҳои камшумор дар баъзе маҳаллҳо ба он оварда мерасонад, ки намояндагони ин миллатҳо мекӯшанд, то мансубияти миллии худро пинҳон намоянд» [7]. Инчунин, дар ин ҳуҷҷат аз ноадолатии рӯирости соли 1926 дар мисоли Хӯҷанд сухан меравад: «Мисоли қобили диққат ва сазовори таҳқиқи амиқу ҷиддӣ дар ин боб масъалаи таъини таркиби миллии музофоти Хуҷанд аст. Бинобар ҳуҷҷатҳои тақсимбандии ноҳия ва маълумоти саршумори соли 1920 бахши асосии аҳолии музофоти Хуҷандро тоҷикон (64,1 фоиз) ташкил дода, фоизи ӯзбекҳо ва дигарон баробари 35,9 будааст. Мутобиқи саршумории соли 1926 теъдоди тоҷикон мутлақан кам шудааст. Назар ба ҳуҷҷатҳои тақсимбандии ноҳияҳо, дар як силсила ноҳияҳо, масалан дар Самарқанд, Бухоро ва ғайра, ки он ҷойҳо забони гуфтор тоҷикист ва тоҷикон аксари

кулли аҳолиро ташкил медиҳанд, аммо дар маълумоти саршумории соли 1926 теъдоди тоҷикон ниҳоят кам сабт гардидааст». Сабаби ин ҳолатро А. Муҳиддинов дар идомаи мактуб ба таври зайл овардааст: «Худ аз худ маълум аст, ки ин ҳолат на аз он ҷиҳат ба вуҷуд меояд, ки тоҷикон аз он ҷойҳо ба ҷои дигар кӯчидаанд ё аз дунё чашм пӯшидаанд, балки чунин вазъият ба туфайли руҳияи шовинистии идораҳои советӣ ва таҳдид ба вуҷуд омадааст. Аҳолии аз лиҳози сиёсӣ начандон худшиносу фаъол мекӯшад, то дар соя худро ҳифз кунад, ва аз ин рӯ, мансубияти миллии худро нодуруст нишон медиҳад»[7].

Аксари масъулини давлатие, ки дар Тошканд аз асли воқеа огоҳ буданд, эшон ё худ пайрави пантуркизм-панӯзбекизм буданд ё дар миёни онҳо монда кореро анҷом дода наметавонистанд. Ш. Шоҳтемур ин мушкилотро дар мактуби худ ба унвонии роҳбарияти давлати Шуравӣ И. В. Сталин аз моҳи майи соли 1926 баррасӣ намуда, аз ҷумла қайд менамояд, ки «Ҳалли масъалаи тоҷик барои тамоми Иттифоқи ҶШС аҳаммияти калонеро дорост. Зеро ба ҷуз Осиёи Миёна тоҷикон қисмати бузурги сокинони давлатҳои ҳамсояро (Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон) ташкил медиҳанд. Аммо Ҳизби Коммунистии Ӯзбакистон ба масъалаи тоҷик вақт ҷудо намекунад, чаро ки худи ташкилотҳои ҳизбии Ӯзбакистон қисман аз унсурҳои дар зери таъсири доираҳои шовинистӣ монда иборатанд. Чунин муомилаи ташкилотҳои маҳаллӣ нисбат ба масъалаи тоҷик хавфноку хатарнок аст.

Агар мо чунин таҳлиле гузаронем, фикрамон боз ҳам маҳфумтар мешавад».

Ӯзбеккунонии тоҷикон солҳои 1927-1929 дар мактабҳои шаҳрҳои марказӣ авҷ гирифт. Ин ҳолатро А. Муҳиддинов дар мактуби дар боло зикршуда бо овардани мисолҳои мушаххас ба таври зерин ифода менамояд: «Яке аз роҳбарони маъруфи маорифи халқ дар мавриди таълим ба забони тоҷикӣ чунин мегӯяд: «Шахсан ман муқобили таълими тоҷикӣ дар 18 боб мактаб ҳастам: Мекӯшем, то алоқадори имкон теъдоди

мактабҳои тоҷикиро кам кунем. Байни муаллимони Самарқанд таблиғот бурдам ва бо ризоияти онҳо ба таълими ӯзбекӣ муяссар шудам. Ба ҳар ҳолат мо барои тоҷикон 5 боб мактабро боқӣ мегузорем. Дар ҷараёни як сол тадриҷан ҳамаи мактабҳоро метавонем ӯзбекӣ кунем» [117]. Ҷои дигар чунин мисол меорад, ки дар Бухоро дар оғози соли таҳсили 1927 – 1928 дар вақти пур кардани анкетаҳо муаллимон «ба хотири пешгирии каҷфаҳмиҳо» ба шогирдон тавсия медоданд, ки миллати худро «ӯзбек» нависанд, бинобар ин муайян намудан душвор аст, ки чанд нафар бачагони тоҷик ба таҳсили ба забони барояшон номафҳум маҷбур карда шуданд [118].

А. Муҳиддинов гуфтааст, ки "ба сурате, ки арз кардам, мардуми тоҷики шаҳр ва атрофи Бухороро узбак мешуморанд, дар мактабҳои ибтидоии онҳо ба забони узбакӣ дарс медиҳанд. Забони расмии идораҳои шурои деҳаҳо ва иҷроияҳои ҷойҳои тоҷикнишини округи Бухоро низ узбакӣ аст. Далелҳое, ки тарафдорони ин фикр дар бобати ин масъала барои исботи муддаои худ меоранд, ё оварданашон мумкин аст, аз инҳо берун нест" [118, с.15]. Ба андешаи А. Муҳиддинов, дар ин марҳилаи ҳассоси таърихӣ тоҷикони муқимиро амдан узбек ҳисобида, забони расмии коргузорӣ низ узбекӣ буд. Агарчи на танҳо ин навиштаҳои А. Муҳиддинов, балки садҳо далоили иҷборан узбек донистани тоҷикони Бухоро мавҷуд аст, муҳиммияти масъалаи мавриди назар дар он аст, ки сиёсатмадори мазкур шоҳиди воқеии ҳаводиси таърихии мазкур аст. Ҳатто то ҷое дар ҷараёни мазкур бевосита ширкат дошт.

Ҳамчунин, А. Муҳиддинов дар мавриди таҳрифи миллати тоҷик ба унвони узбек гуфтааст, ки мардуми шаҳру атрофи Бухоро дар ҳақиқат узбаканд ва бо узбакӣ сухан мегӯянд. Ин дурӯғи маҳз аст ва инро танҳо касоне мегӯянд, ки болои ҳақиқатро мепӯшонанд [118, с.18].

Ба андешаи А. Муҳиддинов, сиёсати давлатии замон тақозо мекард, ки воқеияти таърихӣ таҳриф шавад, амдан тоҷикон узбек хонда шаванд, аммо сиёсатмадори мазкур, воқеъбинона, "дурӯғи маҳз" будани "узбексозиҳои маснуии тоҷикон"-ро ба қалам додааст.

Чунин як муаммо ва вазифаҳоро Ҳукумати Шуроӣ ва Фирқаи Коммунист дар пеши худ нагузошта аст ва нахоҳад гузошт.

Тамсил намудан яке аз шартҳои тараққӣ аст. Агар мардуми тоҷики Бухороро ӯзбак кунем, ба воситаи ин тамсил як иқдом, як хидмати маданӣ карданӣ мешавем.

Тавре ки аз навиштаҳои боло бармеояд аҳолии ш. Бухоро ва гирду атрофи он тоҷикон буданд ва А. Муҳиддинов чунин андешаашро баён мекунад, ки: «мехоҳанд, ки онҳоро ба зӯрӣ ӯзбак кунанд. Ин хатои сиёсӣ дар як вақте карда мешавад, ки Ҳукумати Шуроӣ ёздаҳ сол дар Осиёи Миёна давом мекунад ва мо дар даврае ҳастем, дар миқёси Иттифоқи Ҷумҳуриятҳои Шуроӣ ва дар Осиёи Миёна масъалаи миллӣ ба асоси таълимот ҳал карда шавад»[120]. Яке аз сабабҳои ба чунин аҳвол гирифтор шудани халқи тоҷикро А. Муҳиддинов аз бетафовутии баъзе худиҳо медонад. Ӯ ба ин назар ҳаст, ки барои манфиатҳои шахсӣ шуда, бархе ҳаммиллатони мо баръакс кор мекунанд. Муҳиддинов ба принсипҳои ленинии давлати Шуравӣ махсусан оид ба миллат хело содиқонаю софдилона амал мекард. Аммо дигарон корҳои норавоеро анҷом додаю принсипҳои давлати Шӯравиро вайрон карданду дар ҳамон вақт ҷазо нагирифтанд. Баръакс соҳиби вазифаҳои гуногуни давлатӣ шуданд. А. Муҳиддинов аз он афсӯс мехӯрад, ки дар байни халқи худ, яъне тоҷикон кори «фирқагӣ» (миллатгароӣ)–ро пеш набурдааст. Ҳамаи ин андешаҳояшро ӯ ба тариқи зайл баён медорад: «Оммаи ранҷбарони тоҷикзабони шаҳр ва атрофи Бухоро ҳанӯз ба он дараҷа соҳиби фаъолият нашудаанд, ки дар ин бобат овози худро баланд кунанд. Ин ҳам айб ва нуқсони мост, ки дар байни онҳо ба андозае, ки лозим аст, кори фирқагиро пеш набурдаем. Аз онҳое, ки дар сари кор ҳастанд, қисман ба ҷои мафкураи пантуркизм шакли нави миллатчигиро қабул кардаанд. Бинобар ин, сукут мекунанд ва қисман бардоштани ин масъаларо барои манфиати шахсии худ муносиб ва мувофиқ намешуморанд»[55]. Аз бепарвоии мардум то ҷое бе тафовут будани худ пушаймонӣ намуда, дар идома чунин

менависад: «… афсӯс, ки онҳое, ки барои ин айб ва нуқсони гузаштаи мо ба рӯи мо мезананд ва аз ин роҳ ба мо тааррӯз мекунанд, дар амал он саҳву хиёнатҳоро мудофиа мекунанд ва тақвият менамоянд. Фирқаро лозим меояд, ки ин масъалаи муҳимми сиёсиро ҳал намояд» [120].

Чун мақсади пантуркистон сукути давлатдории тоҷикон буд, ҳарчи бештар кӯшиш менамуданд, ки теъдоди тоҷиконро дар идораҳои болоӣ кам нишон диҳанд. Чаро? Чунки мувофиқи Сарқонуни ИҶШС (с. 1924) шартҳои асосии ташкили ҷумҳуриҳои Шуравӣ сотсиалистӣ дар баробари ҳамсарҳад будан бо зиёда аз як давлати ғайрисотсиалистӣ, инчунин мавҷуд будани бештар аз 1 млн. аҳолӣ ва дар як ҳудуди муайян ҷойгир будани онҳо ба ҳисоб мерафт. Барои ҳамин ҳам ӯзбеккунонии миллати тоҷик дар ин давра хело зиёд авҷ гирифт.

Дар мақолаи хеш «Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё узбек," Абдуқодир Муҳиддинов ба масъалаи пантуркизм дахл намуда, мегӯяд, ки «чаро забони расмии Ҳукумати Шурои Бухоро туркӣ-узбекӣ муқаррар карда шуд?», худаш ҷавоб гуфта, чунин навиштаст: «Дар замони ибтидои ташкили (Ҷумҳурияти) Бухоро се группа ашхос дар сари кор буданд: 1. Туркҳои асири ҷанги умумӣ. 2. Узбакҳои Фарғона ва Тошканд, ки қисми куллии онҳо ҳамфикр ва ҳаммаслаки ҷадидҳои Бухоро буданд. 3. «Мо, ҷадидони Бухоро, ки давраи тарбия ва инкишофи фикрии ибтидоии худро дар доираи инкишофи фикри панисломизм ва пантуркизм дар Осиёи Миёна гирифтем, дер замоне дар таҳти таъсири куллии мафкураи пантуркизм ва панисломизм будем» [118]. Пантуркистҳо мегуфтанд, ки: «Ӯзбакҳо, қирғизҳо, қазоқ, туркман ва ғайри миллатҳое, ки ба ирқи муғул тааллуқ доранд ва ҳар якро имрӯз як миллати мустақили ҷудогона мешуморанд, дар ҳақиқат ҷузъҳои як миллатанд. Тоҷикзабонони Бухоро ҳам дар асл турканд, дар зери таъсири адабиёт ва маданияти Эрон забон ва миллати худро гум кардаанд. Бояд инҳоро боз турк кунем ва аз тамоми инҳо як миллати бузурги турк ба вуҷуд оварем ва як миллати муаззами турк барпо созем» [118]. Дар ин ҷо ба гуноҳи худ иқрор шуда, чунин мегуяд:

«Дар таҳти таъсири ин мафкура ва барои ба вуҷуд овардани ин мақсадҳо мо душмани забони тоҷикӣ будем. Хизматгор ва тарафдори иттиҳоди турк ва забони туркӣ будем» [118, с.8-9].

Дар муқобили ин сиёсат, фарзандони баори миллат ҷонбозиҳои зиёде намуданд, то шумораи миллатро аз 1 млн. бештар нишон диҳанд. Агарчанде ки шумораи тоҷикон дар он вақт бештар аз 2 млн. нафар буд, аммо масъулини идораҳои Ӯзбекистон тоҷиконро камтар аз 800 ҳазор нафар нишон медоданд.

Барои бартараф намудани монеаҳои сунъие, ки ба муқобили халқи тоҷик ташкил намуданд ва шаҳрҳои тоҷикнишинро аз ҶМШС Тоҷикистон берун бурданд, мубориза оғоз шуд. Пеш аз ҳама, бояд Округи Хуҷанд ба Тоҷикистон дода мешуд. Дар ин шаҳр низ намояндагони пантуркизм хеле кор бурда, қисми муайяни аҳолиро узбак навишта буданд ва тибқи барӯйхатгирии аҳолии соли 1926 73% аҳолии шаҳри Хуҷандро мардуми ғайритоҷик ташкил мекарданд.

Дар хусуси тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи Миёна А. Муҳиддинов чунин андеша меронад, ки мутаассифона, пас аз он, ки давлати абарқудрати Сомониён завол ёфта, қудрати тоҷикон дар Мовароуннахр ба поён расид, дар муддати 905 сол аз ҳокимияти сиёсӣ маҳрум шуданд. Дар натиҷаи ҳуҷумҳои пайиҳами аҷнабиёни турку муғул дар тӯли асрҳои минбаъда тоҷикон макони зисти худ, марказҳои ободи мадании хешро тарк намуда, ба кухҳои дастнорас ва қалъаҳо ҳиҷрат карданд. Пас аз маҳкумият ва маҳрумиятҳои тӯлонӣ давлати синфи коргару деҳқон, давлати адолатпешаи шуравӣ ба кӯмаки онҳо омада, соҳиби давлати худ гардонид ва имконоти калон дод.

Таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон имкон дод, ки мардуми заҳматкаши тоҷик аз тадбирҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии давлати шуравӣ ба таври васеъ истифода кунанд ва ҳаёти нави иқтисодиву фарҳангии хешро оғоз бахшанд.

Хизмати А. Муҳиддинов дар арафа ва ибтидои фаъолияти ҶМШС Тоҷикистон дар он зоҳир гашт, ки ӯ дар тамоми маъракаҳои омодагӣ ба таъсиси ҶМШС Тоҷикистон, дар давраи кӯчонидани Ҳукумат аз шаҳри Тошканд ба Душанбе, дар бунёди аввалин сохторҳои ҳукумати нав фаъолона ширкат намуда, дар давраи мавҷудияти ҳукумати инқилобӣ (1924-1926) дар идоракунии кишвар саҳми калон гузошт.

# БОБИ III. ФАЪОЛИЯТИ АБДУҚОДИР МУҲИДДИНОВ ДАР ДАВРАИ МАВҶУДИЯТИ ҶМШС ВА ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ ТАЪСИСИ ҶШС ТОҶИКИСТОН (1924-1934)

## 3.1. Нақши Абдуқодир Муҳиддинов дар рушду нумӯи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҶМШС Тоҷикистон.

Дар рафти омодагӣ ва баргузории тақсимоти милливу марзии Осиёи Миёна барои созмон додани давлати шуравии тоҷикон шароити мусоид ба миён омад. Дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ, ки дар он ҷо асосан тоҷикон маскун буданд, бо қарори КИМ-и Умумибухороӣ вазъияти фавқулодда барҳам дода шуда, сохторҳои демократии давлатӣ таъсис ёфтанд. 7 июли соли 1924 дар ҷаласаи васеи Комиссияи фавқулоддаи диктаторӣ ва Кумиҷроияи вилоятии Душанбе бо ширкати кормандони масъул ва намояндагони Ҳукумати Бухоро фаъолияти Комиссияи фавқулоддаи диктаторӣ ва Кумиҷроияи вилоятии Душанбе қатъ карда шуда, муваққатан, то даъвати съезди якуми Шуроҳо КИМ-и Бухорои Шарқӣ таъсис дода шуд.

Аз 1 то 5 сентябри соли 1924 дар шаҳри Душанбе съезди якуми вакилони халқи Бухорои Шарқӣ баргузор шуд, ки дар он 173 вакил ширкат намуданд. Анҷуман доир ба масъалаҳои муҳим: дар бораи пурра нест карда шудани босмачигарӣ ва барқарор намудани хоҷагии деҳот, созмон додани шуроҳо ва тақсимоти милливу марзии Осиёи Миёна қарорҳо қабул кард. Дар ҳамин съезд, бо назардошти он, ки аксари аҳолии Бухорои Шарқиро тоҷикон ташкил мекунанд, дар ҳудуди минтақа забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ қабул карда шуд.

Давраи омодагӣ ба тақсимоти милливу марзии Осиёи Миёна замони тақдирсоз ва хеле душвор буд. Дар шароити душвори нарасидани кадрҳои саводноки миллӣ ва паҳн шудани пантуркизм мубориза барои таъсиси ҷумҳурии ҳатто мухтор хеле вазнин ва пурмасъулият буд.

Тавре профессор Н. Ҳотамов зикр мекунад: «аз роҳбарони давлатҳои Туркистону Бухоро танҳо се нафар Ф. Хоҷаев, А. Раҳимбоев ва Т. Рисқулов (қазоқ) бевосита ба роҳбарони болоии давлати Шуравӣ В. И. Ленин ва И. В. Сталин муроҷиат карда метавонистанд» [134].

Дар адабиёти илмии Тоҷикистон дар хусуси ба ҳайати комиссияи тақсимот шомил будани А. Муҳиддинов чизе гуфта нашудааст. Вале муҳаққиқ Б. Эргашев дар мақолаи хеш овардааст, ки А. Муҳиддинов 28 апрели соли 1924 бо қарори Бюрои осиёимиёнагии КМ Ҳизби Коммунистии (б) Умумироссиягӣ ба ҳайати Комиссияи маркази коркарди масоили марбут ба тақсимоти Осиёи Миёна шомил карда шуда буд. Дар бораи таассуроти хеш аз ин давра А. Муҳиддинов чунин менависад: «Натиҷаи саҳвҳо, хато ва хиёнатҳои сиёсие, ки дар замони давоми Ҷумҳурияти Бухоро таҳти таъсири мафкураи пантуркизм ва панисломизм ба вуҷуд омада буд, чун мерос ба Ӯзбакистон расид. Ин хато ва хиёнатҳои сиёсӣ, ки аз Ҷумҳурияти Бухоро ба Ӯзбакистон чун мерос расид, аз тарафи Ӯзбакистон ислоҳ карда нашуд, балки тақвият ёфт» [134, с. 8-9].

Комиссияҳои миллӣ вазифадор буданд, ки лоиҳа ва дархостҳои худро оид ба марзу буми вилоят ва ҷумҳуриҳои ташкилшаванда то 12 август бояд тайёр кунанд. Чунки аз 21 август тасдиқи лоиҳаҳо оғоз меёфт. То 15 августи соли 1924 ягон хел комиссияи тоҷикӣ вуҷуд надошт. Аз 16 август комиссияи тоҷикӣ бо ташаббуси Бюрои Осиёимиёнагии КМ ҲК (б) Русия ташкил шуд. Ба комиссия А. Ҳоҷибоев (раис), Ч. Имомов ва М. Саидҷонов (аъзо) шомил буданд.

Вобаста ба ин масъала А. Муҳиддинов дар рисолаи худ чунин менависад: «Ба андозае, ки усул ва асоси ҳокимияти шуроии дар хоки ҷумҳуриятҳои шуроии Туркистон, Бухоро ва Хева истеҳком ёфт, ба ҳамон андоза фаъолияти сиёсӣ ва иҷтимоии миллатҳои Осиёи Миёна ҳам зиёда гардид. Меҳнаткашҳои Осиёи Миёна иқтизо намуданд, ки ҳудудҳои ҷуғрофияи ҷумҳуриятҳо ба ҳудудҳои миллӣ мубадал гардад, бинобар хоҳиши ранҷбарони ҷумҳуриятҳои Осиёи Миёна, тақсимоти миллӣ ва

ҳудудҳои нав ва ҷумҳуриятҳои миллӣ ба вуҷуд овардан зарур дошта шуд» [55, с.47-48]. Дар таърихи 19 ноябри соли 1924 маҷлиси калони Кумитаи иҷроияи марказии Бухоро муқаррар ва эълон кард, ки аз ин рӯз эътиборан Ҳукумати шуроии Бухоро ғундошта шуда, ҳокимият аз рӯйи ҳудудҳои миллӣ ба ҷумҳуриятҳои Ӯзбекистон, Туркманистон, Тоҷикистон тааллуқ меёбад. Монанди ин қарорнома аз тарафи ҷумҳуриҳои Хива ва Туркистон низ эълон гардид. Бо ин сурат, Ҷумҳурияти шуроии Бухоро ғундошта шуда, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, асоси расмӣ гузошта шуд.

Моҳи декабри соли 1924 "роҳбарони Ҳукумати Тоҷикистони мухтор дар ҳайати Н. Махсум, Ёрмуҳаммедов, А. Муҳиддинов ва Раҷабов аспсавор ба Тоҷикистон меоянд. Дар ин сафар сари роҳ аз мавқеи пойтахти ояндаи Тоҷикистон деҳаи Душанбе дидан мекунанд. Дар бойгонии давлатӣ таҳти рақами 030423 сурате бо номи «дар роҳ ба сӯйи Душанбе» мавҷуд аст, ки аз гуфтаҳои боло шаҳодат медиҳад" [130, с.112-113].

Дар натиҷаи тақсимоти миллии ҳудудии Осиёи Миёна дар соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Барои муваққатан идора намудани ҷумҳурӣ, таъсис ва пурқувват намудани дастгоҳи идоракунӣ дар марказ ва маҳалҳо, тайёрӣ ба даъват намудани Анҷумани Муассисони умумитоҷикии Шуроҳо бо қарори Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Узбекистон аз 26 ноябри соли 1924 мақомоти муваққатии Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон таъсис дода шуда, аз 5 феврали соли 1925 Кумитаи иҷроияи марказии Бухорои Шарқӣ барҳам дода шуд. Дар ҷаласаи аввалини Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум раис ва Абдуқодир Муҳиддинов ҷонишини раиси Кумитаи Инқилобии Тоҷикистон интихоб шуданд.

Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон пайваста ба маъракаи созмон додани мақомоти идории сохти нав шуруъ кард. Моҳҳои апрелу майи соли 1925 мансабҳои амлокдор ва оқсақол барҳам дода шуда, салоҳияти онҳо ба мақомоти нави шуравӣ вогузор карда шуданд. Бо мақсади наздик намудани аҳолӣ бо мақомоти нави шуравӣ моҳи октябри

соли 1925 тамоми ҳуҷҷатгузорӣ ба забонҳои маҳаллӣ гузаронида шуд. Забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва узбекӣ давлатӣ эълон карда шуданд. Пурқувват кардани шуроҳои маҳаллӣ, ҷалби қишри васеи аҳолӣ ба сохтмони давлати нави шуравӣ дар шароити ҷумҳурӣ бо масъалаи милликунонии дастгоҳи иҷроияи ҳокимият вобаста карда шуда буд.

Дар давоми солҳои 1924-1925 ва нимаи аввали соли 1926 дар ҷумҳурӣ муборизаи беамон барои барҳам додани босмачигарӣ идома дошт. Дар давраи аввали баргузор намудани даври аввали маъракаи зарбдор ба муқобили босмачиён аз 18 апрели соли 1925 дар тамоми марзи ҷумҳурӣ вазъияти ҳарбӣ эълон карда шуда буд, ки демократикунонии ҷамеаро маҳдуд мекард. Бо вуҷуди ин, дар чунин шароити душвор ташкилоти ҳизбӣ ва ҳукумати ҷумҳурӣ тамоми кӯшишро барои ҷалби деҳқонон ба тарафи ҳокимияти шуравӣ равона намуда буданд.

Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон қарор қабул намуд, ки моҳҳои октябр-ноябри соли 1925 бо мақсади ба ҷои кумитаҳои инқилобӣ таъсис додани шуроҳо дар маҳалҳо интихобот барпо намояд. Интихобот нишон дод, ки аҳолӣ оҳиста оҳиста ба ҳукумати шуравӣ бовар менамояд.

Абдуқодир Муҳиддинов, ки дар ин маъракаҳо фаъолона ширкат менамуд, хуб дарк мекард, ки барои сохтани ҷомеаи нав пеш аз ҳама худшиносии миллии мардумро баланд бардоштан ва аз зери таъсири пантуркизм баромадан лозим аст.

Пас аз баргузор шудани Анҷумани аввалини Муассисони Кумитаи Иҷроияи марказии ҶМШС Тоҷикистон дар моҳи декабри соли 1926 салоҳияти А. Муҳиддинов боз ҳам зиёд гашта, ӯ шахси дуввум – Раиси Шурои Комиссарони халқи ҶМШС Тоҷикистон интихоб мешавад.

Дар натиҷаи интихоботи саросарии соли 1926 дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон ба ҷои кумитаҳои инқилобӣ 248 шурои деҳот, 18 кумитаи иҷроия дар кентҳо (ҷамоатҳо), 28 кумитаҳои иҷроия дар туманҳо, 2 кумиҷроия дар ноҳияҳо ва 7 кумиҷроияи вилоятӣ интихоб карда шуданд.

Ба ҳайати шуроҳо аксаран намояндагони халқи камбизоат интихоб гардиданд.

Пас аз интихоботи маҳалҳо интихоботи ҷумҳуриявӣ баргузор шуд. Аз 1-ум то 12-уми декабри соли 1926 дар таърихи Тоҷикистон Анҷумани Муассисони Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон баргузор шуд, ки барои рушди минбаъдаи давлати навини Тоҷикистон заминаи мустаҳкам гузошт. 1-уми декабри соли 1926 Анҷумани шуроҳо эъломияро дар бораи таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ва ворид шудани он тавассути ҶШС Узбекистон ба ҳайати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ қабул намуд. Дар эъломия зикр шуда буд, ки танҳо дар натиҷаи Инқилоби Октябри Россия ва инқилоби сентябри соли 1920 дар Бухоро халқҳои Осиёи Миёна имкон пайдо намуданд, ки мутобиқ ба принсипҳои асосии давлати шуравӣ тақдири хешро худашон муайян намоянд.

Анҷуман ба ҷои Кумитаи инқилобӣ, ки то ин дам мақоми олии давлатии Тоҷикистон буд, Кумитаи иҷроияи марказӣ ва Шурои Комиссарони Халқи Тоҷикистонро интихоб кард.

Дар ҳамин анҷумани тақдирсоз Абдуқодир Муҳиддинов Раиси Шурои Комиссарони Халқи ҶМШС Тоҷикистон интихоб карда шуд. Дар анҷуман номзадҳо ба аъзогии Шурои миллатҳои КИМ ИҶШС муайян карда шуданд, ки дар баробари Чинор Имомов, Б. Додобоев, А. Ёрмуҳаммадов, И. Исмоилов ва А. Мавлонбеков номзадии Абдуқодир Муҳиддинов низ буд. А. Муҳиддинов дар ҳамин анҷуман ба Раёсати КИМ-и Тоҷикистон низ шомил шуд.

Минбаъд, ҳама дигаргуниҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангие, ки дар Тоҷикистон сурат мегирифтанд, бо номи А. Муҳиддинов низ марбут буданд.

Интихоботҳо ба Шуроҳо, ки дар давоми солҳои 1927- 1928, 1928- 1929 дар маҳалҳо ва марказ гузаронида шуданд, гувоҳи он буданд, ки мардуми оддӣ ба ҳокимияти нав бештар майл мекунад ва ба он боварӣ дорад. Ин интихоботҳо бо ширкати баланди мардум гузашта, ба мустаҳкам шудани

иттифоқи байни деҳқонони бенаво, кироя ва миёнаҳол, ба муборизаи ягонаи онҳо бар зидди босмачигарӣ мусоидат карданд.

Моҳҳои июн ва июли соли 1927 дар ҷумҳурӣ якмоҳаи пурзӯр намудани кори шуроҳо гузаронида шуд, ки дар натиҷаи он ҳайати шуроҳо аз шахсони шубҳанок тоза карда шуда, шахсони арзанда ворид карда шуданд.

Дар баробари ҳалли масоили муҳимми иқтисодиву фарҳангӣ, КИМ Тоҷикистон ба масъалаи сохтмони давлати миллӣ эътибори ҷиддӣ дод. Дар ҳамин давра дар ҷумҳурӣ аввалин НОБ, корхонаҳои саноатӣ ва муассисаҳои фарҳангу маориф бунёд шуданд.

Ҳамин тариқ, дар замони мавҷудияти ҶМШС Тоҷикистон корҳои бузурге анҷом дода шуданд, ки рушди минбаъдаи ҷумҳуриро муайян карданд. Абдуқодир Муҳиддинов ҳамчун роҳбари ҳокимияти олии иҷроияи ҷумҳурии мухтор дар ин дастовардҳо саҳми бузург дошт.

Дар замони душвори оғози нимаи дуюми солҳои 20-ум А. Муҳиддинов ба масоили маориф ва фарҳанг низ диққати ҷиддӣ медод. Вай дар таҳия ва нашри асари «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод С. Айнӣ низ саҳми калон дорад. «Пас аз таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон, чи тавре дар боло зикр намудем, А. Муҳиддинов ҳамчун муовини раиси Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон хуб дарк намуда буд, ки барои давлатсозӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ аз гирдоби хонумонсӯзи пантуркизм мебояд ҳисси худшиносии миллии ҷомеаро баланд бардошт» [83].

Дар бораи замони сарвазирии А. Муҳиддинов ва дӯстии ӯ бо устод Айнӣ муаррихи узбекистонӣ Баҳодур Эргашев дар мақолаи хеш бо номи «Аввалин сарвазири Тоҷикистон» [140] маълумот додааст.

Яке аз вазифаҳои муҳимми роҳбарони ҳукумати онвақтаи ҷумҳурӣ бунёди асоси қотеъ барои ба ҷумҳурии мустақили шуравӣ мубаддал намудани Тоҷикистон буд. Бинобар ин, онҳо аз устод Айнӣ хоҳиш намуданд, ки ӯ намунаи адабиёти тоҷикро омода созад. Тавре ки худи устод С. Айнӣ менависад: «Дар баҳори соли 1925 – баъд аз таъсис ёфтани

Ҷумҳурияти Автономии Советии Тоҷикистон бо ҳукумати вай шартнома баста, ба навиштани «Намунаи адабиёти тоҷик» даромадам ва дар ҳамон сол тамом кардам. Ин асар 40 ҷузъи чопӣ буда, дар вай намунаҳои ҳазорсолаи адабиёти тоҷик (аз аввалҳои асри 10 то замони худамон) дарҷ шудаанд. Ин асар дар соли 1926 бо харҷи ҳукумати Тоҷикистон дар Москва аз тарафи Нашриёти марказии халқҳои СССР нашр шуд»[27, с.79]. Дар нашри нави китоб, ки бо мақолаи писари адиб Камолиддин Айнӣ анҷом меёбад, К. Айнӣ дар яке аз иқтибоси хеш меорад, ки "соли 1924 дар ҳайати Ҷумҳурии Шуроии Сусиёлистии Ӯзбекистон Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон бунёд шуд. Дар ин замон бо пешниҳоди нахустин раиси Шурои Комиссарҳои Тоҷикистони мухтор Мирзо Абдулқодири Муҳиддин Ҳукумати Тоҷикистон ба Садриддин Айнӣ мурочиат кард ва пешниҳоди Садриддин Айниро дар тадвину таҳияи китоби "Намунаи адабиёти тоҷик" ҷонибдорӣ намуда, қарор дод тадвини ин китобро ба расмият даровarad»[28]

Худи Айнӣ чанд маротиба дар бораи таъкид ва хоҳиши А.Муҳиддинов дар бораи навиштани ин китоб таъкид кардааст. Китоби мазкури С.Айнӣ намунаи шеърҳои 212 адибони Варорудро гирд овардааст. Ҳадаф аз таҳияи ин асари арзишманди устод Айнӣ, ки дар ибтидои ин шоҳкории адабиёт, ки аз ҷониби муаллифи он оварда шудааст, чунин будааст: «Аз бозе ки вақоеъро таърих қайд мекунад, то имрӯз дар диёри Мовароуннаҳр ва Туркистон, чунонки як қавми муаззам ба номи «тоҷик» ё «тозик» истиқомат дорад, ҳамчунон забону адабиёти эшон ҳам ривоҷ ёфта омадааст. Ривоҷи забону адабиёти тоҷик дар Мовароуннахр ва Туркистон махсус ба асре ё тасаллути подшоҳе ва амире нест» [28,с.9]. Тавре мо мушоҳида мекунем, илму адаби форсӣ-тоҷикӣ дар сарзамини Осиёи Миёна ва Хуросон дар замони давлатдории Сомониён, ки тоҷикони асил буданд, равнақу рушд намуда буд. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар давраи пас аз суқути давлати овозадори Сомониён адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар қаламрави Варороду Хуросон дар замони давлатдории Муғулҳо, Темуриён,

Шайбониён, Ҷониён (Аштархониён) ва дар давраи Аморати Бухоро, ки сулолаи манғитиҳои узбек ҳукмрони мекарданд, идома ёфта рушд намудааст. Бо дар назардошти ин, қайд намудан бамаврид аст, ки пешрафти забону адабиёти мардуми мо дар ин сарзамин тавассути сиёсати фарҳангпарваронаи сулолаи Сомониён ва мардуми бумӣ будани тоҷикон дар дарозои беш аз ҳазор сол рушд намуда, то бунёди ҳукумати Шуравӣ идома ёфтааст.

Бо гузашти беш аз сад соли таълифи асари арзишманди устод Садриддин Айнӣ таҳти унвони “Намунаи адабиёти тоҷик» мо гуфта метавонем, ки ин китоби мондагор дар ташаккули худшиносию худогоҳии миллӣ ва ифтихори ватандории миллати мо нақши калиди бозидааст. Поягузори адабиёти навини тоҷикон С. Айнӣ бо таълифи ин асар дар ҳақиқат рисолати бузурги таърихии худро барои шинохти таъриху адаби мо анҷом доданд. Ин асар дар баробари китоби “Тоҷикон”-и Б.Ғафуров яке аз нодиртарин асарҳои илмӣ дар асри XX мебошад. Аҳамияти илмӣ ва тарихии ин асари устодро ба инобат гирифта, А. Муҳиддинов дар нашри он саҳми калон гузошт.

Дар рушди иқтисодӣ, иҷтимои ва фарҳангии Тоҷикистони навтаъсис дар солҳои 20-30-и асри XX саҳми шахсии А. Муҳиддинов назаррас мебошад.

Дар давоми солҳои мухторияти Тоҷикистон А. Муҳиддинов ҳамчун шахси дуюми роҳбарияти ҷумҳурӣ фаъолият намуда, дар муборизи бо босмачигарӣ, бунёди сохтори нави сиёсӣ иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар, бахусус дар ҷараёни маҳви бесаводӣ хизмати шоиста намудааст.

Дар ин давра дар Тоҷикистон бисёр муассисаҳои таълимиву фарҳангӣ бунёд гаштанд.

Соли 1927 дар назди ҳукумати ҷумҳури комиссияи махсус дар бораи омодагӣ ба ҷашни 10 солагии Инқилоби октябр таъсис дода шуда буд, ки онро А. Муҳиддинов сарварӣ мекард. Мувофиқи суратҷаласаи яке аз ҷаласаҳои ин комиссия, ки дар арафаи ҷашн баргузор шуда буд, “то 7

ноябри соли 1927 сохтмони Хонаи Деҳқон (собиқ театри драмавии ба номи В. Маяковский, ки имрӯз бардошта шуд), Хонаи Комиссарони Халқ, Хонаи Комиссариати халқии молия ба истифода дода шуданд. Ҳамзамон Дар маҳалҳо: дар Қурғонтеппа як бинои истиқоматӣ, дар Сарой Камар як бинои мактаби дусола, беморхона бо 15 кати хоб, як хобгоҳ, дар вилояти Кӯлоб – беморхона, мактаби сесола ва хобгоҳ, дар Фархор – мактаби дусола, дар вилояти Ғарм – мактаби сесола, мактаби дусола ва беморхона, дар вилояти Ҳисор – дар Чиптура як мактаб бунёд ва ба истифода дода мешуданд [18]. Тавре мебинем, навгониҳо дар ҷумҳурӣ аз ҳамон солҳо оғоз шуда буд.

Қарори дигари Шурои Комиссарони Халқи Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки маҳз дар давраи мухторият ба ҷашну идҳои нав асос гузошта шуда буд. Ҷаласаи № 19 ШКХ Тоҷикистон зери раисии А. Муҳиддинов аз 25 январи соли 1928 дар мувофиқа бо Кодекси меҳнати Тоҷикистон барои соли 1928 рӯзҳои идро дар ҷумҳурӣ муайя кард, ки мувофиқи он 1 январ – рӯзи соли нав, 22 январ – рӯзи мотам ба хотири қурбониёни якшанбеи хунини соли 1905, 12 март – рӯзи заволи мутлақияти подшоҳии рус, 8 март – рӯзи коргарзанон (занон дар ин рӯз ду соат кам кор мекарданд), 15 март – рӯзи таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, 1 май – рӯзи интернатсионалистон, 6 июн - рӯзи Конститутсияи ИҶШС, 7-8 ноябр – рӯзи ғалабаи Инқилоби октябр муайян карда шуда буд [19].

Тибқи протоколи рақами 2-и Пленуми сеюми Шурои иқтисодии Осиёи Миёна аз 2 июни соли 1927 Абдуқодир Муҳиддинов ба ҷои Нусратулло Махсум ба ҳайати ин Шуро пазируфта шуд [20]. Ӯ дар ҳайати он фаъолият намуда, дар рушди минбаъдаи ҷумҳурӣ саҳм гузошт.

Дар давраи фаъолияти А. Муҳиддинов ҳамчун раиси Шурои Комиссарони Халқи Тоҷикистони мухтор, бо назардошти ҷумҳурии аграрӣ будани он, диққати асосӣ ба ин соҳа равона шуда буд. Маҳз дар ҳамин давра ба ҷумҳурӣ аввалин тракторҳо ворид шуданд. Соли 1925 нахустин маротиба 6 трактор ба кор оғоз намуд. 16 феврали соли 1926 қарори

Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон дар бораи механиконии хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ қабул карда шуд. Дар ин давра барқароркунии хоҷагии қишлоқ ва рушди муносибатҳои истеҳсолии сотсиалистӣ аз мақсади асосӣ ҳисоб мешуданд.

Оҳиста-оҳиста дар ҷумҳурӣ нишонаҳои саноати замонавӣ низ пайдо шуданд. То соли 1929 шумораи коргарон ва хизматчиён дар хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба 28 ҳазор нафар расида, аз он 3,4 ҳазор дар соҳаи саноат машғули кор буданд, зиёда аз 7 ҳазор дар сохтмон, 5 ҳазор дар соҳаи аграрӣ, 1, 3 ҳазор дар соҳаи нақлиёт ва алоқа хизмат менамуданд.

Дар солҳои мухторият маблағи калон аксар ба соҳаи нақлиёт ва роҳ ҷудо карда мешуд, зеро бе ин соҳа рушди соҳаҳои дигар душвор буд. Масалан, дар солҳои 1925-1926 аз буҷаи давлатӣ маблағи аз ҳама калон 1млн. 944 ҳазор рубл барои сохтмони роҳҳои автомобилгард ва 6 млн. 200 ҳазор барои сохтмони роҳи оҳан ҷудо карда шуд.

Табиист, ки сохтмони роҳҳо дар ҷумҳурӣ зери назари доимии сарвазири кишвар А. Муҳиддинов қарор дошт. 6 апрели соли 1926 Шурои меҳнат ва мудофиа дар хусуси сохтмони роҳи оҳани Тирмиз-Душанбе бо дарозии 225 километр қарор қабул кард. Маблағи сохтмон пурра аз буҷаи марказ таъмин карда шуд. Сохтмон 24 июни соли 1926 оғоз шуда, сеюним сол давом кард.  Охири соли 1928 Абдуқодир Муҳиддинов ба ҳайси раиси Шурои Комиссарони Халқи ҷумҳурӣ ба корхонаҳои Москва мактуб ирсол намуда, хоҳиш намуд, ки барои Тоҷикистон кадрҳои соҳаи роҳ ва сохтмончиёни онро омода кунанд. 10 сентябри соли 1929 сохтмони роҳ ба охир расида, 11 сентябри ҳамон сол дар вазъияти ботантана ба кор оғоз намуд. Ин воқеаи муҳим барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти Тоҷикистон мусоидат намуд ва шароитҳои хуберо имконпазир гардонид.

То охири соли 1928 дар ҷумҳурӣ сохтмони роҳи мошингарди Душанбе-Қурғонтеппа-Кӯлоб ба охир расонида шуда, нақшаи сохтмони роҳи Душанбе то Хоруғ ба нақша гирифта шуд. Маҳз дар ҳамин давра алоқаи

ҳавоии Тоҷикистон бо марказҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба роҳ монда шуда, телефон ва телеграф алоқаро таъмин намуданд.

Дар ҳамин давра дар ҷумҳурӣ коллективонии хоҷагиҳо ба колхозу совхозҳо оғоз шуда, тахти роҳбарии А. Муҳиддинов амалӣ мешуд. Натиҷа чунин буд, ки то 1 октябри соли 1929 дар кишвар 209 колхоз, ки 2888 ҳоҷагиро муттаҳид карда буданд, ташкил карда шуданд.

Дар замони мухторият диққати ҷиддӣ ба соҳаи маориф барои маҳви бесаводӣ дода мешуд. Аз ин хотир, съезди якуми муассисони ҶМШС Тоҷикистон охири соли 1926 Эъломияи “Ҷорӣ намудани таълими умумии меҳнаткашон дар ҶМШС Тоҷикистон” ва қарор “Дар бораи ҳуқуқи занони меҳнакаш” – ро қабул намуд. Ин тадбирҳо имкон доданд, ки дар ҷумҳурӣ дар давоми солҳои мухторият қадами устувор барои маҳви бесаводӣ гузошта шавад. Ин ҳама тадбирҳо зери роҳбарии А. Муҳиддинов амалӣ гашта буданд.

Хизмати бузурги А. Муҳиддинов дар ин давра дар он аст, ки ӯ дар қатори дигар ашхоси сарсупурдаи миллат барои ба ҷумҳурии мустақил дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ мубаддал шудани Тоҷикистон ҷонбозиҳои зиёд намудааст. Дар давоми солҳои 1924-1929 Абдуқодир Муҳиддинов дар бунёди иншоотҳои саноатӣ, мактабу китобхонаҳо ва дар бунёди сохти нави колхозӣ саҳми назаррас гузошт.

Хизмати дигари А. Муҳиддинов дар он аст, ки ӯ ба навиштани таърихи навини Тоҷикистон асос гузоштааст Асари ӯ «Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Уктобр чӣ дод?- ро оғози таърихнависии муосири Тоҷикистон арзёбӣ кардан мумкин аст, зеро ин аввалин асарест, ки таърихи ду соли аввали мавҷудияти Тоҷикистонро ба қалам додааст. Рисолаи Абдуқодир Муҳиддинов «Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Уктобр чӣ дод?» далели возеҳ ва роҳнамое барои хонандагону муҳаққиқон роҷеъ ба фаъолияти давлатӣ, ҳизбӣ ва сиёсии А. Муҳиддинов низ мебошад.

Ин рисола ду соли аввали фаъолияти иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар бар мегирад ва асари басо пурарзиш мебошад.

Рисолаи мазкур соли 1927 аз тарафи «Нашриёти давлатии Тоҷикистон», ки дар Самарқанд ва Душанбе фаъолият дошт, интишор гардидааст. Рисола дар Самарқанд чоп шуда, аз 3 бобу 67 саҳифа иборат аст. Асар ба муносибати даҳсолагии инқилоби Октябр таълиф шуда, ҳадаф ва мақсаду муҳтавои он дар сарсухан «Аз тарафи Комисияи ташкилкунандаи иди «Даҳсолаи Октябр» дар Тоҷикистон» чунин баён шудааст: “Инқилоби Октябр чӣ гуна ба вуҷуд омад ва инқилобро кадом синф кард ва мақсад аз инқилоб чӣ буд ва инқилоб ба синфи ранҷбарон чӣ фоидаҳо бахшид ва ба муқобили инқилоб кадом синфҳо мубориза карданд ва чӣ гуна дар натиҷаи ба Ҳукумати Шуроӣ мувофиқ ва комёб гардид ва дар Бухоро чӣ гуна инқилоб шуд, амир гурехта ва тарафдоронаш босмачигариро чӣ гуна ва барои чӣ мақсад ташкил намуданд; дар натиҷа ҳукумати Шуроӣ – фуқарои ранҷбар бо кадом роҳ босмачигариро несту нобуд кард ва ҳукумати Шуроии Ҷумҳурияти Тоҷикистон чӣ гуна ба вуҷуд омад ва барои ранҷбарони тоҷик барпо шудани ҷумҳурияти миллии тоҷик чӣ фоидаҳо бахшид».

Сабаби иншои рисоларо муаллиф чунин зикр кардааст: «Аз ин масъалаҳо ранҷбарони Тоҷикистон ба андозае, ки барои ҳар як ранҷбар донистанаш зарур аст маълумот надоранд ва барои синфи ранҷбар лозим ва зарурист, ки ҳукумати синфии вай чӣ гуна барпо шуд, дӯст ва душмани синфии он кист ба хубӣ бидонад».

Ва ҳадафи рисоларо чунин шарҳ додааст: «Ин мақсадро мулоҳиза намуда, ин масъалаҳоро мулоҳиза намуда, комиссияи ташкилкунандаи иди «Даҳсолаи Октябр» дар Тоҷикистон, лозим донист, ки як рисолаи мухтасар дар ин боб навишта, дар байни ранҷбарони Тоҷикистон нашр карда шавад. Бо андозае, ки мумкин аст, забон, таркиби калимаҳо ва мазмуни рисола равон ва фаҳмиданаш осон шавад. То ин, ки хонандаҳои камсавод ба осонӣ

бихонанд ва онҳое, ки бесавод ҳастанд, шунида мақсадро ба хубӣ бифаҳманд».

Агарчи рисола бо супориши Комиссияи мазкур таълиф шудааст ва пешгуфтор аз номи он оварда шудааст, дастаҷамъӣ набуда, танҳо ба қалами Абудуқодир Муҳддинов тааллуқ дорад. Инро аз дохили матн муайян кардан мумкин аст, аз ҷумла мегӯяд: "Ин як хулоса аст, ки аз усул ва вопаси ҳукуматдории амир навиштаам, тафсилотро андозаи ин рисола ғунҷоиш надод, бошандагони хоки Бухоро ва онҳое, ки аз усули ҳукуматдории амир хабар доранд, медонанд, ки онҳо навиштаам андаке аз бисёр аст".

Чунон, ки зикр шуд, рисола аз се боб иборат буда, боби якум "Инқилоби октябр" унвон дорад ва аз чунин зербобҳо фароҳам шудааст: Сабабҳое, ки боиси ба амал омадани инқилоби сотсиалистӣ дар Русия гардиданд; Ҷунбиши инқилобии соли 1905, ҷанги шаҳрвандӣ ва аз тахт сарнагун шудани подшоҳи Русия; Роҳбарии ҳизби коммунистӣ оид ба Инқилоби Октябр; ва шикасти ҳукумати буржуазии сарватмандон ва ташкил гардидани Ҳукумати Шуравӣ; Муҳтавои тезисҳои В.Ленин оид ба и "Вазифаи меҳнаткашон дар инқилоб", Меҳнаткашон ба сари ҳукумат. Боби дувум Инқилоби Бухоро аз зербобҳои "Ҷанги соли 1868 ва тобеъ шудани Бухоро ба Русия", "Асос ва тарзи ҳокимиятдории амир", "Инқилоби февралӣ дар Руссия ва нуфузи он дар Аморати Бухоро", "Инқилоби Октябр дар Руссия ва "Воқеаи Колесов" дар Бухоро", "Баъд аз Воқеаи Колесов вазъи амири Бухоро ва фаъолияти ҷавонбухороиён", Фаъолияти ҳукумати Шурои Халқи Бухоро ва акси инқилоб" ва ниҳоят боби сеюм "Ҷумҳурияти Тоҷикистон", аҳаммияти Ҷумурияти Шуравии Тоҷикистон", аз зербобҳои: "Замин ва мардуми Ҷумҳурияти Тоҷикистон", "Барпо шудани ҳукумати Ҷумҳурияти Шуроии Тоҷикистон ва вазифаҳои асосии он", дар бораи "барпо намудани амнияти мамлакат", "намунае аз хатҳои босмачиҳо", "дар роҳи истеҳком додани ҳокимияти ранҷбарони Ҳукумати Шуроӣ", "Пахтакорӣ", "Ташкили тиҷорати давлатӣ барои харидани

ақноми деҳқонӣ ва мол”, “Корҳои ҳифзуссиҳа – нигодороии тандурустии омма”, “Маориф ва кори нашриёти давлатӣ”-ро дар бар мегирад.

Танҳо зикри номи бобҳо ва зербобҳо нишон медиҳанд, ки рисола бо вуҷуди он, ки асосан бо ҳадафи огоҳӣ ва тарғиботи сохти нав бахшида шудааст, як асари комили таърихист, сохтор ва муҳтавои он ба равиши илмӣ фароҳам шудааст. Рисола бо фаро гирифтани заминаҳои инқилоб, Осиёи Марказиро тасарруф кардани Россия, сабабҳои инқилоби Октябр, натиҷаҳои он, пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз диди фарох ва андешаи равшани муаллиф гувоҳӣ медиҳад ва метавон гуфт, ки аввалин асари таърихӣ дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Мавқеи Абдуқодир Муҳиддинов дар асар хеле равшан ва ҷолиб аст. Муносибати ӯ дар бораи масъалаҳои баҳсбарангез аз мавқеи зиёии миллӣ сурат гирифтааст, ки инро сареҳан мушоҳида мекунем. Масълан, яке аз масъалаҳои баҳсбарангез дар таърихи мо “Тасарруфи Осиёи Миёна аз тарафи Россия” ва “Ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна” аст. Мавқеи Абдуқодир Муҳиддиновро дар ин масъала чунин ҷумлаи ӯ нишон медиҳад: “Дар нимаи дуюми асри XIX (баъд аз соли 1850) ҳуҷум ва истилои Русия дар хоки Туркистон шиддат карда, дар муддати андаке аскари Русия шаҳрҳои Туркистон – Тошканд, Хуҷанд, Самарқанд ва Хиваро мутасарриф гардид, ҳукуматҳои хони Хӯқанд ва Хива, амири Бухоро шикаст хӯрданд, мағлуб шуданд ва тобеияти Русияро қабул карданд”.

Муаллиф дар рисола муносибати ҳукумати императории Россия ва Аморати Бухороро кушода, зимни он равшан нишон медиҳад, ки муборизаҳои босмачигарӣ ба ҳеҷ ваҷҳ озодихоҳӣ набуда, балки барои нигоҳ доштани салтанати амирон, мавқеи дороёну руҳониён ташкил шуда буд, ӯ аз ҷумла менависад: “Амир ба ҳимоя ва мадади ҳукумати импиротурӣ дар Бухоро ҳар қадар зулму ҷавре, ки мехост мекард, фуқаро ба ҳеҷ роҳ ба муқобили амир ва тарафдоронаш имкони муқобилият карданро надошт. Зеро фуқаро бахубӣ медонист, ки дар пушти амир

найзаҳои аскарҳои импературӣ нигоҳбонӣ ва ҳомии пурқувват аст ва баъд аз сулҳ бо амир Музаффар, мадад кардани Ҳукумати императорӣ дар ҷанги Шаҳрисабз ба амир Музаффар ва гирифта додани Қаршӣ ва Шаҳрисабз бо амир аз хотири мардум нарафта буд. Амир ҳам хуб медонист, ки истеҳкоми ҳокимияти худаш вобаста ба мадади Ҳукумати импиротурист. Ин масаларо амир Абдулаҳад дар сафарномаи худ равшан менависад”.

Муаллиф ҳамчун шоҳиди воқеа аз ҷараёни муборизаҳои давраи инқилоб лаҳзаҳоеро ба тасвир кашидааст, ки мо назири онҳоро дар таърихномаҳо ба ин сароҳат кам дучор мешавем. Аз ҷумла, зимни муборизаҳои ислоҳотталабии ҷавонбухориён чунин саҳнаеро нақл мекунад, ки бино бар иртиботаш бо саргузашти Устод Айнӣ дорои аҳаммияти бештар аст: “Бо роҳбарии муллоҳо мардуми бисёре ҷамъшуда буданд, ба муқобили ҷадидҳо ба кӯча баромаданд, қасд намуданд, ки ба ҷадидиҳо ҳуҷум кунанд. Азбаски ҷадидиҳои ҳақиқӣ хеле кам буданд ва бо атрофи онҳо бештари мардум тамошобин ҷамъ шуда буданд, ҳама гурехтанд, қисме аз ҷадидҳо дар масофаи 12 чақрим (12,84 км2) берун аз шаҳри Бухоро дар остонаи Когон дар ҷое, ки истиқоматгоҳи урупоиҳо, сафоратхонаи Русия ва ташкилоти Шурои вакилҳои мардикор, деҳқон ва аскарҳо буд, паноҳ бурданд.

Дар шаҳри Бухоро аз ҷадидиҳо чанд нафар ба дасти одамони амир афтод. Дар он миёна Садриддин Айнӣ низ буд. Бо фармони амир ва қушбегӣ Садриддин Айниро бо ду нафари дигар дар Регистон дар байни оммаи фуқаро бароварда, ҳар якро 75 чӯб заданд ва ба Обхона ном ҳабсхона андохтанд”.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигаре, ки дар рисола мавқеъ ва шахсияти Абдуқодир Муҳиддиновро муҷассам мекунад, назари ӯ дар мавриди муносибати Тоҷикистон ҳамчун ягона ҷумҳурии форсизабон, бо ҳамзабонон аст. Ӯ дар ин маврид менависад: “Ҷумҳурияти Шурои Тоҷикистон дар силсилаи ҷумҳуриятҳои шурои иттифоқ, ягона ҷумҳурияти порсизабон аст. Дар оянда, таъсири маданӣ ва инқилобии

Тоҷикистон дар олами порсизабонон бузург хоҳад буд. Аҳаммият ва бузургии ин вазифаи ояндаи худро ранҷбарони тоҷикзабони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҳар қадар зиёдтар ва зӯдтар ҳис намоянд ва барои адои вазифаи худ бештар кӯшиш кунанд, ба ҳамон андоза мавқеи Тоҷикистон дар силсилаи ҷумҳуриятҳои шуроии Иттифоқ, муҳимтар хоҳад шуд". Ва дар бораи тоҷикзабонони Тоҷикистон ва Узбакистон чунин сухан ба миён овардааст, ки як навъ ишора ва ҳатто даъвои пӯшида ба нодурустии тақсимоти ҳудудии ҷумҳуриҳо мазкур аст: "Аҳаммият ва бузургии ин вазифаи ояндаи худро ранҷбарони тоҷикзабони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҳар қадар зиёдтар ва зӯдтар ҳис намоянд ва барои адои вазифаи худ бештар кӯшиш кунанд, ба ҳамон андоза мавқеи Тоҷикистон дар силсилаи ҷумҳуриятҳои Шуроии Иттифоқ, муҳимтар хоҳад шуд".

Дар ин ҷумла ифодаи "Тоҷикистон дар силсилаи ҷумҳуриятҳои Шуроии Иттифоқ" А. Муҳиддинов аз мухтор будани Тоҷикистон дар ҳайати Узбакистон ёд намекунад, яъне онро маънаван эътироф намекунад ва дар қатори "ҷумҳуриятҳои Шуравии Иттифоқ" баробар ба шумор меорад ва дар ҳеҷ ҷои рисола бо истилоҳи "мухтор" ё "автономия" дучор намеоем, ки инро ҳам метавон як навъ саркашӣ ва даъво донист. Ва дар идома дар ин маврид равшантар менависад: "Дар Ӯзбекистон ҳам аз ҳудуди Тоҷикистони имрӯза хеле ҷойҳои тоҷикнишин мондааст ва дар дохили Ӯзбекистон шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд аз марказҳои мадании тоҷикон шуморида мешаванд". Дар мавриди "Кори нашриёти давлатӣ" низ шахрҳои бузурги тоҷиконро махсус зикр карда, менависад: "Баъд аз ташкил намудани нашриёти давлатии Тоҷикистон дар Самарқанд бо мадади қувватҳои марказҳои илмӣ-мадании тоҷикон – Самарқанд, Бухоро ва Хуҷанд кори нашриёт рӯ ба тараққӣ ниҳод.

Дар рисола сабабҳо, ҷараён, хисорот ва натоиҷи ҷангҳои босмачигарӣ ва аҳволи иҷтимоии мардум, раванди ташкили давлати Тоҷикистон маълумоти дақиқ ироа шуда, ба тариқи фишурда бо факту рақамҳо тараққиёти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар дувуним сол ва нақшаҳои

оянда зикр карда шудааст, ки барои насли имрӯз ҳам хеле ҷолибу муфиданд.

Масъалаи дигаре, ки аз тарафи комиссияи мазкур ба назди муаллиф гузошта шудааст, "ба андозае, ки мумкин аст, забон, таркиби калимаҳо ва мазмуни рисола равон ва фаҳмиданаш осон шавад. То ин ки хонандаҳои камсавод ба осонӣ бихонанд ва онҳое, ки бесавод ҳастанд, шунида мақсадро ба хубӣ бифаҳманд». Абдуқодир Муҳиддинов чун шахсияти таҳсилкарда ва донишманд аз уҳдаи ин вазифа ҳам ба хубӣ баромадааст. Воқеан, забони рисола сода, аммо на ба он дараҷа, ки баъди солҳои сиюм ба факри забону баён анҷомид. Калимаҳои аз калимаҳои ҳамафаҳм, аммо на ҷавобгӯ ба қоидаҳои умумии забони адабӣ, ҷумлаҳои содаву равон истифода карда, дар айни замон узубати забони ҳазорсоларо нигоҳ доштааст.

Ҳамин тариқ, А. Муҳиддинов дар рушди Тоҷикистон саҳми бевосита гузошта, дар баробари ин, комёбиҳои ин давраро бароиояндагон ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

## 3.2. Нақши Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси ҶШС Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи он

Абдуқодир Муҳиддинов барои пешрафти ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ саҳми муайяне гузоштааст. Тавре дар боло ишора намудем, бо ташаббуси КИМ ҶМШС Тоҷикистон ва дастгириҳои пайвастаи роҳбарони ин мақомот Н. Махсум ва А. Муҳиддинов соли 1925 «Ҷамъият барои омӯзиши Тоҷикистон ва халқияти эронии бурунмарзии он» таъсис ёфт. Ҳамзамон бо дастгирии эшон ҷамъияти номбурда се маҷмӯа дар солҳои 1925, 1927, 1928 аз чоп баровард. Инчунин, таҳти роҳбарии олимони машҳури рус дар минтақаҳои гуногун якчанд эъзомияҳои (сафарҳои хизматӣ) илмӣ ташкил карда шуд. Соли 1926 стансияи эпидемиологӣ-санитарии Душанбе, соли 1929 боғи ботаникии Помир ва пажуҳишгоҳи илмии назди ШКХ-и

Тоҷикистон таъсис ёфта буданд, ки баъдтар ба муассисаҳои тадқиқотӣ-илмии соҳавии ҷумҳурӣ табдил ёфтанд. Соли 1924 бошад, дар Душанбе аввалин осорхонаи таърих ва санъати тасвирӣ кушода шуд ва соли 1925 Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба кор шуруъ намуд. Бо таъсиси Нашриёти давлатии Тоҷикистон чопи китобҳо дар ҷумҳурӣ афзуд. Бо ташаббуси ҳукумати марказӣ ва бо дастгириҳои А. Муҳиддинов адиби тавоно Абулқосим Лоҳутӣ моҳи октябр соли 1925 ба вазифаи директори нашриёти номбурда таъин гардид. Ба корҳои фарҳангӣ ҷалб намудани Лоҳутӣ барин шахсияти равшанфикр ва хайрхоҳи миллати тоҷик барои рушди соҳа заминаи мусоид фароҳам омад. Барои ҷалби Лоҳутӣ ба корҳои фарҳангу маорифи ҶМШС Тоҷикистон ҳанӯз аз таърихи 13 майи соли 1925 комиссариати халқии корҳои хориҷии ИҶШС Г. В. Чичерин ба унвони раиси Шурои Комиссарони Халқи ҶМШС Тоҷикистон А. Муҳиддинов мактубе ирсол намуда буд. Ба Душанбе ҳиҷрат намудани Лоҳутӣ ва дар соли 1925 чонишини Комиссари халкии маорифи ҶШС Точикистон таъин шудани у аз Москва розигии расмиро талаб мекард. Дар номаҳои Г.В. Чичерин созишнома ё чорчубаи дипломатие, ки дар доираи он Лоҳутӣ метавонад ба нафъи давлати нави точикон бе зарар ба сиёсати берунии шуравӣ дар Шарқи Наздик кор кунад, риоя шудааст.

Саҳми Абдуқодир Муҳиддинов дар омода намудан ва баргузории Съезди дуюми таърихии шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон низ арзанда буд. Ин съезд 29-уми апрели соли 1929 дар шаҳри Душанбе баргузор шуда, дар ҷаласаи нахустини он бори аввал дар таърихи миллати тоҷик Конститутсияи Тоҷикистон қабул карда шуд, ки қадами муҳим дар рушди давлатдории навини мардуми тоҷик буд. Пас аз қабули Конститутсияи нахустини Тоҷикистон заминаи муҳимму ҳалкунанда барои баромадан аз ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва соҳиб шудан ба мустақилияти комил дар ҳайати ИҶШС ба миён омад.

Съезди сеюми Шуроҳои Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки яке аз съездҳои таърихии миллати тоҷик мебошад, аз 15 то

19-уми  октябри соли 1929 дар шаҳри Душанбе баргузор шуда буд. Ин съезди тақдирсоз аз он ҷиҳат таърихӣ мебошад, ки вай Эъломияи ба ҷумҳурии мустақил дар ҳайати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ табдил ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистонро қонунӣ намуд. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон ҳамчун ҳафтумин ҷумҳурӣ дар ҳайати ИҶШС ташкил шуд. Аҳаммияти бузурги ин съезд инчунин дар он буд, ки ба ҷумҳурӣ округи Хуҷанд ҳамроҳ карда шуд. Масоҳати ҷумҳурӣ то ба 142,5 ҳазор км.кв. зиёд шуда, шумораи аҳолӣ ба 1млн. 150 ҳазор нафар расид. 5-уми декабри соли 1929 бошад, бо қарори КИМ ИҶШС ба ҳайати ИҶШС ворид шудани Тоҷикистон ба ҳукми қонун даромад.

Дар раванди съезди III фавқулодаи ҶМШС Тоҷикистон қайд гардидааст, ки дар натиҷаи ёрии ҳамаҷониба, мадад ва роҳбарӣ аз тарафи пролетариати иттиҳод дар шахсияти ҳукумати иттифоқӣ, мақомоти осиёимиёнагӣ ва ҳукумати Ӯзбекистон, инчунин тавассути сиёсати дурусте, ки ҳукумати ҶМШС  Тоҷикистон мегузаронад, Тоҷикистон хеле пеш рафт ва дар масъалаҳои фарҳанг, хоҷагӣ ва сиёсӣ мустаҳкам гардид.

Ҳамзамон, съезди III фавқулодаи шуроҳои Тоҷикистон махсусан қайд мекунад, ки пешрафтҳои ба даст овардашуда ва таъсисёбии Ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон самараи гузаронидани сиёсати дуруст ва пайвастаи миллии пролетариати инқилобист, ки барои нест кардани ҳама гуна зулми миллӣ, барҳам додани нобаробарии феълии хоҷагӣ ва мадании байни миллатҳои гуногун ва худмуайянкунии миллии онҳо равона карда шудааст [42].

Дар эъломияи мазкур омадааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ихтиёрӣ, дар заминаи декларатсияи съезди якуми Шуроҳои ИҶШС, ҳамчун узви баробарҳуқуқ ба ҳайати ИҶШС дохил мегардад. Ин қарордодро съезди VI Шуроҳои ИҶШС маъқул мешуморад. Ба ҳамин минвол, Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ҳафтуми Иттиҳоди Шуравӣ мегардад.

Ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон дар роҳи минбаъдаи давлатдории халқи тоҷик давраи муҳим ба шумор мерафт. Дар харитаи сиёсии ҷаҳон

давлати нав пайдо гашт, ки пойтахти он шаҳри Душанбе номгузорӣ гардид. Ҳамчунин, 19-уми октябри соли 1929 Анҷумани сеюми фавқулодаи шуроҳои ҶШС Тоҷикистон дар хусуси табдил додани номи Душанбе ба Сталинобод қарор қабул намуд. 1-уми декабри соли 1929 Раёсати КИМ ИҶШС ба қарори Анҷумани фавқулоддаи шуроҳои ҶШС Тоҷикистон дар хусуси табдил додани Душанбе ба Сталинобод ризоият дод [59, с.19]. Ин ҷо қайд кардан бамаврид аст, ки баъзан ақидаҳое пайдо мешаванд, ки гуё А. Муҳиддинов муқобили чунин номгузорӣ будааст, вале далелҳои қотеъ мавҷуд нестанд.

Дар табдил додани Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ба ҷумҳурии иттифоқӣ чунин шахсиятҳои барҷаста А. Муҳиддинов, Ш.Шотемур. Н.Махсум, Ч. Имомов, В. Толпиго, А. Дяков ва дигарон хизматҳои бузург намуданд. Вале, пас аз таъсиси ҷумҳурии мустақил дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ низ сиёсати пантуркизм аз байн нарафта, дар шакли нав – шовинизми узбекӣ реша давонд.

Ин сиёсат пас аз барҳам хӯрдани давлати абарқудрати Шуравӣ аз нав ҷон гирифт. Дар ин маврид Пешвои миллати мо, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд кардаанд: «Мубориза алайҳи миллатгароён ва бадхоҳони халқи тоҷик дар замони пирӯзии Инқилоби октябр, солҳои аввали ҳукумати Шуроҳо, ба хусус дар арафаи тақсимоти ҳудудӣ - миллии Осиёи Миёна ва баъди он яке аз вазифаҳои муҳимми ҷомеаи тоҷик ба шумор мерафт. Пас аз ташкили Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон фаъолияти душманони халқи тоҷик боз аз нав авҷ гирифт. Онҳо ба муқобили ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистон садо баланд карда, мавҷудияти халқи тоҷик ва забону адабиёти онро бешармона инкор мекарданд» [4.с.123].

Ин ҷо бояд зикр намуд, ки дар замони мухторият ҳукумати Ӯзбекистон нисбати ҳуқуқҳои Тоҷикистон сӯиистифода менамуд. Аз ҷумла, ҳукумати марказ (Москва) қафомондагии Тоҷикистон ва хоҷагиҳои дар натиҷаи мубориза бо босмачиён харобгаштаро ба назар гирифта, ёрии хешро дар

навбати аввал ба Тоҷикистон мефиристод. Аммо, мақомоти хоҷагидор ва молияи Ӯзбекистон ин кумакро ба фоидаи ноҳияву вилоятҳои худ истифода мекарданд. Масалан, 9-уми июни соли 1927 ҳайати вакилони Тоҷикистон, ки ба Москва ба сафари хизматӣ барои ҳалли масоили хоҷагӣ рафта буданд, дар мактуби эътирозии худ ба номи Раиси Шурои Комиссарони Халқи ҶМШС Тоҷикистон Абдуқодир Муҳиддинов қайд мекунанд, ки намояндагони Ӯзбекистон дар Москва имтиёзҳои барои Тоҷикистон пешбинишударо ба манфиати худ истифода карда истодаанд. Аз сабаби он, ки маблағгузории Тоҷикистон тавассути мақомоти молияи Ӯзбекистон ба роҳ монда шудааст, онҳо ин ҳолатро ба манфиати хеш истифода мекунанд. Аз ҷумла, маблағҳое, ки барои гузаронидани ислоҳоти обу замин ба Тоҷикистон ҷудо карда шуда буд, барои навоҳии вилояти Фарғона фиристода шуданд.

Дар марҳилаи дар ҳайати Ӯзбекистон будани Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон мебоист бо кӯмаки хукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ин ҷумҳурӣ аз ҷиҳати иқтисодиву фарҳангӣ ҳарчи зудтар ба сатҳи ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ бардошта мешуд. Аммо дар амал сиёсати роҳбарони ҳамонвақтаи ҶШС Ӯзбекистон нисбат ба тоҷикону Тоҷикистон самимӣ набуд. Тавре муаррихи шинохтаи тоҷик Намоз Ҳотамов дар ин маврид менависад: «Дар ҳудуди ин ҷумҳурӣ на танҳо оид ба масъалаи ҷо ба ҷо гузории кадрҳо, балки махсусан дар соҳаи маориф, бештар ҳангоми ташкили мактабҳои тоҷикӣ, ҳатто ҳангоми ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ низ манфиати тоҷикон бештар ба эътибор гирифта намешуд. Ба мансабҳо асосан шахсонеро таъин мекарданд, ки онҳо дар ҳуҷҷат ҳамчун «ӯзбек» номнавис шуда бошанд. Бештар тоҷиконро маҷбур менамуданд, ки худро ҳамин тавр муаррифӣ кунанд. Махсусан, тоҷиконеро, ки худро «ӯзбек» номнавис кардаанд, ба мансабҳои гуногун таъин мекарданд» [135, с.456].

Солҳои 20-уми асри XX ба ташкили кооператсияҳои гуногун: кредитӣ, мелиоративӣ, иттифоқи пахтакорон диққати махсус дода шуд. «Соли 1929 аз се ду ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонон ба хоҷагиҳои кооперативӣ дохил

шуданд. Дар Тоҷикистон аввалин колхозҳо соли 1927 ташкил ёфтанд. Соли 1929 дар 209 колхоз 2888 хоҷагиҳои деҳқонӣ гирд оварда шуда буданд» [64, с.71]. Бо мақсади ҷалб намудани аҳолии бекори деҳот ба истеҳсолот ва ҳимояи ҳуқуқи онҳо якчанд ташкилотҳои ҷамъиятӣ: «Иттифоқӣ коркунони замин ва чангал» (Рабземлес), «Иттифоқи ҷуфтгарон» (Иттифоқи «Кушчӣ») ташкил ёфтанд.

Бунёди давлати сотсиалистӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илми таърихнигории ватанӣ буда, аз тарафи олимони тоҷик ва ҳамзамон, аз ҷониби олимони хориҷӣ низ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Бо мақсади омӯзиши амиқ ва ҳаматарафаи масъалаи мазкур ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва дигар адабиёти илмии марбут ба мавзуъ кумак мерасонанд. Масъалаи бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ дар Тоҷикистони Шуравӣ дар таърихнигорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, аммо масъалаи мазкур аз назари таҷдиди таърихи замони Шуравӣ муҳим арзёби мегардад. Дар робита бо бунёди ҷомеаи нави иҷтимоӣ барномаи рушди дурнамои ин масъала зарур буд. Барои ҳамин таъҷилан баъд аз пирузии Инқилоби сотсиалистӣ роҳбарияти олии давлати Шуравӣ ба Ҳизби Коммунист барои таҳияи барномаи бунёди давлати сотсиалистӣ оғоз карданд, ки дар таърихи навини Иттиҳоди Шуравӣ ин барнома таҳти унвони «Нақшаи ленинии сохтмони сотсиализм» таҳия гардид. Дар нақшаи мазкур масъалаҳои назариявӣ ва амалии бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ инъикос гардидаанд. Масъалаҳои бунёди чунин ҷомеа пеш аз ҳама дар саноатикунонӣ, колективонии соҳаи кишоварзӣ ва инқилоби фарҳангӣ пешбини гардида буд.

Дар давоми солҳои мухторият баромадан аз ҳайати Узбекистон ва таъсис додани ҷумҳурии мустақили шуравӣ осон набуд. Дар ин давра равшанфикрони тоҷик дар атрофи Н. Махсум, Ш. Шотемур, А. Ҳоҷибоев, А. Муҳиддинов, С. Айнӣ ва дигар сарсупурдагони миллат ҷамъ омада, аз ҳар ҷиҳат барои сазовор будани тоҷикон ба ҷумҳурии мустақил ҷонбозиҳо

намуда, бо мактубҳои исрорӣ ба марказ, бо нашри мақолаву асарҳои илмӣ мақсади хешро тавонистанд асоснок кунанд ва онро амалӣ мозанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: «Дар ин давра ба арсаи мубориза барои муайян намудани сарнавишти миллату давлати тоҷикон як қатор фарзандони баору номуси ватанамон ба монанди Садриддин Айнӣ, Чинор Имомов, Абдуқодир Муҳиддинов, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ворид шуданд, ки дар натиҷаи кӯшишу талошҳои онҳо Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурӣ таъсис ёфт» [128].

Бояд зикр кард, ки таъсиси ҶМШС Тоҷикистон дар соли 1924 ва ҶШС Тоҷикистон дар соли 1929 рушди беназири Тоҷикистонро дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ то соли 1933 бе номҳои чунин шахсиятҳо, ба монанди Абдуқодир Муҳиддинов, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдураҳим Ҳоҷибоев ва Чинор Имомов ва  устод Айнӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Аммо то сафед шудани номи Абдуқодир Муҳиддинов, Чинор Имомов, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ва дигарон дар тамоми адабиёте, ки ба ҳамин давраи таърихӣ ба нашр мерасид, номашонро умуман ёд намекарданд. Баъди соли 1964 бошад, ҳам як муддат ба корномаи ин шахсияти муътабар чандон таваҷҷӯҳ набуд. Бори аввал доир ба хизматҳои Нусратулло Махсум ва умуман мақоми ӯ дар ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистон олимони намоёни тоҷик Раҳим Масов ва Шукур Султонов таваҷҷуҳ намуданд. Муаррихони зикршуда дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ мақолае зери унвони «Всетаджикская староста» дар рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» аз санаи 10 декабри соли 1988 ба нашр расониданд. Ҳамин мақола баъдан чанд маротибаи дигар бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ дар матбуот ва маҷмӯаҳои илмӣ ба чоп расида, дар муаррифии ин ашхос сащми калон гузоштааст.

Нақши Абдуқодир Муҳиддинов дар бунёди давлатдории навини тоҷикон аз нуқтаи назари илмӣ инчунин дар таҳқиқоти муаррихи тоҷик Абдулло Ғафуров [36, с.75-76] то ҷое инъикоси худро ёфтааст. Қабл аз ҳама,

муаррих раванди ташаккулёбии давлатсозии тоҷиконро дар марҳилаи навин ба таври зер даврабандӣ мекунад: «Аз рӯи хусусияташон воқеоти сиёсии ин давраро метавон ба се қисм ҷудо намуд: а) солҳои 1917-1924 – давраи пайдоиши заминаҳо барои таъсиси сохти нави давлатдории миллӣ; б) солҳои 1924-1929 – давраи ибтидои ташаккули давлатдорӣ ё худ мухторият; в) 1929-1936 – таъсиси ҷумҳурии мустақил дар ҳайати ИҶШС ва идомаи бунёди сохторҳои давлатӣ» [108]. Ин даврабандӣ аз ҳар ҷониб ба фаъолиятҳои сиёсии Абдуқодир Муҳиддинов иртиботи қавӣ дорад. Дар идомаи пажӯҳиши хеш муаллиф навсозиҳою талошҳои Абдуқодир Муҳиддиновро бо такя ба сарчашмаҳои муътамади таърихӣ дар ҷараён мегузорад. Аз тарзу услуби баёни олим баръало эҳсос мешавад, ки дар воқеъ Абдуқодир Муҳиддинов ҳамчун яке аз поягузорони Тоҷикистони Шуравӣ эътироф шудааст. Бо таъкиди ин нукта қайд намудан зарур аст, ки ин паҳлуи мавзуи зери назари мо дар нигоштаҳои Абдулло Ғафуров баррасӣ шудааст.

Муҳиддинов А. дар китоби худ "Ба деҳқонони Тоҷикистон инқилоби Уктобр чи дод" қайд менамояд, ки се сол мешавад, ки мамлакати мо дар шароити сулҳу оромӣ қарор дорад. Дастовардҳои дар ин се сол ба даст оварда дар  таърихи ҷаҳонӣ беназир аст. Масалан, соли 1925 дар майдони 30 ҳазор гектар замин кишт карда будем. Соли 1929 ин миқдор ба 675 ҳазор гектар расид. Айни замон заводҳои пахтатозакунии кишвар 2700 ҳазор пуд пахтаро кор карда истодаанд. Ҳол он, ки дар беҳтарин солҳои даврони амирӣ камтар аз якуним миллион пуд пахта ба даст оварда мешуду бас. Дар тули се сол дар собиқ заминҳои бекҳову феодалҳо 132 хоҷагиҳои дастаҷамъӣ барпо гардид. Дар соли нав (соли 1929) миқдори онҳо ба 400 адад расид.[55]

Зиндагиномаи Абдуқодир Муҳиддинов аз бисёр ҷиҳат боиси омӯзиш ва дарси ибрат аст. Вай дар  тули фаъолияти хеш дар ҳаракати ҷадидия ширкат намуда, аз қадамҳои аввал барои дигар намудани шакли таълим дар аморати Бухоро оғоз намуда, баъдан дар ҳаракати ҷадидия ширкат

мекунад. Сипас ба муборизаи сиёсӣ ҳамроҳ шуда, дар барҳам додани аморати Бухоро саҳм гирифта, дар рушди ҶХШ Бухоро нақши бориз мегузорад.

Дар замони истиқлоли миллӣ аз нав баҳо гузоштан ба хизматҳои фарзандони фарзонаи миллат, ки дар ибтидои бунёди давлати нави тоҷикон меистоданд, барои баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллии насли ҷавон омӯзанда ва дорои аҳаммияти калон мебошад.

Тавре борҳо зикр шуд, қаҳрамонии ин фарзандони сарсупурдаи миллат ба шарофати ба даст овардани соҳибистиқлолӣ ва бо ташаббуси бевоситаи сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон  расонаӣ шуда, номи онҳо вирди забони насли ватандӯсту озодихоҳ гашт. Имрӯз насли нави замони истиқлолро зарур аст, ки аз корномаи чунин фарзандони арзандаи миллат баҳри тақвияти ҳувияти миллӣ ва худшиносӣ дарси ибрат гирад ва барои ҳифзи хотираи таърихии халқ, нигоҳ доштани суннат ва анъанаҳои миллӣ, ҷаҳду талош намояд.

Аз ибтидои солҳои 30-юм дар мамлакати шуравӣ гузариши ҳокимият аз боло то поён ба дасти ҳизби болшевикӣ оғоз мешавад ва торафт нуфузи шуроҳо кам мешавад. Аз ҷумла, «моҳи марти соли 1931 бо тавсияи ҳизби коммунистии (болшевикии) Умумииттифоқӣ барои ҳизби коммунистии (болшевикии) Тоҷикистон вазифаи котиби сеюм ҷорӣ карда шуд» [57]. Вазифаи котиби сеюм тафтиши иҷрои қарору дастурҳои ҳизби коммунистии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шуравӣ буд. 27 апрели соли 1931 Бюрои иҷроияи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон қарори “Системаи амалигардонии доимии назорат ва ба ҳаёт татбиқ намудани қарору дастурҳои ҲК Тоҷикистон, Бюрои осиёимиёнагии ҳизби коммунист ва ҲКИШ”-ро қабул намуд. Дар қарор равшан таъкид шуда буд, ки вазифаи асосии шуъбаҳои ҳизб назорати қатъии иҷрои қарору дастурҳои ҳизб ба шумор меравад. Аз ҳамин давра назорат ва айбҷӯӣ аз болои аъзои ҳизб оғоз мегардад.

Минбаъд ҳар вазифадоре, ки манфиатҳои миллии халқи худро ҳимоя мекард, бо туҳматҳои «миллатчӣ», ё худ «ташвиқгари унсурҳои буржуазӣ» рӯбарӯ мешуд. Барои мисол, 5 декабри соли 1933 намояндаи ҲКИШ ҳолати Тоҷикистонро тафтиш намуда, роҳбарияти он, роҳбари Кумитаи иҷроияи Марказӣ (КИМ) Нусратулло Махсум Лутфуллоев ва Раиси Шурои Комиссарони халқи ҷумҳурӣ А. Ҳоҷибоевро бо миллатчигӣ ва дур шудан аз мавқеи ҳизб гунаҳкор намуданд.

Дар давраи 23-25-уми моҳи декабри соли 1933 маҷлиси муштараки Камитети марказии Ҳизби коммунистии болшевикон ва Комитети иҷроияи марказии ҶШС Тоҷикистон кори роҳбарияти ҷумҳуриро мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода, ба чунин хулосаи нодуруст омаданд, ки гӯё онҳо таҳти нуфузи доираҳои бегонаи сарватмандон монда аз хатти кашидаи ҳизб берун рафтанд. Бо ин ҷурм онҳоро дар аввал аз сафи ҳизб берун ва аз мансаби ишғол кардаашон озод намуда,  ба Москва гӯё барои таҳсил фиристода шуданд ва баъдан суд карда шуда, ҳар дуи онҳо соли 1938 бо гуноҳҳои сохта қатл гардиданд.

25 ноябри соли 1929 Бюрои сиёсии  КМ ҲК (б) умумиитифоқӣ ташкилоти вилоятии тоҷикистонии Ҳизби коммунистии Узбекистонро ба ҳизби миллии мустақил дар ҳайати ҲК умумииттифоқӣ табдил дод. Ба вазифаи котиби аввали Ҳизби коммунистии Тоҷикистон Мирзо Довуд Боғир оғли Хусейнов фиристода шуд, ки  то соли 1934 ин вазифаро ба уҳда дошт. Замони вазнини таъқибот маҳз ба давраи роҳбарии ӯ рост омад. Мирзо Довуд Ҳусейнов бо вуҷуди корманди соҳибтаҷриба буданаш, хусусият ва анъанаҳои Тоҷикистонро намедонист. Ҳарчанд фаъолияти ӯ ба рушди Тоҷикистон мусоидат намуд, ҳангоми аз вазифа озод намудан, ӯро барои роҳ додан ба хатоиҳое, ки Нусратулло Махсум, А. Ҳоҷибоев ва А. Муҳиддинов содир намуда буданд, гунаҳкор карданд.

Охири соли 1934 ба вазифаи роҳбари коммунистони Тоҷикистон ба ҷои Ҳусейнов С.К. Шадунс фиристода мешавад. Бояд гуфт, ки ин роҳбари нав бо Тоҷикистон то қадре шинос буд. Ӯ солҳои 1931- 1932 раиси Кумитаи

пахтаи Осиёи Миёна буд. Ҳамчун мутахассиси соҳаи ирригатсия ва пахтакорӣ то андозае ба рушди пахтакорӣ дар Осиёи Миёна саҳми калон гузошт. С.К. Шадунс дар вазифаи масъул то моҳи декабри соли 1936 хизмат карда, аз худ номи нек боқӣ гузошт.

Роҳбарияти Кумитаи марказии Ҳизби Коммунистии (б) ИҶШС роҳбарони аввали ҶШС Тоҷикистон Н. Махсум ва А. Ҳоҷибоевро аз вазифа озод карда ба Маскав барои таҳсил фиристод. Қабл аз ин Кумитаи марказии Ҳизби Коммунистии (б) ИҶШС яке аз роҳбарони Тоҷикистон А. Муҳиддиновро ҳамчун шахси барои давлат хатарнок эълон намуда, бо ин мақсад ӯро 31-уми майи соли 1934 ба қатл расонид. Муҳаққиқи узбекистонӣ Баҳодур Эргашев нуқтаи назареро пешниҳод мекунад, ки «А. Муҳиддинов ба қатл расонида нашуда, ба ҷазираи Соловетски назди баҳри Сафед, ки шомили вилояти Архангелски Россия мебошад, фиристода мешавад»[140]. Дар солҳои таъқибот дар ин ҷазира Лагери таъиноти махсуси Соловетск мавҷуд буд, ки дар он маҳбусони сиёсии нисбатан хатарнок нигоҳ дошта мешуданд.

Ба андешаи роҳбарони он давра гӯё А. Муҳиддинов роҳбари маънавии Нусратулло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоев баҳисоб мерафт. Ин андеша дар он зоҳир мегардад, ки А.Муҳиддинов дар давраи роҳбарии ШКХ ҶМШС Тоҷикистон буданаш, ба роҳбарони мазкури ҷумҳурӣ афкори миллатпарастӣ ва хилофи идеологияи шуравиро ташвиқ мекарда бошад. Вобаста ба ин, сармуҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» Қ.Дайламӣ роҳбарони вақти ҷумҳуриро, ки аз насли калони сиёсатмадорон иборат буданд, ба хатокорӣ ва миллатчигӣ гунаҳкор дониста, сиёсати таъқиботро дасгирӣ мекунад ва дар мақолаи худ чунин менигорад: «Масъалаи Н. Махсум, масъалаи Ҳоҷибоюф, Муҳиддинуф ва думравони онҳо як масъалаи имрӯза ва дирӯза нест, ин масъалаҳо аз рӯзи аввали ташкил шудани Ҷумҳурияти Тоҷикистон ба вуҷуд омада буданд… Ҳоҷибоюф баъди Муҳиддинуф, ки лидери миллатчиҳо буд, ба Махсум раҳнамоӣ мекард. Барои Махсум муаллим шуд ва ба ӯ раҳ нишон медод».[9]

Яке аз роҳбарони сатҳи аввали солҳои бистум Абдулло Раҳимбоев дар сиёҳ намудани номи Абдуқодир Муҳиддинов даст дошт. Моҳи декабри соли 1933, вақте ки А. Муҳиддиновро аз вазифаи Раиси Шурои Комиссарони таъминоти ҶШС Узбекистон барканор намуданд, Муҳиддиновро бо он муттаҳам мекунад, ки ӯ “аъзои фаъоли ҳаракати миллатгароёни тоҷик” мебошад.

Ҳамзамон, А. Лоҳутӣ низ дар яке аз гузоришҳояш дар ҳузури муаллифони коргари шаҳри Тошканд оид ба фаъолияташ дар Тоҷикистон изҳори ақида намуда, менависад, ки ӯ аз соли 1925 сар карда, дар Тоҷикистон вазифаҳои гуногунро иҷро мекардааст. Тавре адабиётшинос Худойназар Асозода менависад: «Лоҳутӣ ба мушоҳида мегирад, ки сарвари онвақтаи Тоҷикистон А. Муҳиддинов дар атрофаш тарафдорони худро ҷамъ карда будааст. Лоҳутӣ мегӯяд, ки ман медидам, ки ин тоифа барои манфиати пролетариат хизмат накарда, балки амалашон бар зидди он равона гардида буд».[32, с.255]

Дарҳол пас аз ҳабси А. Муҳиддинов дар роҳбарияти Тоҷикистон тағйирот ба амал омад. Аз 7 то 14 январи соли 1934 съезди дуюми Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон баргузор шуд. Ин дафъа низ марказ ба мутахассисони маҳаллӣ бовар накарда, ба фиристодаи КМ такя намуданд. Ин шахс Г.И. Бройдо буд. Раиси ҳукумати Тоҷикистон – Раиси Шурои Комиссарони халқи Тоҷикистон намояндаи миллати тоҷик Абдулло Раҳимбоев, ки то он дам дар Москва адои вазифа мекард,  таъйин карда шуд. Ӯ аллакай дар байни омма ҳамчун мухолифи таъсиси ҳатто Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон маъруф шуда буд ва тоҷиконро ба қатори миллатҳои хурд дохил карда буд. Таъйин намудани Г. Бройдо, ки дар назди Тоҷикистон хизмате накарда буд, ташаббуси волюнтаристии марказ буд. Аз ҳамин давра дар Тоҷикистон мисли дигар ҷамоҳири шуравӣ баланд шудани мақоми ҳизб ва кам шудани таъсири шуроҳо дар идоракунии давлат сар мешавад.

Қайд бояд кард, ки давлати шуравӣ, ки бори аввал дар таърихи инсоният арзи вуҷуд намуда, манфиати синфи коргару деҳқони оддиро ҳимоят менамуд, дар ибтидои фаъолияти хеш  ба хатоиҳои зиёде роҳ дод, ки дар натиҷаи бетаҷрибагӣ ба миён омада буданд. Дар охири солҳои 20 ва аввали сиюми асри гузашта иқдомҳои аввалини ҳукумати нав на ба ҳамагон маълуму фаҳмо буданд. Илова бар ин, пас аз оғози маъракаи таъқиботи сиёсӣ қисми зиёди онҳое, ки дар вазифаҳои давлатӣ буданд, ба сиёҳкунии ҳамдигар сар карданд.

Дар ин давра гурӯҳи калони кадрҳои маҳаллӣ ба ҷинояткорӣ муттаҳам шуда, қисме аз онҳо бадарға, қисмати дигар ба ҳукми қатл ва сеюмиҳо ба солҳои гуногун ҳабс шуданд. Мутаассифона, аз сабаби то ба имрӯз махфӣ будани ҳуҷҷатҳои вобаста ба таъқибот ин масъала то охир таҳқиқ карда нашудааст.

Тавре гуфтем, аксари ходимони давлативу аҳли адаб барои эмин доштани номи хеш аз болои дигарон туҳматномаҳо эҷод мекарданд. Аз ҷумлаи чунин ашхос нависандаи номдори тоҷик, муаллифи асарҳои безаволи “Тахти вожгун”, “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро”, «Духтари оташ» ва ғайра Ҷалол Икромӣ буд. Дар мақолаи «Сухан ба ман»[105], ки моҳи августи соли 1933 дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» нашр шуда буд, А. Муҳиддинов ва Бектошро  бо миллатгароӣ туҳмат мекунад.

Хушбахтона, нависанда баъдтар хатоии худро фаҳмида, дар асари ёддоштии хеш пушаймонӣ мекунад. Дар миёнаи соли 1932 таъқиботи ашхоси  сарсупурдаи миллат сар шуда буд. Аммо дар ҷомеа, дар байни мардум на ҳама аз ин сиёҳкуниҳо ва маҳдудкуниҳо огоҳӣ доштанд. Вобаста ба ин нависандаи машҳур Ҷалол Икромӣ дар китоби «Он чӣ аз сар гузашт» чунин қайд намудааст: «Як вақт фаҳмидем, ки А. Муҳиддиновро (ки нозири савдо буд), Комилиро (ки раиси Госплан буд) ва Бектошро гирифта ҳабс карданд. Албатта, ба муқобили ин нобиғаҳои замон дар рӯзномаҳо мақолаҳои “кушанда” чоп шуд. (Ҳатто ман ҳам «Сухан ба ман» гуфта бар зидди Бектош мақола навиштам). Мо соддаҳо ҳам бовар мекардем, ки онҳо

ҳақиқатан зидди ҳокимияти Шуравӣ будаанд» [43, с.211-212]. Бояд қайд намуд, ки А. Муҳиддинов яке аз роҳбарони ҳаракати ҷадидия ва ислоҳотгароёни Аморати Бухоро ва инсони донишманду миллатдӯст буда ҳатто дороияшро барои рушди ҷомеа истифода мекард.

Тавре олими масъалаҳои марбут ба ҷадидия Н. Ғаффоров менависад: Ҷалол Икромӣ таҷаддудхоҳи бухороӣ Абдуқодир Муҳиддиновро нобиғаи замон номида, навишта буд, ки ӯ «яке аз сарварони ҷадидон ва инқилобчиёни Бухоро, ҷонфидо, марди доно, оқил ва ҳамафаҳм буд. Халқашро дӯст медошт, молу ҷонашро барои тараққӣ ва пешравии миллат фидо карда буд. Омада-омада, вай аксулинқилобчӣ шуда баромад.»[95, с. 5]. Ба Мунзиму Абдуқодир Муҳиддинов ва дигар фарзандони сарсупурдаи миллати тоҷик часпонидани тамғаҳои «душмани халқ» ва «аксул-инқилобчӣ»-ро Ҷалол Икромӣ дар сиёсати сталинии шуравӣ дар солҳои сиюми қарни гузашта медонад.

Нофаҳмиҳое, ки аз тарафи баъзе ашхос рух доданд, тақдири бисёр фарзандони барӯманди миллатро ба фоҷеа бурда, миллат аз нигоҳи зеҳнӣ талафоти калон дод. Бисёр равшанфикрони халқи мо қурбони ин ноадолатиҳо гаштанд.

Таҳқиқот нишон дод, ки солҳои 1920-1928 даврае, ки А. Муҳиддинов дар сохторҳои баланди ҳизбӣ ва давлатӣ фаъолият дошт, пурра равшан нест. Дар бойгонии собиқи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон парвандаи шахсии Абдуқодир Муҳиддинов маҳфуз нест.

Муҳиддинов А. моҳи декабри соли 1926 ба вазифаи раиси Комиссариати халқии ҶМШС Тоҷикистон таъйин шуд ва доимо бо намояндагони мақомотҳои ҳукуматии ҶШС Ӯзбекистон ҳамкорӣ карда, боварӣ ҳосил кард, ки манфиатҳои халқи тоҷикро Ӯзбекистон ба эътибор намегирад ва барои ташкил кардани шароити мусоид барои рушди иқтисодии Тоҷикистон аҳаммият намедиҳад. 9 июни соли 1927 гурӯҳи кории Тоҷикистон, ки ба Москва барои ҳалли масоили хоҷагӣ омада буд, дар гузориши худ ба унвони раиси Шурои Комиссариати Халқии ҶМШС

Тоҷикистон А. Муҳиддинов қайд мекунад, ки ҷониби Узбекистон он имтиёзҳоеро, ки барои Тоҷикистон муайян шудаанд, ба манфиати худ истифода мекунад; чун маблағҳои барои Тоҷикистон пешбинишуда тавассути мақомоти молиявии Узбекистон мегузаранд, онҳо аз ин сӯиистифода мекунанд [44, с.466.467]. Дар мактуб сӯиистифодакунии ҷониби Узбекистон аз маблағҳое, ки аз тарафи Москва барои Тоҷикистон пешбинӣ шуда буданд, бо мисолҳои дигар низ нишон дода шуд. Аз ин рӯ, А. Муҳиддинов ба хулосае меояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо метавонад дар ҳолати аз ҳайати ҶШС Узбекистон баромадан рушди самараноки иқтисодиёти худро таъмин намояд.

13 январи соли 1929 дар ҷаласаи фраксияи Президиуми КИМ Тоҷикистон А. Муҳиддинов аз вазифаи раиси Комиссариати Халқии ҶМШС Тоҷикистон бо хоҳиши худ озод карда шуд [7]. Ҳуҷҷатҳои бойгонии ҳамон солҳо ҳам инро тасдиқ мекунанд. Дар маводҳои оид ба парвандаи ба ном «блоки рости зиддисоветии тротскичиён» номи А.Муҳиддинов хеле зиёд вомехӯрад, ки дар он ҷо ӯро ба майлончигии рост ва миллатчигии буржуазӣ» [53] айбдор мекунанд.

Дар баъзе маъхазҳо доир ба вафоти Абдуқодир Муҳиддинов андешаҳои гуногун вуҷуд дорад. «А.Муҳиддинов бо иттиҳоми аъзои ташкилоти контрреволютсионӣ гунаҳгор ва соли 1933 тибқи ҳукмнома ба қатл расонида шуд, аммо баъди куштори ӯ ҳам дар ҳуҷҷатҳои гуногуни айбдоркунанда номи ӯ боз ҳам вомехӯрад» [8]. Масалан, дар маводҳои Пленуми VIII КМ ҲК (б) Тоҷикистон аз 16 августи соли 1937 чунин навишта шудааст: «Оё мо намедонем, ки миллатчии буржуазии фошшуда Муҳиддинов, ки парронда шуда буд, бо контрразведкаи Англия алоқа дошт? Магар ин миллатгаро масъалаи мустақилияти давлатии тоҷиконро ба миён нагузошт...?» [5] Дар он вақт вазъият умуман дар мамлакат куллан тағйирёфта буд. Шубҳаи умумӣ ба одамони аз табақаҳои сарватманд ва татбиқнопазирии сиёсӣ нисбат ба дигарандешон ба миён омада буд.

Ҳамаи онҳоеро, ки аз рӯи ягон масъала бо нуқтаи назари умуми қабулшуда розӣ набуданд, ё ин ки фикру ақидаи худро доштанд, дарҳол «душмани халқ» эълон мекарданд. А. Муҳиддинов ҳам натавонист аз ин дар канор монад.

Тақдири собиқ сарвазири ҷумҳурӣ Абдуқодир Муҳиддинов дар ҷаласи КМ ҲКУ (б) якуми январи соли 1934 муҳокима шуда, ӯро ба ширкат намудан дар кори гуруҳҳои аксулинқилобӣ гунаҳкор мекунанд. Комиссия дар ҳайати К. Бауман, А. Бройдо ва Загвоздин чунин қарор мекунад. Давоми муҳокима ба КИМ ИҶШС мегузарад. Муҳокимаи масъалаи А. Муҳиддинов дар съезди 2-и КМ ҲК (б) Тоҷикистон, ки 7-14 январи соли 1934 баргузор шуда буд, идома меёбад. Дар съезд ба ғайр аз муҳокимаи вазъияти хоҷагии қишлоқ, масъалаи мубориза бо миллатгароии буржуазӣ, ки ба он А. Муҳиддиновро айбдор мекарданд, низ баррасӣ мегардад.

Тавре муҳаққиқ М. Акрамов қайд менамояд, масъалаи фаъолияти "душманонаи" А. Муҳиддинов дар идораҳои болоии мақомоти давлатӣ сару садоҳои зиёд эҷод мекунад. Дар натиҷаи муҳокимарониҳо дар идораҳои гуногуни баландпояи давлатӣ ба тарафдории ӯ касе ғайрат намекунад ва 27 марти соли 1934 дар асоси қарори ОГПУ барои А. Муҳиддинов ҳукми қатл муқаррар мегардад [89, с.57]. Тибқи анкетаи охирин А. Муҳиддинов 21 августи соли 1933 ба ҳабс гирифта мешавад ва 1 июни соли 1934 бо айбдоркунии расмии милатгарои буржуазӣ ба қатл расонида мешавад [152].

Озодандешӣ, мустақилӣ, норозигӣ бо сиёсати расмии роҳбарият аз рӯи бисёр масъалаҳо оид ба сохтмони сотсиалистӣ ба он оварда расонд, ки ӯ яке аз аввалин қурбониҳои таъқиботии оммавии солҳои 30-ум гардид. Ӯ яке аз роҳбарони собитқадам, кордон ва поквиҷдони ҷумҳурии мо буд ва гаравгони тартиботи вақт гардид, ки дар бунёди он иштирок дошт.

Сабабҳои таъқиботи оммавии солҳои 1930-ум (Террори бузург) дар Иттиҳоди Шуравиро муҳаққиқон дар он мебинанд, ки гуё дар ниҳоди И.В. Сталин хоҳиши нигоҳ доштани ҳокимияти мутлақ, фурӯ нишондани ҳар

гуна ихтилофи ҳақиқӣ ва эҳтимолӣ, дар атрофи роҳбарият муттаҳид намудани ҷамъият ва таъмини меҳнати озод барои индустрикунонии босуръат ва коллективонии хоҷагии қишлоқ буд. Ин масъала то имрӯз дар байни мутахассисон баҳсу мунозира мешавад, бархе шахсан И Сталинро, бархеи дигар дастгоҳи ҳукмрони шуравиро гунаҳкор медонанд.

Дар бораи теъдоди афроди дар солҳои 30-юми қарни гузашта дар Тоҷикистон саркӯбшуда маълумоти дақиқи ҷамъбастӣ дастрас нест. Маълум аст, ки интеллигентсияи маҳаллӣ, кадрҳои партиявӣ, руҳониён дар доираи мубориза ба муқобили «миллатчигии буржуазӣ» ва коллективизатсия дучори таъқиб гардиданд. Умуман, дар Иттиҳоди Шуравӣ зиёда аз 634 ҳазор нафар одамон барои репрессияҳои сиёсӣ дар соли 1958 сафед карда шуданд.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар баробари Н. Махсум ва А. Ҳоҷибоев кору пайкори яке аз фарзандони фарзонаи миллати тоҷик А. Муҳиддинов ҳамчунин дар ин давра таҳти фишор ва муҳокимаҳои беасос қарор дода мешуд. Бо ин мақсад дар Тоҷикистони он давра А. Муҳиддиновро ҳаматарафа сиёҳ карда, фаъолияти ӯро хилофи манфиатҳои ҷумҳурӣ "тарошида" буданд, ки асоси воқеӣ ва илмӣ надорад. Ҳамвзамон, дар матбуоти даврӣ баъзан сохтакорона ва андешаҳои муғризона нисбати ӯ суханҳои носазо интишор мегардид, ки ҳамаи ин, бағайр аз хусумати шахсӣ ва мансабталошии баъзе роҳбарони замон ягон асосе надоштанд. Масалан, муҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» Қосим Дайламӣ дар яке аз нигоштаҳои худ оид ба каҷравию миллатгароии роҳбарони куҳансоли тоҷик ба ин қазия ишора менамояд, ки зимни он масъалаи мавриди назари мо рӯшантар мегардад. Дайламӣ, аз ҷумла чунин менависад: «Масъалаи Нусратуллоҳ Махсум, масъалаи Ҳоҷибоюф, Муҳиддинуф ва думравони онҳо як масъалаи имрӯза ва дирӯза нест, ин масъалаҳо аз рӯзи аввали ташкил шудани Ҷумҳурияти Тоҷикистон ба вуҷуд омада буданд… Ҳоҷибоюф баъди Муҳиддинуф, ки лидери миллатчиҳо буд, ба Махсум раҳнамоӣ мекард. Барои Махсум муаллим шуд ва ба ӯ раҳ нишон

медод».[11] Дар он замон аксар зидди ҳамдигар менавиштанд, то худашон эмин монанд. А. Лоҳутӣ, ки тақдири хешро бо Тоҷикистон пайваста буд ва соли 1925 бо ҳидояти А. Муҳиддинов директори Нашриёти давлатии Тоҷикистон таъйин шуда буд, Муҳиддиновро сиёҳ карда, ӯро зидди манфиати халқ амалкунанда тавсиф намудааст. Тавре, адабиётшинос Худойназар Асозода менависад: «Устод Лоҳутӣ дар яке аз гузоришҳояш дар ҳузури муаллифони коргари шаҳри Тошканд оид ба фаъолияташ дар Тоҷикистон изҳори ақида намуда, менависад, ки ӯ аз соли 1925 сар карда, дар Тоҷикистон вазифаҳои гуногунро иҷро мекардааст. Лоҳутӣ ба мушоҳида мегирад, ки сарвари онвақтаи Тоҷикистон А. Муҳиддинов дар атрофаш тарафдорони худро ҷамъ карда будааст. Лоҳутӣ мегӯяд, ки ман медидам, ки ин тоифа барои манфиати пролетариат хизмат накарда, балки амалашон бар зидди он равона гардида буд». [32, с.255]

Бояд қайд кард, ки дар баробари роҳбарияти онвақтаи ҷумҳурӣ ашхоси дигаре бо гуноҳи сохта ба маҳкама кашида шуда, гурӯҳи дигар ва аз Тоҷикистон ба дигар ҷумҳуриҳо бадарға шуда бе ватан гардиданд. Иддаи дигаре, ки дар ҷумҳурӣ монда буданд, бо мурури замон аз воқеияти он замон огоҳ гардида худро ба сиёсати он давра мутобиқ намуданд. Воқеан, муддати солҳои 30-юми асри гузашта худро сарсупурдагони сиёсати давлати саветӣ муаррифӣ намуда, дигар ба воқеаҳои он давра таваҷҷуҳ зоҳир намекарданд. Аз ҷумла шахсоне, ки аз ҳодисаҳои он замон огоҳӣ надошт ва ба муқобили фаъолияти А. Муҳиддинов ва Комилию Бектош мақола навишта буд, ин нависанда Ҷалол Икромӣ мебошад. Вай дар мақолаи худ таҳти унвони «Сухан ба ман»[105, с.32] дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» августи соли 1933 ба ҳамин мазмун ин се шахсияти худшиносу худ огоҳро мавриди танқид қарор додааст. Аммо бо гузашти айём нависандаи машҳур аз воқеияти аслӣ огоҳ гардида, аз навиштаҳои худ изҳори пушаймонӣ кардааст, ки ин матлаби ӯ дар китоби «Он чӣ аз сар гузашт» ба тариқи зерин омадааст: «Аз нимаҳои соли 1932 гирогир ва таъқиби мардони номии мо сар шуда будаасту мани ҷавони беғам ҳеҷ хабаре надоштам, зинда бод Сталин гуфта,

ҷонро дареғ надошта кор мекардам…»[43, с.211-212] Албатта баъзан чунин нофаҳмиҳо тақдири чунин абармардони миллатро тираю сиёҳ намуд. Бо азобу машаққат шаҳди марг чашиданду бо кулфату ғам дур аз ватан дарди беватанӣ кашиданд.

Имрӯз маълум мешавад, аз байни роҳбарони сиёсии сатҳи аввали Тоҷикистон нахустин шахсе, ки дучори таъқиботи шадид қарор гирифта, ба қатл расонида шуд, Абдуқодир Муҳиддинов мебошад. Нусратулло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоев, ки низ таъқиб ва гунаҳкор дониста шуда буданд, баъдтар рас аз чаҳор сол парронида шуданд.

Хулоса вобаста ба рӯзи ба ҳабс гирифтан ва ба қатл расониданаш ду-се назария мавҷуд дорад [56, 57, 131, 145] якуми январи соли 1934 дар маҷлиси кумиссиюни КМ ВКП (б) таҳти раёсати Н. Бауман ва иштироки Бройдо ва Абдулло Раҳимбоев, намояндаи ОГПУ-и Осиёи Миёна парвандаи Муҳиддинов чун узви «Кумитаи ташкилоти аксулинқилобӣ»-и «Иттиҳоди Шарқ» ба баррасӣ гирифта шуд. Бо қарори ОГПУ аз 31 майи соли 1934 А. Муҳиддинов дар фаъолияти зиддиинқилобӣ гумонбар дониста шуда, аввал ба ҳабс ва сипас ба қатл расонида шуд. Раҳимбоев яке аз эродҳое, ки ба Муҳиддинов мегирифт, мухолиф будани ӯ ба номгардонии Душанбе ба Истолинобод буд. «Муҳиддинуф дар суҳбат ба ҳамфикрони худ ба иваз кардани номи Душанбе ба Истолинобод фикри мухолиф гуфтааст ва далел овардааст, ки рафиқ Истолин барои Шарқ номафҳум аст. Ин чӣ маъно дорад? Ин ақидаи Муҳиддинуф чунин маънӣ дорад, ки рафиқ Истолин – байрақи камунизм, сарвари партия, доҳии пролетариати ҷаҳон барои Шарқ қобили қабул нест» [148]

25 январи соли 1958 Коллегияи судӣ оид ба корҳои ҷиноятии Суди Олии ИҶШС парвандаи марҳум А. Муҳиддиноврo аз нав дида баромада, баъди маргаш ҳукми қатли ӯро маҳкум карда, дар хусуси бегуноҳ ба қатл расидани ӯ ҳукм баровард.

Бояд зикр намуд, ки дар ин давраи фаъолият низ А. Муҳиддинов дар бунёди ҶШС Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи он саҳми сазовор гузошт.

Баъзе ислоҳоте, ки дар давраи раиси Шурои Комиссарони халқии ҶШС Тоҷикистон будани Абдулқодир Муҳиддинов (16 декабри соли 1926 – 15 январи соли 1929) анҷом дода шуданд:

Дар соҳаи кишоварзӣ барҳам додани заминҳои феодалӣ ва додани заминҳои кишт ба деҳқонони безаминро дар бар мегирифт. Камбағалон, инчунин бо чорво ва таҷҳизоти кишоварзӣ таъмин карда мешуданд. Ҳазорҳо плуг, тухмипошак ва дигар таҷҳизот аз Русия ворид карда шуданд ва дар соли 1925 бори аввал дар Тоҷикистон шаш трактор истифода шуд.

Сиёсати андоз: дар солҳои 1927–1928 андози ягонаи кишоварзӣ ҷорӣ карда шуд, ки қисми зиёди он ба хоҷагиҳои деҳқонӣ интиқол дода шуд. Рушди кооперативҳо - қарздиҳӣ, кишоварзӣ, мелиоратсия ва дигар намудҳо. То охири соли 1928 дар Тоҷикистон 219 хоҷагии коллективӣ таъсис дода шуд, ки 2776 хоҷагии деҳқониро муттаҳид мекард.

Бартараф кардани бесаводӣ дар байни аҳолӣ: дар солҳои 1924–1929, Тоҷикистон дар ташкили маориф ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид, 328 мактаби ибтидоӣ, 4 мактаби ҳафтсола, 3 мактаби миёна ва 9 мактаб-интернат кушода, ба 14000 кӯдак таҳсилоти ройгон дод.

Ҳуҷҷатҳо шаҳодат медиҳанд, ки Абдуқодир  Муҳиддинов бо вуҷуди дар вазифаҳои баланд кор кардан дар Душанбе зиндагии хоксоронае доштааст. Ин ҳолат аз он маълум мешавад, ки мувофиқи қарори ҷаласаи ШКХ ҶМШС Тоҷикистон масъалаи ба А. Муҳиддинов расонидани кӯмаки молиявӣ ба миқдори 500 рубл баррасӣ шудааст[21].

Пас аз озод шудан аз вазифаи раиси Шурои комиссарони халқи  ҶШС Тоҷикистон А. Муҳиддинов як муддат, то соли 1930 вазифаи намояндаи Тоҷикистон дар Шурои иқтисодии Осиёи Миёна кор карда, то моҳи декабри соли 1933 вазифаи Раиси Шурои комиссарони таъминоти ҶШС Узбекистонро иҷро намуд.

Мутаассифона, хизматҳои Абдуқодир Муҳиддинов аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон дар замони зинда буданаш бо сабабҳои маълум қадр карда нашуданд. Мукофотҳое, ки А. Муҳиддинов сазовор шудааст, ба

замони фаъолияти ин сиёсатмадор дар ҶХШ Бухоро марбут мебошанд. Ӯ ду маротиба солҳои 1920 ва 1922 бо ордени Байрақи Сурхи ҶХШ Бухоро ва бо ордени Ситораи Сурхи дараҷаи 1 ҶХШ Бухоро мукофотонида шуда буду халос.

Тавре дар боло зикр намуда будем, маълумот дар бораи ин давраи фаъолияти меҳнатии Абдуқодир Муҳиддинов хеле кам мебошад. Ин аз он сабаб аст, ки баъди ҳабси ӯ ҳама гуна маълумот дар бораи вай ҷамъоварӣ ва нобуд карда шуда буд. Барои аз нав зинда намудани номи ин сиёсатмадори номвар "сафедкунии" соли 1958 басандагӣ накарда, танҳо пас аз оғози бозсозии шуравӣ ва ба даст овардани истиқлоли миллӣ номи Абдуқодир Муҳиддинов дар саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик аз нав барқарор шуд.

## 3.3. Инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар таҳқиқоти Абдуқодир Муҳиддинов

Замони наврасии А. Муҳиддинов ба даврае рост меояд, ки ҷомеаро воқеаҳои хело зиёду гуногуни сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фаро гирифта буд. Тавре маълум аст, Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIX ба мустамликаи Русияи подшоҳӣ табдил ёфт. Ҳамин тавр, қисмати асосии Осиёи Миёна чун як ҷузъи империяи Русия гашта, ҳар воқеаю ҳодисае, ки дар Русия ба амал меомад, бевосита таъсири он дар Осиёи Миёна эҳсос мегардид.

Бояд қайд намуд, ки ғамхории падар ва ҳамсафонаш ба ташаккули шахсияти А.Муҳиддинов таъсири мусбӣ расониданд. Ӯ дар 15-16 солагиаш ҳамчун шахси дорои андешаи истиқлолхоҳӣ тарбия ёфта, ҳаёти мардуми бечораи Бухорои амириро мавриди интиқод қарор дода, бо имзои мустаори «Бухороӣ» дар рӯзномаи «Вақт» чандин мақолаю матлабро чоп кардааст. намудааст. Дар ҳамин давраи ташаккулёбии ҷаҳонбинии сиёсию идории А.Муҳиддинов сар шуда, то вожгун шудани тахти амири Бухоро ба зиёиёну муслиҳгарони мамлакат дар саводомӯзии халқ ва таблиғоти илму

дониш ва фарҳанги мардум, омодасозии омма ба инқилоб хидмати шоиста анҷом додааст. Тавре олимон зикр менамоянд, мақолаҳои ӯ дар мавриди ташаккули афкори омма, тағйирот ва бедор шудани он бар зидди сохти Аморати Бухоро, созмондиҳии хуруҷҳои тӯдаи тараққихоҳи зиёиён ва меҳнаткашони кишвар бар зидди ҳукумати амир таъсири зиёд доштанд[109, с.55]

Абдуқодир Муҳиддинов ба оянда бо назари нек менигарист ва умеду орзуҳои зиёд дошт. Ӯ аз он хушнуд буд, ки халқ аз як системаи ҷаҳолатпешаи амирӣ озод шуданд. Пас аз табаддулоти соли 1920 дар Бухоро ӯ андешаҳои худро оид ба мавзуи зери назари мо, дар мақолае бо номи «Баъд аз хун ва оташ» дар шумораи аввали рӯзномаи «Бухоро ахбори» ба нашр мерасонад, ки дар он аз ҷумла чунин омадааст: «Баъд аз ҷудоиҳо ва парешониҳои умумии Ватан ва дар натиҷаи оташу хун, ки як намунаи вопасини истибдоди амир ва ҳукумати ӯст, имкони гуфтор ва баровардани овози ҳақро аҳолии Бухоро ба даст оварданд» [117]. Ба ин монанд, андешаҳои худро дар силсиламақолаҳои дигар дар ҳамин рӯзнома чоп намудааст. Мавсуф чун собиқ ҷадиди маорифпарвар ба нуқсонҳои соҳаи маорифи он замон бештар таваҷҷуҳ намуда, дар яке аз мақолаҳои хеш чунин менависад: «Талабаи улум 18 то 20 сол дар мадрасаҳои амир мегузарониданд, на аз дин ва на аз дунё хабардор намешуданд. Балки иқтидори такаллуми забони арабиро низ пайдо намекарданд» [117]. А. Муҳиддинов дар ин рӯзнома бисёр паҳлуҳои давлатдории амирони Бухороро бо далелҳои зиёд зери тозиёнаи танқид мегирад. Аз ин нуктаи назар ӯ бо вуҷуди харобкориҳои артиши сурх дар Бухоро руҳшикаста нашуда ба оянда бо умеди дурахшонию шукуфоӣ менигарист.

Абдулқодир Муҳиддинов дар раванди омодагӣ ба инқилоби Бухоро нақши бузург дорад. Дар остонаи инқилоби Бухоро якчанд маҷаллаю рӯзномаҳо дар шаҳрҳои гуногун ба нашр мерасиданд, ки аслан моҳият ва мазмуни инқилобӣ доштанд. А. Муҳиддинов дар баробари С. Айнӣ, А.

Мунзим, Ф. Хочаев, А.Фитрат, А. Ҳамдӣ ва дигарон пайваста мақолаҳои баландмазмун навишта, дар матбуот ба чоп мерасонд.

Бояд қайд кард, ки чадидон-чавонбухориёне, ки аз таъкиботи амир гурехта, дар Тошканд маскан гирифта буданд, баъд аз соли 1918 ва ташкили ҲК-и Бухоро забони танқидиашон нисбат ба беадолатиҳо ва умуман нолозим будани сохти амирӣ равшантару возеҳтар аз тариқи матбуот садо медод. Ҳамин тавр яке аз ин муҳочирони маорифпарвари намоён А. Мунзим менависад: «То сари соли 1920 дар Тошканд муҳочир будем. Дар ҳамин муддати муҳочират рӯз ба рӯз мароми фирқаи коммунистӣ(б) ва ҳукумати шуроиро фаҳмида, баъд аз он донистам, ки то ҳукумати амирӣ ва уламои вақфхӯру савдогарони ҳаннот барҳам нахӯранд, ранчбарони мамлакат рӯз намебинанд» [62, с.50-51].

Аз 28 июн то 13 августи соли 1920 дар шаҳри Тошканд бо ташаббуси А. Муҳиддинову ҳампаймононаш рӯзномаи «Қутулиш» (Озодӣ) нашр мешуд. Рӯзнома ҳафтае 2 маротиба бо ду забон - узбакӣ ва точикӣ то 3 ҳазор нусха чоп шуда, ба мардум ройгон тақсим мешуд. Рӯзномаи «Қутилиш» аслан нашрияи КМ ҲК-и Бухоро ба ҳисоб рафта, дар ташвиқоти зидди амирӣ мақоми хосеро касб карда буд. Аз рӯи қайдҳои Ф. Хочаев «кори газетаи «Қутилиш» асосан ба ихтиёри Садриддин Айнӣ ва Абдулқодир Муҳиддинов супорида шуда буд»[68]. ҳайати таҳририяи рӯзномаро А. Муҳиддинов, А. Ҳамдӣ, А. Мунзим, А Фитрат ташкил мекарданд. Аз миёни онҳо Абдулқодир Муҳиддинов ба сифати муҳаррири рӯзнома фаъолият менамуд. Дар рӯзномаи «Қутилиш» пайваста мақолаҳои танқидии А. Муҳиддинов, Ҳамдӣ, Фитрат, М. Саидчонов, Мунзим ва дигарон чоп мешуданд. Бо ташаббус ва кӯшишҳои А. Муҳиддинов дар идораи «Қутилиш» беҳтарин неруи эчодӣ чамъ оварда шуд.

Бояд хотирнишон намуд, ки давоми солҳои 1918 - 1921 нигоштаҳои эшон ба ғайр аз рӯзномаи «Қутилиш», инчунин дар мачаллаи ҲК Бухоро «Тонг» (Субҳ), аввалин мачаллаи точикӣ «Шуълаи инқилоб», мачаллаи шуъбаи занони ҲК Туркистон «Занони Туркистон», рӯзномаи ҲК

Туркистон «Иштирокиюн», рӯзномаи «Ҳуррият», рӯзномаи ҳизби ҷавонбухороиёни инқилобчӣ «Учқун» (Шарора), рӯзномаи «Бухоро ахбори» низ нашр мегардид.

Саҳми А. Муҳиддинов дар таъсис ва рушди ҳизби коммунистии Бухоро низ назаррас аст. «Муҳиддинов роҳбари яке аз фраксияҳои ҳизб буд» [143]. Аз ҷумла, вақте 15 декабри соли 1921 съезди V1 Ҳизби коммунистии Бухоро барпо гашт, тарафдорони А. Муҳиддинов 5-7 нафар буданд. Дар ин давра гурӯҳи «ростҳо»-и А. Муҳиддинов тавсия мекард, ки «Бухоро ба мисли Туркия бо роҳи буржуазӣ тараққӣ кунад ва ба кумаки давлатҳои империалистӣ умед дошт»[49,с.58-59]. Ин мавқеи фраксияаашро А. Муҳиддинов дар баромади хеш низ изҳор намуд. Аслан мубоꞏризаи ҳизбӣ дар Бухоро тезетунд буд. Ҳатто Г. Орҷоникидзе ин ҳолатро таъкид карда мегӯяд, ки дар баробари мустаҳкам шудани ҳукумати Файзулло мо бояд тамоми тадбирҳоро андешем, то ки онро на фақат аз унсурҳои зидди инқилоб, балки аз робитаҳои хешовандӣ низ пок гардонем. То имрӯз Файзулло кормандонро  аз рӯйи хешовандӣ ва қаробат интихобу таъйин мекард. Зарур аст, ки роҳи дигар интихоб шавад: таъинот бо назардошти сифатҳои кордонӣ ва бовиҷдонии ашхос. Қатъи назар аз он ки корманди мазкур ба кадом гуруҳ тааллуқ дорад – ба гуруҳи чап ё гуруҳи А. Муҳиддинов [109, с.59]

Дар масъалаи «вазъияти сиёсати дохилии республикаи Бухоро», ки дар сессияи фавқулоддаи КИМ Бухоро нимаи дуюми моҳи феврали соли 1922 барпо гардид,  суханронӣ намуда, А. Муҳиддинов қайд мекунад, ки он намояндагони ҳукумати Бухоро, ки бо босмачиён созиш карданд, револютсионер мебошанд. Ӯ мегӯяд, ки «дар байни босмачиён револютсионерони мо низ ҳастанд ва онҳо танҳо бо баъзе масъалаҳои револютсионӣ бо мо ҳамфикр нестанд, ба ин Усмон Хоҷаев, Алӣ Ризо Анварпошшои машҳур ва Дониёр мисол шуда метавонанд. Онҳоро бо Иброҳимбек ва Эшони Султон, ки мехоҳанд ҳокимияти амирро аз нав барқарор кунанд, ҳеҷ вақт баробар кардан мумкин нест» [109, с.70]. Ба

ақидаи А. Макашов А. Муҳиддинов бо ин роҳ онҳоеро, ки дар муҳосираи Душанбе даст доштанд, ҳимоя мекард.

Соли 1923 масъалаи нав кардани ҳайати роҳбарикунандаи ҶХШ Бухоро ба миён омад. Барои иҷрои ин супориш ба Бухоро Я.Э. Рудзутак ташриф овард. Вай бо кормандони масъули ҳукумати Бухоро вохӯрда, пленуми махсус доир намуд, ки дар натиҷаи он ҳайати нави Шурои Нозирони Халқи Бухоро муайян шуда, Абдуқодир Муҳиддинов раиси Шурои меҳнат таъйин мешавад [49, с.158].

Муборизаҳои сангини ӯ ба муқобили пантуркизму шохаҳои он дар солҳои минбаъда аз дарки ҳамин масъалаҳо аз ҷониби ӯ гувоҳӣ медиҳад. Ӯ ба ин масъалаҳо замоне сарфаҳм рафт, ки аллакай пантуркистон то ҷое зарари худро расонида буданд. Ҳамон тавре, ки худи А. Муҳиддинов менависад: «Мо, ҷадидони Бухоро, ки давраи тарбия ва инкишофи фикрии ибтидоии худро дар доираи инкишофи фикрии панисломизм ва пантуркизм дар Осиёи Миёна гирифтем ва дер замоне дар таҳти таъсири кулии мафкураи пантуркизм ва панисломизм будем» [120].

Мо бори дигар итминон пайдо менамоем, ки он ҳама талошу муборизаҳои гузаштагонамон ба хотири озодиву истиқлол чун мероси аҷдодӣ аз насл ба насл интиқол ёфта, боиси умри ҷовид пайдо намудани суннатҳои пурқиммати таърихиву фарҳангӣ ва забону адаби ғановатманди мо гардиданд. Мову шумо аз фарози қарни XXI бояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш насозем, ки озодӣ ва истиқлол муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат буда, саҳифаҳои пурифтихори озодихоҳиву ватанпарварии мардуми мо бо хуни ҳазорон далерону родмардони сарсупурда навишта шудаанд. Аз ин лиҳоз, истиқлоли мо дар умқи таърихи куҳанбунёдамон решаҳои амиқи иҷтимоиву фарҳангиро дорост.

Рӯзҳои аввали таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиолистии Тоҷикистонро яке аз сарварони он А. Муҳиддинов чунин тасвир мекунад: «Ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурияти Тоҷикистон «Кумитаи инқилобӣ» агарчи дар моҳи декабри соли 1924 муайян гардида, лекин бинобар сабаби дурӣ ва

сахтии роҳ дар моҳи марти соли 1925 қисми куллии узвҳои «Кумитаи инқилобӣ» ба маркази Ҷумҳурият дар шаҳри Душанбе ҷамъ омаданд ва аз 15-уми моҳи март расман идораи мамлакатро «Кумитаи инқилобӣ» ба дасти худ гирифт» [55, с.66]. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки дар он шароит вазъи Тоҷикистон аз ҷиҳати сиёсӣ хеле мураккаб буд. Дар баробари ин Тоҷикистони навташкил аз марказҳои асосии таърихӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худ дур монда буд ва дар собиқ Бухорои Шарқӣ, ки Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон дар заминаи он ташкил ёфта буд, ҳанӯз тартиботи феодалии амирӣ ҷой дошт.

Соли 1927 аниқтараш 15-уми март, ки рӯзи элон гардидани Ҷумҳурияти Тоҷикистон буд, аз тарафи ваколатхонаи Тоҷикистон дар шаҳри Тошканд маҷлиси умумӣ ташкил гардид. Дар чорабинии мазкур донишҷӯён, намояндагони ташкилотҳои сиёсӣ, меҳнакашони тоҷик ва сокинони муқими Тошканд дар маҷлис ҳозир буданд. Муҳиддинов А. дар мавзуи «Аҳволи иқтисодӣ ва сиёсии Ҷумҳурияти Тоҷикистон» баромад намуд. Ва мақолае таҳти унвони «Ҷавоб ба муносибати ҷашни дусолаи Ҷумҳурияти Тоҷикистон» дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба нашр расид. Аз тарафи шунавандагон саволҳо дода шуд ва хоҳиш намуданд, ки ҷавоби пурсишҳо ба воситаи рӯзномаи «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» нашр шавад. Муҳиддинов А.  чунин менависад «Чун адади саволҳо аз сад зиёдтар аст ва мазмуни як қисм саволҳо ҳам наздики якдигаранд, аз тарафи дигар саҳифаи рӯзнома имкони гунҷоиши тафсилоти бисёрро надорад, саволҳоро ба се қисми куллӣ тақсим намуда, ҷавоб гуфта мешавад» [114, с.3]. Саволҳои пешниҳод гардида чунин мазмун доштанд: Саволҳое, ки тааллуқ дар масоили сиёсати ҳукумат ва идораи мамлакат дорад. Дар Ҷумҳурияти Тоҷикистон ҳанӯз босмачӣ ҳаст ё на? Иброҳимбеки босмачӣ дар куҷо аст? Босмачиҳое, ки аз хоки Тоҷикистон гурехта ба Афғонистон рафтаанд, ҳукумати Тоҷикистон дар ҳаққи онҳо чӣ назар дорад? Дар муддати ду соли охир зиндагонии мардуми кӯҳистони Бадахшон чӣ андоза шудааст? Алоқаи Тоҷикистон бо Ӯзбекистон чигуна аст? Дар идораҳои

Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз тарафдорони истибдод ҳастанд? Ҳукумат дар ҳаққи онҳо чӣ муомила мекунад? Мардуми Хуҷанд тоҷик ҳисоб мешаванд ё ин, ки ба сабаби дар Ӯзбекистон буданашон ӯзбек ҳисоб мешаванд?

Чуноне, ки дар боло зикр намудем А. Муҳиддинов ба ҳамаи саволҳо посух гардонида ба шакли мақола пешкаши оммаи мардум гардонид.

Давраи мавҷудияти ҷумҳурии мухтор вазъияти сиёсии Тоҷикистон хеле вазнин буд. Ин масъаларо Муҳиддинов А. чунин ба қалам додааст: «Қувваҳои аксулинқилобии амир ва тарафдоронаш аз торикӣ ва нодонии оммаи фуқаро ва аз эътимоди душманони мардум ба уламои дин ва аз нопокии идораҳои Ҳукумати Шуроӣ, аз зотҳои нолоиқ ба хубӣ истифода мебурданд ва ҳамеша бо иғвову туҳматҳои сохта дар ҳаққи Ҳукумати Шуроӣ халқро аз Ҳукумати шуроӣ дур мекарданд» [55, с.68].

Кори ҳукумати навтаъсисро шарҳ дода, А. Муҳиддинов қайд мекунад, ки «яке аз вазифаҳои бузург зери масъулияти навбатии ҳукумати Ҷумҳурияти Тоҷикистон, идораҳои Ҳукумати Шуроиро аз одамҳои мухолифи усули Ҳокимияти Шуроӣ покиза кардан ва оммаи мардуми деҳқони камбағал ва миёнаҳолро ба корҳои шуро ҷалб намудан, шинохта шуд»...

Ҳукумати Шуроӣ дар вақте идораҳои ҳукумати худро шуроӣ медонад, ки роҳбарии идораҳо, ҳукми ҳокимият аз идораҳои поён, аз қишлоқҳо гирифта, то марказҳо ба дасти синфи ранҷбар бошад ва тамоми умури мамлакат ба дасти синфи мардикор, деҳқони камбағал ва миёнаҳол бошад, дар корҳои идораи мамлакат синфҳои мухолиф ҳеҷ таъсире надошта бошанд. Чунончи дар боло арз карда гузаштем, дар вақте ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гардид, идораҳои шуроӣ аз ахлотҳои мурдор пур буд, босмачигарӣ дергоҳ имкон надод, ки дар маҳалҳо, оммаи деҳқонони ранҷбар ба корҳои идории мамлакат ҷалб карда шавад ва шуроҳои ҳақиқӣ ба вуҷуд оварда шаванд.

Баъд аз несту нобуд кардани босмачиҳо аз тирамоҳи соли 1926 мумкин шуд, ки дар кори истеҳком додани усули Ҳокимияти Шуроӣ дар байни оммаи халқ иқдомоти ҷиддӣ карда шавад.

Ибтидои имороти шуроиро аз сари интихоботи Анҷумани якуми шуроҳои Тоҷикистон ҳисоб карда, дар моҳи октябр ва ноябр соли 1926 интихобот сар карда шуд. Дар аснои интихоботи синфи мухолиф – бойҳо, муллоҳо ва амалдорҳо кӯшиш карданд, ки дар сари шуроҳои ҷамоатҳо, иҷроияҳои тумонҳо, одамҳои тарафдор ва наздики худашон хоста шаванд, дар интихоботи махфӣ ва ошкоро бисёр тадбирҳо ва дасисаҳо карданд, лекин дар бисёр ҷойҳо комёб нашуданд. Ба муқобили бойҳо, амалдор ва муллоҳо аз тарафи ранҷбарон деҳқонони камбағал ва миёнаҳол дар маҳалҳо хеле муборизаҳо шуд. Синфи ранҷбар дар интихобот дар бисёр ҷойҳо ҷадидият нишон дода, муташаккил ҳаракат карданд. Аз бисёр маҷлисҳо бойҳо, амалдорон ва муллоҳоро бароварда пеш карданд ва тарафдорҳои онҳоро маълум карданд, дар натиҷаи интихобот 70 фоизи аъзои идораҳои шуроии маҳаллӣ тоза шуд, қисми куллии синфи мухолиф аз кор бароварда шуд.

Ибтидои моҳи декабри соли 1926 бо иштироки вакилони ранҷбарони ҳафт вилоят Анҷумани якуми Тоҷикистон кушода гардид. Дар анҷуман 323 нафар вакил иштирок намуданд, аз онҳо 12 нафар зан аз тамоми миллатҳое, ки дар Тоҷикистон истиқомат доранд, вакилҳо буданд. Чунончи аз тоҷикҳо 55 фоиз, аз ӯзбекҳо 14 фоиз, бақия аз форсҳо, қирғизҳо, туркманҳо ва русҳо» [55, с.75-76] буданд.

Фаъолияти шахсии А.Муҳиддинов ва Ҳукумати дар замони мухторият будаи Тоҷикистонро чунин тасвир кардан мумкин аст: дар ин давра баъд аз Анҷумани якум дар моҳи июли соли 1927 барои покиза кардан ва фаъол намудани шуроҳои деҳот ва бештар ҷалб намудани оммаи ранҷбаронро ба корҳои шуроӣ як маъракаи бузург гузаронида шуд, ки ин чорабиниҳо то андозае мардумро ба тарзи идоракунии низоми Шуравӣ наздик карданд. Оид ба фаъол гардидани аҳолӣ дар ҳаёти сиёсӣ-ҷамъиятӣ

А. Муҳиддинов менависад, ки «митингҳои гузаронидашуда: 110 маротиба, деҳқонҳо иштирок намуданд, 26 ҳазор кас. Дар қишлоқҳо, маҷлисҳо шуд: 444 маротиба, деҳқонҳо иштирок карданд 81 ҳазор кас. Маҷлисҳои калони шурои ҷамоатҳо 266 маротиба, деҳқонҳо иштирок карданд, 18 ҳазор кас. Маҷлисҳои калони иҷроияи тумонҳо ва районҳо шуд, 40 маротиба, деҳқонҳо иштирок карданд, 4 ҳазор кас. Ҷамъи маҷлисҳо 860 маротиба, иштирок намуданд, 129 ҳазор кас ва 5010 кас дар музокираҳо баромада гап заданд. Миқдори онҳое, ки дар маҷлисҳо иштирок карданд 7478 кас» [55, с.78].

Абдуқодир Муҳиддинов ҳамчун яке аз роҳбарони онвақтаи Тоҷикистон корҳои дар масоили иқтисодӣ ба анҷом расонида шуда буданд. ҳамзамон тадбирҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Шуроӣ дар бобати беҳбудии аҳволи иқтисодии оммаи деҳқони Тоҷикистон муқаррар ва иҷро гардид, роҷеъ ба истеҳсол, барои ба даст овардани мақсадҳое буд, ки дар ин ҷо зикр мекунем. Дар ин давра корҳои анҷомдодаи роҳбарияти ҶМШС Тоҷикистонро таҳлил намуда, ба натиҷае расидан мумкин аст, ки корҳои зиёд дар ҷумҳурии навташкили соҳибмухтор ба анҷом расонида шудааст.

Вобаста ба ин масъала яке аз роҳбарони ҷумҳурӣ А.Муҳиддинов чунин ибрози назар намудааст: ишти обӣ – дар замони ташкили Ҷумҳурияти Тоҷикистон, миқдори замине, ки кишти обӣ кардан мумкин буд, 130 ҳазор десиятин ҳисоб мешуд. Дар муддати дувуним сол ба 180 ҳазор десиятин расид. Тоҷикистон дар бобати зиёда кардани заминҳои обикорӣ қобилияти бузург дорад ва ба осонӣ метавонад, ки миқдори замини обкории навро то ба 640 ҳазор десиятин расонад [55, с.18].

Дар баробари ин роҳбарияти ҷумҳурӣ ба натиҷае расиданд, ки қисми куллии мардуми Тоҷикистон, ки дар кӯҳсорҳои камзамин зиндагонӣ мекунанд, яке аз вазифаҳои бузурги иқтисодии роҳбарият кӯчонидани деҳқонони камзамин аз кӯҳистон ба ҷойҳои нав обиёришуда мебошад ва бояд муҳоҷирати дохилӣ дар ин самт анҷом дода шавад. Дар ин кор иқдом шуд, ки ҳар сол то ду ҳазор хонаводаро ба ҷойҳои пахтакорӣ кӯчонида ҷой

диҳанд. Ҳамаи ин чорабиниҳо аз замони ташкил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон сар карда, барои рушди пахтакорӣ дар водиҳо мусоидат намуд. Аз ҷумла, тавре ки қайд гардидааст: «Дар соли 1925 миқдори кишти пахтаи Тоҷикистон 1800 десиятин шуд. Соли 1926, 8000 десиятин ва соли 1927, 18000 десиятин ва дар соли 1928 аз рӯйи пилон (реҷа)-и ҳукуматӣ бояд 35000 десиятин пахта кишт карда шавад. Аз тарафи хулопком дар Тоҷикистон ҳафт адад, зовуди пахта бино карда шуд»[55, с.18].

Дар баробари ин ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон барои рушди пахтакорӣ ва дигар зироатҳои соҳаи кишоварзӣ зарур донист, ки ба деҳқонон қарз диҳад. Ба масъалаи қарз додан ба деҳқонон дахл намуда, А. Муҳиддинов чунин изҳори андеша намудааст: Ғайр аз асбоби муқаррарии деҳқонӣ аз асбобҳои нав, мисли трактор ва ғайра низ оварда, ба деҳқонҳо дода шуд, лекин асбоби деҳқонии нав ва мошинӣ ба оҳистагӣ расм мешавад. Дар соли 1926, ба маблағи 237 ҳазор сӯм асбоб оварда шуд. Дар соли 1927 мувофиқи қарор бояд ба маблағи 650 ҳазор сӯм асбоб оварда шавад [55, с.82].

Дар ин масала, бояд қайд намуд, ки аз ибтидои таъсиси ҷумҳурии мухтор масъалаи роҳсозӣ барои кишвари мо, ки дар минтақаи бештари кӯҳистон ташкил гардида буд, аҳаммияти калон дошт. Чун ки роҳ ҳамчун артерияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва беҳбудии вазъи зиндагии мардум нақши калидӣ дорад ва роҳбарони Ҷумҳурияти Мухтори Тоҷикистон аҳаммияти роҳро барои ояндаи кишвар хуб дарк карда буданд, зеро роҳ яке аз омилҳои бунёдии рушди иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад. Абдуқодир Муҳиддинов аҳаммияти калони роҳҳоро дар рушди иқтисодии Тоҷикистон таъкид намуда, менависад, ки Роҳ аз Душанбе то ба Тирмиз; масофаи 230 километр барои рафту омади автомобил дуруст карда шуд, рафту омади офтомобил ҷорӣ гардид, роҳи оби дарёи Омӯ аз Тирмиз то сарои Камари Чиликӯл ба масофаи 210 километр ислоҳ карда шуда, рафтуомад пурохуд зиёда гардид ва миқдори пурохудҳо низ зиёда карда шуд. Роҳи офтомобили байни Душанбе-Қурғонтеппа- Чилдкӯл-Сароикамар-Кӯлоб ба масофаи 335

километр, то баҳори оянда тамом дуруст карда мешавад, ҳоло ба кор сар карда шуд ва ин роҳ, якҳазору дусад мардикор машғули корист [55, с.85-86]..

Дар баробари ин, дар ин марҳилаи рушди ҷумҳурӣ роҳи ҳавоии байни Душанбе-Тирмиз-Самарқанд-Тошканд мунтазам ташкил шуд ва роҳи ҳавоии байни Душанбе- Кӯлоб ба қадри зарурӣ бунёд гардид. Ҳамчунин бунёди роҳи оҳани Душанбе-Тирмиз, муайян гардида, ба кор сар карда шуд, ки тавре мо шоҳид ҳастемсохтмони он охири моҳи августи соли 1929 ба охир расида, 11-уми сентябри соли1929 аввалин қатора тавассути он ба шаҳри Душанбе  омад, ки воқеаи хеле фараҳбахш ва таърихӣ барои мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад.

А.Муҳиддинов  вобаста ба бартараф намудани бесаводӣ, ки дар ҷумҳурии Мухтор анҷом дода шуда буд, баррасӣ намуда, иброз намудааст, ки дар замони ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми шарқии Бухорои собиқ, ки қисми асосии Тоҷикистон аст, 6 адад мактаб, 151 нафар талаба буд. Ба сабаби набудани муаллимҳо, аз мардуми маҳаллӣ ва набудани китобҳои нав, ба забони тоҷикӣ ба кори пешбурдани маориф, хеле душворӣ дар пеш меоварад [55, с.88].  Воқеан дар ин давра дар ду соли аввали фаъолияти Кумитаи иҷроияи марказии шуроҳо дар ҷумҳурӣ корҳои муайян анҷом дода шуда буд.

Ҳамзамон, дар такя ба факту рақамҳои дар зер овардашуда, муайян мегардад, ки шумораи  макотиби ибтидоӣ дар соли 1927 дар ҷумҳурӣ зиёд шудааст. Аз ҷумла, дар ин мрҳила барои тоҷикҳо 102 – адад, барои узбекҳо 35 – адад, барои туркониҳо 3 – адад, барои қазоқҳо 3 – адад, барои русҳо 2 – адад, ҷамъ: 145 адад, миқдори талабаҳо 5024 – нафар. Миқдори мактабҳои рушаннамоӣ- сиёсӣ, мактабҳои барҳамдиҳандаи бесаводӣ 90 – адад, мактаби шуроӣ ва фирқа 1 – адад, мактаби камсаводҳо 2 – адад, курси пиёнирҳо 1– адад, курси ёшҳо 1 – адад, ҷамъ: 95 адад мактабҳо амал мекарданд.  Дар баробари ин дар шаҳри Тошканд аз ҳисоби камиссариати маорифи Тоҷикистон, дорулмуаллимини тоҷикон амал мекард, ки дар он

ҷо 200 нафар талаба, машғули таҳсил буданд. Ҳамзамон, ғайр аз онҳо шумораи тақрибан 300 нафар талабаи Тоҷикистон дар мактабҳои миёна ва факултети коргарии шаҳрҳои Тошканд ва Масква таҳсил мекарданд.

Кори нашриёти давлатии Тоҷикистонро баҳогузорӣ намуда, ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки баъд аз ташкил намудани нашриёти давлатии Тоҷикистон дар Самарқанд, бо мадади қувваҳои марказҳои илмӣ-фарҳангии тоҷикон – Самарқанд – Бухоро ва Хуҷанд кори табъу нашр рӯ ба рушд ниҳода буд.

А. Муҳиддинов зикр менамояд, ки: «дар муддати нуҳ моҳи соли 1927 китобҳое, ки аз чоп баромадааст: 51 – адад, аз инҳо китобҳои мактабӣ 23 – адад, китобҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ 21 – адад, адабиёти нафиса 6 – адад, дар муддати ним сол гузашта ва соли ҳозира, дар маҷмуъ мададҳои иттифоқи ҷумҳуриятҳои шуроӣ ба Тоҷикистон ба маблағи 25 миллион сӯм мерасад. Тараққӣ ва инкишофи иқтисодӣ ва мадании моро ин мададбардорӣ асос шуд.

Тавре ҳодисоти охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ гувоҳӣ медиҳанд, сиёсати пантуркизм, ки дар ин давра дар Осиёи Миёна паҳн шуд, дар ибтидои замони шуравӣ ба ҷумҳурии тозатаъсиси Узбекистон интиқол ёфта, ба сиёсати пинҳонамалкунандаи шовинизми узбекӣ табдил ёфт, ки дар ин бора дар ҷилди панҷуми асари бисёрҷилдаи “Таърихи халқи тоҷик” муфассал гуфта шудааст. А. Муҳиддинов, ки дар ибтидо худ ба ин ҷараён гаравида буд, баъдан мегӯяд, ки натиҷаи саҳвҳо, хато ва хиёнатҳои сиёсие, ки дар замони давоми Ҷумҳурияти Бухоро таҳти таъсири мафкураи пантуркизм ва панисломизм ба вуҷуд омада буд, чун мерос ба Ӯзбакистон расид. Ин хато ва хиёнатҳои сиёсӣ, ки аз Ҷумҳурияти Бухоро ба Ӯзбакистон чун мерос расид, аз тарафи Ӯзбакистон ислоҳ карда нашуд, балки тақвият ёфт.

Пас аз мутолиа намудани мақола ва нигоштаҳои А. Муҳиддинов пеш аз ҳама барои дифоъ аз миллат, забон, давлат ва нажод шоҳид шудан ҷои шак нест. Дар мақолае таҳти унвони «Фикрҳои мо дар бораи забони

адабии тоҷикӣ» менависад: «Дирӯз китобе дар идораи «Шафақи Сурх» дидам, ки ҳамон хурсандиро ба ман бахшид. Ва беихтиёр маро мутаҳаррик шуд, ки ин чанд сатрро бингорам. Ин китоб маҷмӯа аст. «Намунаи адабиёти тоҷик» дар Самарқанд таълиф ва дар Маскав ба табъ расидааст. Гирдоварандаи ин китоб аз уламои муосир Садриддин Айнӣ аз аҳрори он диёр ва аз удабои номии диёри хеш ва аз зумраи мафохири забони мо дар Туркистон аст» [55, с.90]. Қайд кардан ба маврид аст, ки «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Устод Айнӣ бо супориш ва дастгирии бевоситаи Муҳиддинов мебошад. Инро худи Устод Айнӣ дар сарсухани китоби мазкур қайд кардаанд.

Муҳиддинов А. дар мақолаи худ, ки таҳти унвони «Тоҷикистон ҳафтумин ҷумҳурияти иттифоқ мешавад» соли 1929 дар рӯзномаи «Раҳбари дониш» нашр гардидааст, дар бораи чӣ гуна раҳо шудан аз душвориҳои солҳои гузашта ва расидан ба як давлати соҳибихиёр, чунин менигорад: «Имрӯз Тоҷикистон ба дараҷае расидааст, ки яке аз ҷумҳуриятҳои мустақили Иттифоқ мешавад. Ба ин муносибат аҳволи гузаштаи Тоҷикистонро ёдоварӣ кардан ва аз аҳаммияти ояндаи он мухтасар гуфтан бефоида нахоҳад буд.» [114]

Охирон маротиба матне, ки А. Муҳиддинов дар ҳафтаномаи «Тоҷикистони сурх» соли 1933 чоп намуд, ин дар бораи А.Лоҳутӣ зери унвони «Лоҳутӣ ва инкишофи адабиёти пролетарии тоҷик буд». Дар мақолаи болозикр Муҳиддинов доир ба фаъолияти Лоҳутӣ чунин менависад: «Лоҳути аввалин касест, ки дар байни мардуми тоҷик-порсизабон барои эҷоди инкишофи адабиёти пролетарӣ қадам гузоштааст ва дар ин роҳ қудрат ва хидмати бемонанд иброз намудааст»[115].

Омӯзиш ва ташвиқу тарғиби ҳаёт ва фаъолияти аввалин сиёсатмадорони тоҷик, ки дар солҳои 20-уми асри XX барои бунёди давлатдории навини тоҷикон заҳмат кашидаанд, барои тарбияи насли наврас, ватандорӣ ва баланд бардоштани ҳуввияти миллии мардуми тоҷик,

барои расидан ба қадри истиқлоли давлатӣ ва ҳифзи он аҳаммияти калон дорад.

Бо вуҷуди хидматҳои анҷомдодаи Абдуқодир Муҳиддинов имрӯз ба таври зарурӣ корномаи вай барои ҷомеаи мо рӯшан нест. Имрӯз, дар ин шароити мусоиди худшиносӣ, воқеаву ҳодисаҳои гузаштаро баррасӣ намудан, ба онҳо баҳо додан, гоҳо ноҳақ танқид кардан осон шудааст. Лекин солҳои бистум, ки замони хеле ҳассос, айёми тақдирсози халқу миллатамон буд, барои домулло Айнӣ, Абдуқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шотемур, Чинор Имомов осон набуд, ки ҷонашонро ба каф гирифта, ба корҳои таърихгардонӣ ва миллатсозӣ даст зананд[154].

Аз ин рӯ, лозим аст, ки дар марҳилаҳои минбаъда низ муҳаққиқон атрофи паҳлуҳои алоҳидаи фаъолияти сиёсию ҷамъиятии А. Муҳиддинов тадқиқотҳои алоҳида анҷом бидиҳанд. Яке аз чунин муборизони ҷоннисор Абдуқодир Муҳиддинов буд, ки солҳои баъдӣ аз дасти душманони синфӣ бо тамғаи «миллатчӣ» қурбон гашт. Алҳол, ба ҷуз муҳаққиқони бахши таърих, донишмандони насли калонсол ва ашхоси ҳушманиш, боқӣ чӣ гуна шахс будани Абдуқодир Муҳиддиновро хуб дарк намесозанд [154]

Ҳамин тариқ Абдуқодир Муҳиддинов натанҳо бо фаъолияти кории хеш, балки бо навиштани асару мақолаҳо, ҳамкорӣ бо шахсиятҳои фарҳангӣ, аз қабили С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, дар бунёди давлатдории навини тоҷикон дар ибтидои асри XX саҳми сазовору арзанда гузоштааст.

# ХУЛОСА
## I.НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИСЕРТАТСИЯ

Баррасӣ ва омӯзиши ҳаматарафаи зиндагинома ва фаъолияти самарабахши ходими намоёни давлатию ҳизбии яке аз бунёдгузорони Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон Абдуқодир Муҳиддинов барои мардуми кишварамон, бавижа ҷавонон хеле муҳим мебошад. Омӯзиши фаъолияти самарабахшу таъсиргузори фарзанди фидоии миллат А. Муҳиддинов ба эҳёи давлату давлатдории навинамон робитаи ногусастанӣ дошта, саҳми ин абармарди дунёи сиёсатро дар солҳои 20-ум -ибтидои солҳои 30-юми асри ХХ дар ташаккул ва рушди низоми идорӣ, талошҳо барои ҳуқуқҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар ҶХШБ ва ибтидои ташаккули ҶМШС Тоҷикистон хеле ибратбахш мебошад.

Дар шароити таҳдидҳои замони муосир зинда кардани номи неку корномаии Абдуқодир Муҳиддинов ҳамчун меҳанпарасти асил, шахси донишманду худшинос барои такмил ва тақвияти ватандӯстӣ дар байни аҳолӣ нақши созанда дорад, зеро бунёд ва рушди давлатдории муосири тоҷикон ба худшиносию хештаншиносии мардум иртиботи мустақим дорад. А. Муҳиддинов шахси некзамир, хештаншинос, дорои донишу маҳорати баланди касбӣ буд, ин сифатҳои роҳбариаш ҳамчун намунаи роҳбари ормонӣ аҳаммияти авалиндараҷа доранд. «Абдуқодир Муҳиддинов ба оянда бо назари нек менигарист ва уммеду орзуҳои зиёд дошт. Ӯ аз он хушнуд буд, ки халқ аз як системаи ҷаҳолатпешаи замони амирӣ озод шуд» [4-М].

Дар шароити давлатдории муосир баррасии зиндагиномаи шахсиятҳои машҳури таърихи навинамон, ки дар поягузории аввалин давлати нави тоҷикон дар садаи ХХ саҳми сазовор гузоштаанд, авҷ гирифт. Мо итминони комил дорем, ки зиндагиномаи чунин шахсони сарсупурдаи

миллат дар замони истиқлоли давлатӣ барои ҳифзи истиқлол ва дигар арзишҳои миллӣ мусоидат хоҳанд кард.

Аммо дар замони шуравӣ новобаста ба сафед кардани номи нек ва кору пайкори фарзанди асили миллат Абдуқодир Муҳиддинов дар солҳои 60-70-уми асри сипаригардида ҷониби олимон ба корнамоиҳои ӯ камтар буд. Ин ҳолат дар нимаи аввали солҳои 80-ум ва ҳатто давраи "бозсозӣ"-и горбачёвӣ низ идома ёфт. Яъне, хизматҳои шоистаи як фазанди некноми тоҷик ба ҳайси арбоби намоёни ҳизбию давлатӣ ва талошҳояш барои ҳифзи ҳуқуқи тоҷикон ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта буд. Аксари мардуми тоҷик дар бораи корномаи ин фарзанди донишманду худшинос, ки ташаккули Тоҷикистони Шуравӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ, дастгирии намояндагони илму адаби тоҷик, аз ҷумла устод Садриддин Саидмуродзодаи Айнии Бухороӣ саҳми арзанда гузошта буд, барои мардуми мо муаррифӣ нагардида буд. Танҳо дар охири давраи "бозсозӣ" аввалин мақолаву очеркҳо пайдо шуданд, ки номи Абдуқодир Муҳиддиновро ба мардумии Тоҷикистон аз нав муаррифӣ намуданд.

Тавре маълум гардид, ба корномаи А. Муҳиддинов аслан пас аз бозсозии ба ном «горбачёвӣ» аз тарафи чанд нафар донишмандони тоҷик ва ӯзбек таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Ин падида пасон дар замони соҳибситиқлолии Тоҷикистон идома ёфт.

Бояд қайд намуд, ки ташаккули шахсияти ҳар як инсони некзамиру бедордилу фарҳехта ва миллатдӯст ба андешаву афкори ҷамъиятии замони зиндагии ӯ вабаста аст. Дар замоне, ки равияҳои иртиҷоъпарасти ибтидои садаи XX дар Осиёи Миёна аз қабили: панисломизм, пантуркизм ба афкору зеҳни бисёр донишмандони ин давра таъсири амиқ расонида буданд, Абдулқодир Муҳиддинов ҳам бо таъсири тоҷикони туркпараст Файзулло Хоҷа ва Абдурауфи Фитрат ба андешаҳои ботили ин равияҳои сиёсии зиддитоҷикӣ пайравӣ карда буд. Аммо бузургии Абдуқодир Муҳиддинов дар он аён мегардад, ки ӯ ҳамчун донишманди фарҳехтаи ояндабин дарк намуд, ки дар худшиносию хештаншиносии миллии худ ба иштибоҳ роҳ

додааст ва зуд маҷрои андешаи худро дигар карда, ба ҳифзи манфиатҳои тоҷикон дар қаламрави Бухоро рӯ овард ва то вопасин рӯзҳои зиндагиаш барои пешрафти Тоҷикистони Шуравӣ ва бедор кардани ҳуввияту хештаншиносии ҳамзабонони хеш камар баста, барои бедории миллии тоҷикон хизмати содиқонаю шоистаро анҷом дод.

Воқеан, «Абдуқодир Муҳиддинов ҳамчун яке аз поягузорони ҶМШС ва ҶШС Тоҷикистон аз ходимони намоёне ба шумор меравад, ки хело самаранок ва хирадмандона аз гардишҳои замон барои ватану миллат самар бардошт ва барои ҷовидонагӣ номаш дар қалби миллат чун намоди некӣ боқӣ монд» [3-М].

Тавре маълум аст, Абдуқодир Муҳиддинов писари Муҳиддин Мансурови Бухороӣ, зода ва парвардаи ин шаҳри бостонӣ ва гаҳвораи тамаддуни тоҷикон мебошад. Ҳарчанд ӯ аз таъминоти моддӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун фарзанди яке аз сармоядорони Бухоро ягон мушкилӣ надошт, вале муҳити ноустувори маънавии Аморати Бухоро ва зиндагии фақиронаи мардуми азияткашидаи он ӯро ором намегузошт. Ислоҳи минбаъдаи маънавию фарҳангӣ, низоми маорифи касоду каммаҳсул ӯро водор кард, ки барои донишандӯзӣ таҳсилро дар шаҳри Истамбули Туркия идома диҳад.

Вазъи мураккаби сиёсию иқтисодӣ дар ибтидои садаи XX дар Аморати Бухоро, ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои сиёсӣ дар Осиёи Миёна ва бо таъсири андешаҳои мусбии маорифпарваронаи ҷадидони Бухоро, ки худ яке аз фаъолони он буд, ӯро ба сиёсати замонаш ҳамқадам намуданд ва кӯшиш намуд, дар чунин вазъи зудтағйирёбанда дар тарозуи муросокорона ва огоҳона бояд ба нафъи сарзамини аҷдодӣ ва беҳбудии иҷтимоии мардуми он, махсусан фарзандони огоҳаш кору пайкор намояд.

Тағйиротҳои инқилобӣ, ҳодисаҳои сиёсии он давраҳо ба мисли «ғалабаи Инқилоби октябр барои Абдуқодир Муҳиддинов як имконияти хело мусоид буд» [2-М], ин равшанфикри асил дар чунин марҳилаи ҳассос кӯшиш намуд, ки ба манфиати давлату миллати худ камари ҳиммат

бандад. Маҳз баррасии ҳамин марҳилаи фаъолияти самарабахш ва корномаи Абдуқодир Муҳиддинов собит месозад, ки ӯ ба низоми нави сиёсӣ ва бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ андешаҳои хешро мутобиқ гардонад, то дар роҳи бунёди ҷомаеи ормонӣ дар Аморати Бухоро саҳми бештар гузорад. Қобилияти баланди ташкилотчигӣ, малакаю маҳорати касбӣ ва шоистасории Абдуқодир Муҳиддиновро ба инобат гирифта, дар ин марҳилаи ҳассос ӯро ба вазифаҳои масъули ҶХШБ таъин карданд. Ӯ нахустин арбоби давлатии замони хеш буд, ки дар ҳамовозӣ ба муроҷиатномаи Ҳизби Коммунисти(б) Бухоро ба фаъолияти таблиғотию корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба низоми нави давлатдории шуравӣ ва мубориза ба мухолифини сохти нави идоракунӣ пардохт. «Вай дар заминаи хиради инсонӣ, бо назардошти равандҳои сиёсии замон хело огоҳонаю зиракона баҳри ҳифзи манфиатҳои халқ талош намуд» [2-М]. Кордонию масъулиятшиносӣ ва таҷрибаи андӯхтаашро ба инобат гирифта, ӯро ба мансабҳои баланди масъули Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро муносиб донистанд. Ҳанӯз дар ибтидои таъсисёбии ҶХШБ вай дар вазифаҳои масъул, аз ҷумла раиси Кумитаи инқилобии ҶХШБ ва баъд аз гузаронидани тақсимоти миллию марзии дар Осиё Миёна арбоби намоёни ҳизбию давлатӣ Абдуқодир Муҳиддинов дар вазифаҳои масъул, аз ҷумла, муовини раиси Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон, Раиси банақшагирии давлатӣ ва Комиссари савдои дохилии Тоҷикистони навташкил ва Раиси ШКХ ҶМШС Тоҷикистон хизмат кард. Барои расидан то чунин вазифаҳои баланд ӯ дар давоми ширкат дар ҳаракати ҷавонбухориён, ҳамкорӣ бо рӯзномаҳои даврӣ ва ширкат дар сарнагун намудани сохти амирӣ таҷрибаи бои сиёсӣ пайдо намуда, дар муборизаи шадид алайҳи пантуркизм обутоб ёфт. Мақолаҳои ӯ, суханрониҳо ва кӯшиши амалии вай ба бунёди давлати нави тоҷикон мусоидат намуданд. «Мақсади ягонаи ӯ, ки ҳифзи манфиатҳои мардуми оддӣ ва ободии ватан буд, пеши роҳашро гирифта натавонистанд» [4-М].

Таъсиси давлати нави тоҷикон дар моҳи октябри соли 1924, новобаста ба мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва беаҳаммиятӣ нисбати сарнавишти тоҷикон, роҳ додан ба беадолатиҳо дар харитаи ин сарзамин пайдо шудани номи Тоҷикистон барои Абдулқодир Муҳиддинов ва ҳамсафонаш пирӯзии сиёсӣ ва роҳи асосии расидан ба ҳадафҳои бунёди заминаҳои давлати миллӣ мебошад.

Дар ин марҳилаи тақдирсоз, новобаста аз нуфузу фишори неруҳои зиддитоҷикӣ, таъсиси ҶМШС Тоҷикистон барои А. Муҳиддинов ва ҳамсафонаш ва кулли мардуми тоҷики Осиёи Марказӣ аҳаммияти бузурги таърихӣ ва ҳуввиятсозӣ дорад. Ба ҳайси як намояндаи миллати тоҷик Абдулқодир Муҳиддинов кӯшишу талошҳои зиёд намудааст, то тоҷикон аз ҷиҳати этникию забонӣ ва ҳуввияти миллӣ дар як ҷумҳурии миллӣ мутаҳид шаванд.

Таҳия ва ба нашр расонидани мақолаҳои пурмуҳтаво оид ба ҳифзи манфиатҳои этникӣ, забонӣ ва муштаракоти ҳуввияти миллӣ дар солҳои фаъолияти самарабахши Абдуқодир Муҳиддинов андешаҳои моро нисбати шахсияти ӯ тасдиқ мекунад” [3-М].

Пас аз анҷоми тақсимоти миллии ҳудудии Осиёи Миёна ва таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1924 аз сабаби ноорамии минтақа ва идомаи мубориза бо босмачигарӣ дар Тоқикистон гузариши ҳокимият ба шуроҳо имконнопазир буд, бинобар ин дар Тоҷикистон кумитаҳои инқилобӣ нигоҳ дошта шуданд. Мақомоти олии ҳокимият дар шакли Кумитаҳои инқилобӣ боқӣ монд. Абдуқодир Муҳиддинов ба ҳайси муовини раиси Кумитаи инқилобӣ пазируфта шуд. Ӯ аз моҳи декабри соли 2026 дар Анҷумани якуми муассисон ба мансаби олии ҳокимияти давлатӣ Раиси Шурои Коммисарони Халқи ҷумҳурии мухтор интихоб гардида, ҳамчун шахси дуюми роҳбарияти олии Тоҷикистони Шуравӣ бо машаққатҳои зиёд дар ташаккул ва рушди низоми идоракунӣ, рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҶМШС ва ба ҷумҳурии иттифоқӣ

табдил додани он саҳми арзанда гузошт, ки хизматҳои ин фарзанди асили миллатро мо бояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунем.

То имрӯз дар бойгониҳо маводҳои зиёде дар бораи талошҳо ва фидокориҳои яке аз аввалин поягузорони Тоҷикистон маҳфуз мондаанд, ки ин андешаҳои моро нисбат ба корномаҳои ӯ собит менамоянд.

Яке аз хизматҳои арзандаи роҳбарияти ҷумҳурӣ баргардонидони фирориёни маҷбурии ибтидои Ҳукумати Шуравӣ дар қаламрави Тоҷикистон мебошад, ки дар ин кори башардӯстонаю миллатсозӣ саҳми Нусратулло Махсум, Абдулқодир Муҳиддинов, Шириншо Шоҳтемур ниҳоят бузург аст.

Абдуқодир Муҳиддинов ҳамчунин дар мубориза ва шикасти нерӯҳои зиддишуравӣ ва таъмини зиндагии осоиштаи мардуми тоҷики собиқ Бухорои Шарқӣ ва ибтидои таъсисёбии Тоҷикистон нақши босазо гузоштааст. Дар баробари ин, ба хотири пешгирии фоҷеаи миллӣ ӯ кӯшиш мекард ихтилофҳои дохилӣ бештар бо роҳҳои гуфтушунид ва якдигарфаҳмӣ баррасӣ карда шаванд.

Абдулқодир Муҳиддинов ҳамчун яке аз шахсиятҳои калидии Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон ба ҳайси инсони донишманду фарҳехта, новобаста ба серкориаш ба кори илмию эҷодӣ машғул шуда, китоби арзишманде таҳти унвони «Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Уктобр чӣ дод?»-ро таҳия намуда, аз аҳволи мардум, мактабу маориф, соҳаи тандурустӣ, кишоварзӣ ва роҳсозӣ маълумоти арзишмандро дар бораи дастовардҳои Тоҷикистон таҳлил намуда, нақши ин ниҳодҳоро барои рушди минбаъдаи Тоҷикистон инъикос мекунад.

Талошҳои Абдуқодир Муҳиддинов ва ҳамсафони ӯ барои пешрафти иҷтимоӣ, иқтсодӣ, кишоварзӣ, коммуникатсия ва тамоми самтҳои дигари фаъолияти хоҷагии халқи ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон натиҷаҳои наззаррас доданд. Аз ҷумла, дар давраи солҳои 1924-1930 дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ шумораи бештари корхонаҳои саноатӣ, хоҷагиҳои коллективӣ (колхозҳо), хоҷагиҳои советӣ (совхозҳо), роҳҳои

автомобилгард, роҳи оҳани Тирмиз - Душанбе, артелҳои кишоварзӣ, стансияҳои машину трактор (МТС)-ҳо, муассисаҳои таълимӣ, фарҳангию равшаннамоӣ, китобхонаҳо, клубҳо ва ғайра бунёд ва сохта шуда, мавриди амал қарор дода шуданд.

Ҳамин тавр, Абдуқодир Муҳиддинов ба ҳайси арбоби намоёни давлатию ҳизбӣ дар ташаккул ва рушди ҶМШС Тоҷикистон ва ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додани ҷумҳурӣ саҳми арзанда гузоштааст ва кору пайкори ӯ ва ҳамсафонаш барои ҳифзи манфиатҳои миллии тоҷикон дар солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри гузашта як саҳифаи дурахшони миллат буда, номи неки ӯ дар саҳифаи таърихи миллат бо хатти зарин сабт гардидааст.

**II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Бо мақсади истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот чунин тавсияҳо пешниҳод мешаванд:

- Бо мақсади қадршиносии хизматҳои А. Муҳиддинов ба ҳайси муовини раиси Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ва аввалин раиси Шурои Комиссарони Халқи Тоҷикисон (раиси Ҳукумат), кору пайкор ва ҷонбозиҳояш барои ҳуқуқҳои мардуми тоҷик дар солҳои 20-уми асри XX ворид намудани номи неки ӯ ба барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии таърихи халқи тоҷик барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар якчанд шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ номи шаҳрак, деҳа, хиёбону кӯча ва мактабҳо ба номи неки Абдуқодир Муҳиддинов гузошта шавад;
- ба хотири қавӣ гардонидани хотираи таърихӣ ва ифтихори миллии мардуми кишвар дар пойтахт шаҳри Душанбе нимпайкараи А. Муҳиддинов гузошта шавад;
- ҷамъоварӣ намудани осори А. Муҳиддинов ва дар шакли як маҷмуа нашр намудани осори ӯ барои шинохти бештари эҷодиёти ин донишманди асил мусоидат хоҳад кард;

- таҳияи филми мустанад оид ба ҳаёт ва фаъолияти ҳизбию давлатии А. Муҳиддинов дар солҳои 1917-1934;

- тарғибу ташвиқи зиндагинома ва кору пайкори А. Муҳиддинов тавассути Васоити ахбори оммаи давлатӣ;

- ташкил ва баргузор намудани як ҳамоиши илмии байналмилалӣ бо мақсади қадршиносии хизматҳои А. Муҳиддинов ҳамчун арбоби намоёни ҶХШБ ва ҶШС Тоҷикистон.

# НОМГӮИ МАЪХАЗҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

## СУХАНРОНИҲО, МАЪРУЗАҲО ВА АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН:


1. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Пойдевори ҳамаи комёбиҳо ваҳдати миллист [Матн]: Дар маросими таҷлили рӯзи Ваҳдати миллӣ // Минбари халқ. – 2006. – 27 июни соли 2006.
2. Раҳмонов, Э. Ш. Фарҳанг ҳастии миллат аст [Матн] / Э. Ш Раҳмонов. – Душанбе, 2001. – 68 с.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор [Матн] Р. Эмомалӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 364 с.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. [Матн]: Аз Ориён то Сомониён / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 2016. – 666 с.


### Руйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда.

### САРЧАШМАҲО


5. Бойгонии давлатии таърихи навтарини Тоҷикистон (БДТНТ). – Х.1. – н.1. – д.12.
6. Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Х. 10. – н.1. – д.16. – в.8 - 5.
7. Бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Х.10. – оп.3. – Д.111. – Л.4
8. БДМ ҶТ., – Х.12. – Н.1. – Д.4. – в. 53 - 77.
9. БДМ ҶТ., – Х. 9. – Н.94. – Д. 44.
10. БМ КМ ҲКТ., – Х. 1. – Н.1.– Д.12. – в.17
11. БМД ҶТ., – Х.11. – н.3. – Д. 342.
12. РГАСПИ., Х. 62, н. 2, д. 116, в. 50-52. // Аламшоев К. Где бы то ни было, среди таджиков. –Душанбе, 2016. – С. 253.

13. Российский государственный архив социально-политической истории (минбаъд – РГАСПИ)., Х. 17, оп.111, д. 636, л-4-5. // Аламшоев К. Где бы то ни было, среди таджиков. –Душанбе, 2016. –С. 261 – 262.
14. Бойгонии давлатии таърихи иҷтимоӣ- сиёсии Россия. – Х. 17. – Оп. И. – Д. 73. – Л. 5., Д.100. - Л. 2.
15. Бойгонии давлатии таърихи иҷтимоӣ- сиёсии Россия. - Х. 62. – Оп. 2,
16. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Узбекистон – х, 1.– д.1– в.101 (86, 93,837,
17. БМД ҶУз. Х. 48, н. 1, д. 19, в. 580.
18. БМД ҶУз. Х. 17, н. 1, д. 441, в. 50.
19. БМД ҶУз. Х. 17, н. 1, д. 28, в. 29.
20. БМД ҶУз. Х. 17, н. 1, д. 48, в. 7.
21. БМД ҶУз. Х. 837, н. 6, д. 89, в. 62.
22. НА Уз., Ф. И-126, оп. 2, д. 1682, л. 6, об.ст. л. 6, л. 19, об.ст. л. 19 приведен персидский перевод этого текста, НА Уз.,ф. И-3, оп. 2, д. 722, л. 51; там же, л. 11, 50, 58.

## АДАБИЁТИ ИЛМӢ

23. Абулҳаев Р. Аз таърихи барпо ва мустаҳкам шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир (солҳои 1917 – 1924) [Матн] / Р. Абулҳаев. –Душанбе, 2022. – 352 с.
24. Абулҳаев Р. Аз таърихи фирориёни Тоҷикистон дар солҳои 20 – 90 – уми қарни XX [Матн] /Р. Абулҳаев. –Душанбе, 2018. – 272 с.
25. Абулҳаев, Р. Таърихи муҳоҷиркунӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1941) [Матн] /Р. Абулҳаев. Қисми якум. –Душанбе, 2003. – 268 с.
26. Абулҳаев, Р., Дӯстов, Ҳ. Нусратулло Махсум ва ба ватан бозгардонидани фирориён [Матн] / Р. Абулҳаев., Ҳ. Дӯстов // У истоков истории. 2011– 371 с.
27. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] /С.Айнӣ. – Сталинобод: НДТ, 1958. – Ҷ.1.– 360с.

28. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] /С.Айнӣ. – Душанбе, 2010. – 448 с.
29. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро [Матн] /С.Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
30. Айнӣ. С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005. –Ҷ 14. – 276 с.
31. Аламшоев, К. Шириншо Шотемур в истории возрождения Таджикской государственности [Текст] / К.Аламшоев. – Душанбе: Дониш, 2013. – 239 с.
32. Асозода, Х. Саргузашти устод Лоҳутӣ [Матн] / Х. Асозода. –Душанбе: Деваштич, 2008. – 300 с.
33. Аюбзод, С. Тоҷикон дар қарни бистум [Матн]:100 ранги сол /С. Аюбзод. – Прага: Пост Скртптум Имприматур,2002. – 350 с.
34. Бобохонов, М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон [Матн] / М. Бобохонов. – Душанбе: Маориф, 1999. – 471с.
35. Вафоев, А. Саноати бофандагии ҳозираи Тоҷикистон [Матн] / А. Вафоев. – Душанбе, 1964. – 68 с.
36. Гафуров, А. Ревкомы Таджикистана (1917-1924 гг.) [Текст] / А. Гафуров. – Душанбе, 2008. – 134 с.
37. Ғафуров, Б. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Ғафуров Бобоҷон. – Душанбе, 2023. – 446 с
38. Из истории индустриализации Таджикской ССР, 1926-1941гг [Текст]: Документы и материалы. – Душанбе: Ирфон, 1972. – Т.1. – 535 с.
39. Из истории коллективизации сельского хозяйства и колхозного строительства в Таджикской ССР 1926- 1937гг [Текст]: сборник документов и материалов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – Т. 1. – 728 с.
40. Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1924-1941 гг. [Текст]: сборник документов. – Душанбе: Ирфон, 1966. – Т.1. – 672 с.

41. Из протокола № 25 заседания Президиума ЦК КП Таджикистана «О посмертной реабилитации Нусратуллы Махсума», 26 июня 1964 г. // У истоков истории. – С. 260.
42. Известия ВЦИК и ЦК Бухарской коммунистической партий. – 1924. – 31 марта.
43. Икромӣ, Ҷ. Он чӣ аз сар гузашт [Матн]: ёддоштҳо / Ҷ. Икромӣ // Садои Шарқ, 2006. – 327 с.
44. История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 2004. – Т. 5. – 850с.
45. История таджикского народа [Текст]. – Новейшая история. –Душанбе, 2011. – Т.V1. – 742 с.
46. История Узбекистана [Текст] / Под. Ред. М. Муминова. – Ташкент, 1993. – Т.2. – 567 с.
47. Ленин, В. И. Асарҳо [Матн]. – Дашрдавтоҷик, 1958. – Ҷ.22. – 426 с.
48. Лукницкий, П. Таджикистан [Текст]: наша родина / П. Лукницкий. – Москва Молодая гвардия, 1951. – 368 с.
49. Макашов, А. В. Партави Октябр дар Бухоро [Матн] / А. В. Макашов. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 164 с.
50. Масов, Р. Таърихи тоҷикон бо муҳри “комилан сиррӣ” [Матн] / Р. Масов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 192 с.
51. Масов Р. История топорного разделения / [Текст] Р. Масов – Душанбе, 1991. – 192 с.
52. Масов Р. Таджики: история национальной трагедии / [Текст] Р. Масов. – Душанбе, 2008. – 535 с.
53. Масов, Р., Султонов Ш. Глазами совестя [Текст] / Р. Масов., Ш. Султонов // Цит. по кн.: Фир Р., Хашим Р. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 296 с.
54. Маҳмудов, Д. Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX [Матн] / Д. Маҳмудов. – Душанбе, 2023. – С.74-75.
55. Муҳиддинов, А. Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби Уктобр чӣ дод? [Матн] / баргардонкунанда И. Саидзода. – Душанбе: «Дониш», 2025. – 90 с.

56. Муҳимтарин саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик [Матн] / Мураттибон Ҳотамов Н. Б.,Саъдиев Ш. С. Нашри дуюм. – Душанбе, 2010. – ?
57. Очеркҳои таърихи Партияи Коммунистии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 150 с.
58. Пирумшоев, Ҳ. Таърихи Дарвоз [Матн]: аз қадим то замони муосир /Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 704 с.
59. Пиров, Т.Т. Душанбе [Текст] / Т.Т. Пиров, Н.М. Назаршоев. – Душанбе, 2003. – 120 с.
60. Раҷабов, С.А., Шафир, М.А., Бобоҷонов, Н., Наимов, М. Дар оилаи бародаронаи халқҳои СССР [Матн] / С. А. Раҷабов., М.А. Шафир., Н.Бобоҷонов., М. Наимов. –Душанбе; Ирфон, 1982. – С. 15.
61. Салими, А. Сад ранги сад сол [Матн]: Тоҷикон дар қарни бистум / А. Салими. – Прага, 2002. – 345с.
62. Табаров, С. Мунзим –роҳбари ҷавонон ва раиси фирқаи ҷавонбухориён [Матн] / С. Табаров. – Душанбе,2004. – С.50-51.
63. Тахиров, Ф.Т. История государства и права Таджикистана 1917-1929 гг. [Матн] / Ф.Т. Тахиров. –Душанбе, 2001. – Том 2. Часть1. – 492 с.
64. Таърихи халки точик [Матн]. – Душанбе: Собириён, 2010. – 328с.
65. Усмонов, И. Тоҷикнома [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2018. – Ҷ.1. – 328с.
66. Усмонов, И. Тоҷикнома [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот,2018. – Ҷ.2. – 383с.
67. Усмонов, И., Давронов, Д. Таърихи матбуоти тоҷик [Матн] / И. Усмонов., Д. Давронов. – Душанб:Маориф, 1997. – 156 с.
68. Файзулла Ходжаев. Избранные труды [Текст]. – Ташкент: Фан,1970. – Т.1.– 498 с.
69. Фиш, Р., Хошим, Р. Глазами совестя [Текст] / Р. Фиш., Хшим, Р Душанбе: Ирфон, 1978. – 296 с.
70. Фитрат, А. Давраи хукмронии амир Олимхон [Матн] / А. Фитрат. – Душанбе, 1991. – 63 с.

71. Холида, А. Жизнь Садриддина Айни [Матн] / А.Холида. – Душанбе: Дониш, 1982. – 121с.
72. Ҳайдаршо Пирумшо., Қурбонидин Аламшо. Шириншоҳ Шоҳтемур [Матн] / Ҳайдаршо Пирумшо., Қурбонидин Аламшо. – Душанбе, 2018. – С.71 – 72.
73. Ҳакимов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2008. – Ҷ.2. – 492 с.
74. Ҳотамов Н.Б. Инъикоси революцияи Халқии Советии Бухоро дар асарҳои Садриддин Айнӣ.- Душанбе: Дониш, 1980. – 198с.
75. Ҳотамов Н.Б. Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро [Матн] / Н. Ҳотамов. – Душанбе:Дониш,2022. – 418с.
76. Ҳотамов Н.Б., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: китоби дарсӣ барои ихтисосҳои ғайритаърихи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н. Ҳотамов ва диг. – Душанбе, 2011. – 644 с.
77. Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: аз солҳои 60-умиасри 19 то соли 1924 / Н. Ҳотамов. – Душанбе: Амри илм, 2001. – 360 с.
78. Ҳотамов, Н. Б. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: аз солҳои 60-уми асри XX то соли 1924. – Душанбе, 2007. – Н.2. – 368с.
79. Ҳотамов, Н. Инъикоси революсияи халқии советии бухоро дар асарҳои Садриддин Айнӣ [Матн] / Н. Ҳотамов. – Душанбн: Дониш,1980. – 200 с.
80. Ҳотамов, Н., Довудӣ, Д., Муллоҷонов, С., Исоматов, М. Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Н. Ҳотамов., Д. Довудӣ, ва диг. – Душанбе: ЭР-граф, 2011.– 258с.
81. Ҳотамов, Н.Б. Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-ӯми асри XIX то соли 1924) [Матн]: Нашри дуюм. Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо / Н.Б. Ҳотамов. – Душанбе, 2007 – 368с.
82. Ҳоҷибоев, А. Ҷумҳурияти автономии Тоҷикистон [Матн] / А.Ҳоҷибоев. – Тошканд – Сталиноб: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1930. – 56 с.

83. Шакурӣ, М. С.Айнӣ равшангари бузурги таърих [Матн] / М. Шакурӣ. – Хуҷанд: Н.Маърифат, 2001. – 104с

84. Шакурӣ, М. Фитнаи инқилоб дар Бухоро [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе,2010. – 139 с.

85. Шарифзода, Қ. «Бухорои Шариф» [Матн]: назаре пас аз 100 сол / Қ. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 100 с. С. 13-14.

86. Шаҳобиддинов, М. Осори умр [Матн] / М. Шаҳобиддинов. – Душанбе,1983. – 40 с.

87. Эркаев М. Барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти советӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М. Эркаев. – Сталинобод,1956. –100 с.

88. Эркаев, М. Ячейкаҳои коммунистӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М. Эркаев. –Душанбе: Ирфон, 1967. – 84 с.

## МАҚОЛАҲО АЗ РӮЗНОМА ВА МАҶАЛЛАҲОИ ИЛМӢ

89.Акрамов М. Политические рапрессии в Таджикистане в 30-х годах XX века [Текст] / М. Акрамов // Муаррих. –2023. – № 3 (35). – С. 57.

90. Аламшо, Қ. Шоҳтемур номуси миллат [Матн] / Қ. Аламшо // Нақлиёт. – 2009. – № 15. – С.35

91. Ализода, Б.П. Таҳаввули ташаккули низоми идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / Б. П. Ализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. – №1. – С.85.

92. Верховский, В. Чӣ гуна миллатчиёни буржуазӣ ба халқи тоҷик зарар расонданд [Матн] / В. Верховский // Правда. – 1937. – 12 сентябр

93. Выписка из протоколоа № 2 заседания Таджикского Ревкома Узбекской ССР, 20 октября 1924 г. [Текст] // Аламшоев К. Где бы то ни было, среди таджиков. –Душанбе, 2016. – С. 257.

94. Ғафуров, А. Саҳми Нусратулло Махсум дар поягузории давлатдории милли тоҷикон [Матн] / А. Ғафуров // У истоков истории. – 1964. – С.332.

95. Ғаффоров, Н. Ҷадидия ва шинохти он [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо ва гузоришоти илмӣ / Н.Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 2013. – С.4-5
96. Ғаффоров, У. Абдуқодир Муҳиддинов [Матн] / У. Ғаффоров //Тоҷикистон. – 1990. – №9. – С.8-9
97. Ғаффоров, У. Акси садо [Матн] / У. Гаффоров // Маҷаллаи Омӯзгор. – 1989. – 7 ноябр.
98. Давлятова, Е. В. Абдулкадыр Мухитдинов — Выдающийся общественно-политический деятель 20-х годов [Текст] / Е. В. Давлятова // Известия Академии Наук Республики Таджикистан Серия: Востоковедение, История, Филология. – Душанбе. – 1993. – № 1-2 (29-30)
99. Давлятова, Е.В. Деятельность руководящих национальных кадров Таджикистана в 1917-1937гг. – Душанбе, 1994. – 203с.
100. Доклад Председателя ЦИК Тадж. ССР тов. Нусратулла Максума. [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1931. – 25 февраля.
101. Доклад Председателя ЦИК Таджикистана Нусратуллы Махсума на III Чрезвычайном съезде Советов Таджикской АССР «Такие три года история знает впервые» (об успехах хозяйственного строительства республики с 1926 по 1929 гг.) 18 октября 1929 г. [Текст] // Правда Востока. – 1929 . – №243 (2039). – 18 октября
102. Запрос Партийной комиссии при ЦК КП Таджикистана Партийной комиссии при ЦК КПСС о высылке персонального дела об исключении из рядов Коммунистической партии Нусратуллы Махсума, 23 апреля 1964г. [Текст] // У истоков истории. – 1964. – С. 259.
103. Иброҳим Усмонов, Ҷумахон Набот. Абдулкадыр Муҳиддинов: «вытянуть народ из тьмы средневековья [Текст] / У. Иброҳим, Ҷ.Набот // Газетаи муаллимон. –1989. – 21 феквраl.
104. Из протокола № 30 заседания Партийной Комиссии при ЦК КП Таджикистана, 14 июля // У истоков истории. – 1964. – С. 263.
105. Икромӣ Ҷ. Сухан ба ман [Матн] / Ҷ. Икромӣ // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1933. – № 8-9. – С. 32 - 37.

106. Қодиров, А., Ҷалилов, Ш. Нахустраис [Матн]: аз рӯзгори раиси КИМ-и ҷумҳурият Нусратулло Махсум / А. Қодиров., Ш. Ҷалилов // Илм ва ҳаёт. –1991. – № 6. – С.
107. Маҳмудов Д. Муборизи роҳи адолат [Матн] / Д. Маҳмудов. // Самак. – 2017. – 29 ноябр.
108. Масов, Р., Султонов, Ш. Всетаджикская староста [Текст] / Р. Масов Ш. Султонов // Коммунист Таджикистана. –1988. – 10 декабря.
109. Масов, Р. Фарёди қурбониён [Матн]: нидо аз сафҳаи таърих / Р. Масов // Дарси хештаншиносӣ. Дафтари дуюм, маҷмӯи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1991. – С. 58.
110. Масов, Р., Султанов. Ш, Абдулкадыр Муҳиддинов [Текст]: вытянуть народ из тьмы средневековья / Р. Масов., Ш. Султанов // Коммунист Таджикистана. –1989. – 22 октябр.
111. Масов, Р., Султонов, Ш. Меҳтари Тоҷикистон [Матн]: рӯзгори нахустин раиси КИМ-и республика дар ҳуҷҷатҳои таърих / Р. Масов., Ш. Султонов // Тоҷикистони советӣ. –1989. – 8 январи.
112. Масов. Р, Султонов, Ш. Всетаджикская староста // Коммунист Таджикистана. –1988. – 10 дек.
113. Маҳмудов, Д. Талош барои бозпасгирии Хуҷанд аз ҶШС Ӯзбекистон [Матн]: аз силсилаи «Аввалин сарвазири Тоҷикистон» // Миллат. – 2016. – 13 ва 20 апрел.
114. Муҳиддинов, А. Тоҷикистон ҳафтумин ҷумҳурияти иттифоқ мешавад [Матн] А. Муҳиддинов // Раҳбари дониш. – 1929. – №10,11.
115. Муҳиддинов, А. Лоҳути ва инкишофи адабиёти Пролетарияи тоҷик [Матн] / А. Муҳиддинов // Тоҷикистони сурх. –1933.–17 июн
116. Муҳиддинов, А. Аз аҳволи Бухоро [Матн] / А. Муҳиддинов // Вақт. – 1910
117. Муҳиддинов, А. Баъд аз хун ва оташ [Матн] / А. Муҳиддинов //Бухоро ахбори. – 1920

118. Муҳиддинов, А. Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё узбак? [Матн] / А. Муҳиддинов // Раҳбари доииш. – 1928. – С.8, 9; 15-18.
119. Муҳиддинов, А. Сохти давлати Бухорои инқилобӣ [Матн] / А. Муҳиддинов / Бухоро ахбори. – 1920. – № 5. – 11октябрь.
120. Муҳиддинов, А. Фикрҳои мо дар бораи забони адабии тоҷикӣ [Матн] / Ҳозиркунандагони чоп И. Усмонов., Ҷ. Набот // Газетаи муаллимон. – 1989. – 21 феврал.
121. Муҳиддинов, А. Ҷавоб ба муносибати ҷашни дусолаи Ҷумҳурияти Тоҷикистон [Матн] / А. Муҳиддинов //Овози тоҷик. – 1927. – №122-148. – С.3
122. Муҳиддинов, Э. Барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ [Матн] // Ваҳдат, Давлат, Президент.–Душанбе, 2016. – Ҷ. XXVI. – С. 186-187.
123. Мухиддинов А. По Восточной Бухаре [Текст] / А. Мухиддинов //Народное Хозяйство Средней Азии. – 1921. – № 2. – С. 69.
124. Набави, А. Масъалаҳои милли дар маҷаллаи «раҳбари дониш» [Матн] / А. Набави // Садои шарқ. – 1990. – С.96-97
125. Наботов, Ҷ. Муҳиддйнов Абдулқодир [Матн] / Ҷ. Наботов. – ЭА ва СТ: Душанбе,1989. – С.388
126. Наботов. Ҷ. Дили бедор [Матн] / Ҷумъахон Наботов // Тоҷикистони советӣ. –1988. – 2 декабр.
127. Нусратулло Махсум [Матн] // маҷмӯаи мақолаҳо доғҳои сиёҳи таърихи Тоҷикистон Ҳақиқати таърих. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 123-134
128. Пойдевори ҳамаи комёбиҳо ваҳдати миллист [Матн]: матни суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими таҷлили рӯзи Ваҳдати миллӣ // Минбари халқ. –2006. – 27 июн
129. Рахимбаев, А. Превратим Таджикистан в образцовую советскую республику [Текст] / А. Рахимбаев // Коммунист Таджикистана. – 1933.– № 297. – 28 декабр,

130. Сангалиев, Б. Кумитаи Инқилобӣ – аввалин мақомоти олии идоракунии давлатии ҶМШС Тоҷикистон [Матн] / Б. Сангалиев // «Тоҷикистон дар масири таърих». Бахшида ба 95 солагии эъломияи таъсисёбии ҶМИШ Тоҷикистон; маводи конфронси илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ. –Душанбе: Сино, 2020. – С. 112 – 113.
131. Туркестанская правда. – 1924. – 31 марта.
132. Убайдуллоев, Н.К. Барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ ва дигаргунсозиҳои соҳаи маориф то таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон [Матн] /Н. К. Убайдуллоев // Зинаи ҳалкунанда дар эҳёи давлатдории тоҷик. – Душанбе, 2011. – С. 114 – 137.
133. Умари, Ш. Абдуқодир Муҳиддинов – Нахустсарвазир, Арбоби сиёсӣ, публитсист [Матн] / Ш. Умари // СССР . – 2022. – 18 март
134. Ҳотамов, Н. Чист таърих? Эй зи худ бегонае…[Матн] / Н. Ҳотамов // Паёми Душанбе. – 2014. –18 декабр.
135. Ҳотамов, Н. Эътирози миллӣ [Матн] / Н. Ҳотамов // У истоков истории . – 1964. – С.456.
136. Хотамов, Н. Б. Абдукадыр Муҳиддинов – Судьба политика [Текст] / Н. Б. Хотамов // Историк. – 2021.–20-29
137. Шакурӣ, М. Б, Матлубаи Мирзоюнус, Субҳони Аъзамзод [Матн]: Абдураҳим Ҳоҷибоев ва исботи ҳастии маънавии тоҷикон / М. Б. Шакурӣ // Озодагон. – 2010. – 19 майи.
138. Шарифзода, Қ., Пайванди, Г. Мусоҳиба бо Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ [Матн]: Айнӣ пешвои маънавии тоҷикон аст // Овози тоҷик. – 2020. – 30 октябр.
139. Эргашев, Б. Первый таджикский премьер [Текст] / Б. Эргашев // Коммунист Таджикистана. – 1989. – № 10. – С. 78 – 81;
140. Эргашев, Б. Нахустин сарвазири тоҷик [Матн] / Б. Эргашев // Комунистои Тоҷикистон. –1989. – №10. – С.78

## ДИСЕРТАТСИЯҲО ВА АВТОРЕФЕРАТҲО

141. Ализода Б. П. Становление и развитие государственного управления в Таджикистане (1917-2015) [Текст]: автореферат дис. ... д.и.н / Б.П. Ализода. – Душанбе, 2022. – 61 с.

142. Гафаров, Н.У. Культурно-просветительская деятельность джадидов в Бухарском эмирате, начало XX века [Текст]: диссертация ... кандидата исторических наук: 07.00.02. – Душанбе, 1999. – 221 с.

143. Гафуров, А.М. Деятельность революционных комитетов Таджикистана (1917-1927 гг.) [Текст]: автореферат дис. ... кандидата исторических наук: 07.00.02. – Душанбе, 1998. – 28 с.

144. Гафуров, А.М. Деятельность Революционных комитетов Таджикистана, 1917-1924 гг. [Текст]: диссертация ... кандидата исторических наук : 07.00.02. –Душанбе, 1998. – 180 с.

145. Давлятова, Е.В. Деятельность руководящих национальных кадров Таджикистана в 1917-1937 гг. историограф. Аспект [Текст]: диссертация ... кандидата исторических наук: 07.00.09. – Душанбе, 1994. – 203 с.

146. Давлятова, Е.В. Деятельность руководящих национальных кадров Таджикистана в 1917-1937 гг. историографический аспект [Текст]: автореферат дис. ... кандидата исторических наук: 07.00.09. – Душанбе, 1994. – 21 с.

147. Махмудов, Д. Х. Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX. [Матн]: Дисс...барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PHD / Д. Х. Махмудов. – Душанбе, 2025. – С. 52.

## МАНОБЕИ ЭЛЕКТРОНӢ

148. Иршод, С. Абдуқодир Муҳиддинов доротарин фарзанди Бухоро – вомондаи хиёнат ва қаҳрамонӣ [Манобеи электронӣ] / С.Иршод // halva.tj. – сани дастрас. – 23.07.2024.

149. Иршод, С. Чаро Абдуқодир Муҳиддинуф Понтуркист шуд? [Манобеи электронӣ] / С.Иршод // Halva.Tj. – санаи дастрас. – 10.07.2024.

150. Мухитдинов, А. Биография государственного деятеля — РУВИКИ [Электрони ресурси] //ruwiki.ru. – сани дастрас. – 12.07.2024.
151. Сайфуллоҳи Муллоҷон Воқеъа Тақсимоти миллӣ-марзӣ дар Осиёи Миёна ва пайомадҳои он [Манобеи электронӣ] / Сайфуллоҳи Муллоҷон // saifullohimullojon. blogspot.com) санаи дастрас 05.07.24.
152. Справочник по истории Коммунистической партии и Советского Союза 1898 - 1991http [Электронний ресурси]: //www. knowbysight. info/ МММ/15659.asp, (дат.обр.10.11.2025)
153. Таъсири сарнагун намудани ҳукумати подшоҳии Русия ба Аморати Бухоро ва болоравии ҳаракати ислоҳотхоҳ [Манобеи электрони] //TojiKon.Net.– сани дастрас 26.02.2024
154. Таъсисёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ] //(Donish.Org) сани дастрас 10.02.2024.
155. Ҷадидия — Википедия [Манобеи электрони] //wikipedia.org. – санаи дастрас. – 10.06.2024
156. Эсонов, И. Вақт машинаси [Манобеи электронӣ]: Абдуқодир Муҳиддин ӯғли / И. Эсонов // eltuz.com. – санаи дастрас. – 03.07.2024
157. https://ru.wikipedia.org/wiki/ [Электроний ресурси] // Мансуров Мирзо Мухиддин. – дата доступ. – 01.12.2024
158. https://**rp-net.ru**›store/element.php…Чиркин. С. В. Двадцать лет службы на Востоке [Электроний ресурси]. – Москва:Русский путь, 2006. – 354с. дата доступ. – 07.09.2024
159. https: //ru. ruwiki. Ru /wiki/ Младобухарцы [Электроний ресурси]: дата доступ. – 15.10.2024
160. Галины Дзутцевой Посвящается 90-летию придания городу статуса столицы [Электроний ресурси]: https: // vecherka. tj/archives/39028 дата доступ. – 12.04.2025
161. Гафуров, А. Назаршоев, Н. М. Сокровища династии Мангитов [Электроний ресурси]: https://ravshanfikr.tj/to-ikon-dar-masiri-ta-rikh/sokrovishcha-dinastii-mangitov.html /

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

Таълифоти муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**[1-М]. Саидзода, И.А.** Абдуқодир Муҳиддинов-ходими барҷастаи давлатӣ ва сиёсии солҳои 20-уми асри XX [Матн] / И. Саидзода // Муаррих. – 2023. – №4(36). – С.70-77

**[2-М].Саидзода, И.А.** Историографический обзор иследований о жизнедеятелности А. Муҳиддинова [Текст] / И. Саидзода // Историк. – 2024.–№2(38). – С.19-24.

**[3-М]. Саидзода, И. А.** Абдуқодир Муҳиддинов ва рисолаи ӯ «Ба деҳқонони Тоҷикистон Инқилоби октябр чӣ дод?» [Матн] / И. Саидзода // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. – 2024. – №3. – С.247-251.

**[4-М]. Саидзода, И. А., Ғафуров А.М.** Инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар таҳқиқоти Абдуқодир Муҳиддинов [Матн] / И. А. Саидзода., А.М. Ғафуров // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. – 2025. – №4. – С.331-336.

### Мақолаҳое, ки дар конференсияҳо ва симпозиумҳо чоп гардидаанд:

**[5-М]. Саидзода, И. А.** Фаъолияти А. Муҳиддинов дар солҳои мавҷудияти ҶХШБ (1920-1924) [Матн] / И. А. Саидзода // маҷмуаи мақолаҳои Конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Таъсиси ҶХШБ ва накши он дар тақдири халқи тоҷик» ба ифтихори 100 солагии таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро -13- уми ноябри соли 2020. – Душанбе: Дониш,2020. – С.117-125

**[6-М]. Саидзода, И. А.** Инъикоси фаъолияти идоракунии давлатӣ ва ҳизбии А. Муҳиддинов дар осори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / И. Саидзода //маҷмуаи мақолаҳои Конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони

«Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҷдид ва рушди фарҳангӣ миллӣ» -28- уми октябри соли 2025. – Душанбе: Нашриёти АИДНПҶТ,2025. – С.145-152

**[7-М]. Саидзода, И. А.** Андешаҳои Абдуқодир Муҳиддинов оид ба масалаҳои муҳимми таърихи ибтидои Ҳукумати Шуравӣ дар Осиёи Миёна [Матн] / И. Саидзода // маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши олимони ватанӣ дар таҳқиқ ва рушди илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ» -Душанбе, 27 ноябри соли 2025. – Душанбе, 2025. – С.87-97.